# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ОКТЯБР-ДЕКАБРИ 2018

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Акбар Назаров**, бонкдор
**Нигина Қурбоналиева**, иқтисодчӣ
**Хайрзода Шукрулло**, иқтисодчӣ
**Зебуннисо Фаттидинова**, иқтисодчӣ
**Рахматшо Сайисмонов**, коршинос

ҲАМКОРӢ БО САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ САМАРАИ ХУБ МЕОРАД 21

ПОВЫШЕНИЕ УРОВНЯ ФИНАНСОВОЙ ГРАМОТНОСТИ – ЗАЛОГ ЗДОРОВОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ 44




## Оғози кори НБО-и «Роғун», кохи бузурги нури миллат муборак бошад!



**Дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати зиёд афзоиш меёбад, ки ин, дар навбати худ, боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҷиддии нигаронкунанда миёни соҳаҳои иқтисодиёт мегардад.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

# Даҳсолаи байналмилалии амал “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР

солҳои 2018-2028”

# ДАР ИН ШУМОРА:»


**3**
**АГРЕГАТИ АВВАЛ, НУРИ АВВАЛ ВА НАХУСТШӮЪЛАИ ЧАРОҒИСТОНИ БУЗУРГИ МИЛЛАТРО БА ҲОЗИРИНИ АРҶМАНД СИДҚАН ВА САМИМОНА ТАБРИК МЕГӮЯМ**
Ин санаи таърихӣ дар таърихномаи навини Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр бо ҳарфҳои заррин сабт ва боиси …

**8**
**РОҒУН ҲАЁТУ МАМОТИ ТОҶИКИСТОН АСТ!**
Бунёди пурраи ин кохи нур роҳи асосии ба истиқлолияти комили энергетикӣ ноил шудани Тоҷикистон буда …

**24**
**САҲМГУЗОР АСТ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРӢ**
Изҳори боварӣ карда шуд, ки натиҷаҳои форум, мувофиқаҳои бадастомада ва созишномаҳои дар доираи …





**34**
**ЗАМИНАГУЗОРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА АМАЛИСОЗИИ УНСУРҲОИ ОН**
Мақсади асосии ташкили бонкдории исломӣ ин таъмин намудани манфиатҳои муштариён дар асоси принсипҳои адолат ва ростқавлӣ мебошад.






**50**
**СҲШ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ**
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлисҳои СҲШ ҳамчун узви комилҳуқуқ иштирок намуда, борҳо ҷаласаҳои ин созмонро дар пойтахти худ шаҳри Душанбе …

**44**
**ПОВЫШЕНИЕ УРОВНЯ ФИНАНСОВОЙ ГРАМОТНОСТИ – ЗАЛОГ ЗДОРОВОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ**
Во многих развитых странах повышение финансовой грамотности является элементом государственной политики.

**57**
**НАҚШИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ ДАР РУШДИ ҶОМЕАИ НАВИН**
Маҷмӯи чорабиниҳое, ки аз ҷониби давлат ва ҷомеа амалӣ карда мешаванд, муносибати байни муштариён ва ташкилотҳои молиявиро танзим менамоянд.

**60**
**АТМХТ ЁВАРИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ХУРД АСТ**
Муваффақиятҳои низоми маблағгузории хурд дар кишварамон аввалан дар заминаи ҳамкории шарикона ва баъдан дар асоси фаъолияти шаффофона …

**65**
**ОЁ РУСИЯРО ЗАРУР АСТ БА БЕҚУРБШАВИИ РУБЛ ОМОДАГӢ БУБИНАД?**
Коршиносон бар ин назаранд, ки вазъияти феълии иқтисодиёт аз оне, ки 20 сол пеш вуҷуд дошт ба куллагӣ фарқ мекунад. Ва сабабҳо барои коҳишёбии рубл низ тамоман дигаранд.

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:»

**24** САҲМГУЗОР АСТ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРӢ





**30**
**ТАТБИҚИ ИСЛОҲОТ, ФИШАНГҲОИ МУОСИРИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР ТАДҚИҚОТИ ОЛИМОНИ ҶАВОН**
Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи таҳсил дар донишгоҳи мазкур дар он аст, ки ба ғайр аз омӯзиши ҷанбаҳои асосии иқтисодиёт, таваҷҷуҳи донишҷӯён бештар ба таҳкими иқтидори тадқиқоту илм равона карда мешавад.



**21**
**ҲАМКОРӢ БО САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ САМАРАИ ХУБ МЕОРАД**
Аз соли 2012 то ҳол бонк аз тарафи Оҷонсии байналхалқии рейтингии “Moody’s Investors Service” мавриди баҳогузорӣ қарор мегирад, ки ин ба саҳомони хориҷӣ барои қабул кардани қарор оид ба пешниҳоди сармоя мусоидат мекунад.

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
4 (83) Октябр-декабр, 2018

**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**

РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нурмаҳмадзода
Аъзои Шӯрои машваратӣ:
Ҷ.Нуралиев, Ф.Ҳамрализода, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 286 нусха. Дар матбааи ҶДММ “POLYGRAPHGROUP” чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.



Суханронӣ дар маросими оғози кори агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун» 16.11.2018 19:01, шаҳри Роғун

# АГРЕГАТИ АВВАЛ, НУРИ АВВАЛ

## ва нахустшӯълаи чароғистони бузурги миллатро ба ҳозирини арҷманд сидқан ва самимона табрик мегӯям

**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ! БУНЁДКОРОНИ НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ «РОҒУН»! МЕҲМОНОН ВА ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!**

Имрӯз шодиву нишоти мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳадду канор надорад, чунки орзуи чандинсолаи хурду бузурги кишвар – ба кор оғоз кардани агрегати якуми иншооти тақдирсози мамлакат - нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ва истеҳсоли барқи аввалин дар он амалӣ гардид.

Ин санаи таърихӣ дар таърихномаи навини Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр бо ҳарфҳои заррин сабт ва боиси ифтихору сарфарозии наслҳои имрӯзу ояндаи халқамон мегардад.

Ба ин муносибат кулли сокинони мамлакат ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона ва сидқан табрик менамоям.

Ин лаҳзаҳои таърихиро, ҳамчунин, ба шумо, бунёдгарони ин кохи бошукӯҳи нур, ки дар майдони заҳмати созанда, саҳнаи нангу номуси миллӣ шуҷоату матонат ва эҳсоси гарми ватандӯстӣ



нишон додед, табрик мегӯям ва ба ҳар яки шумо аз номи тамоми мардуми тоҷик, аз номи худ ва Ҳукумати Тоҷикистон миннатдории самимӣ изҳор менамоям!

Ҳукумати мамлакат, бо вуҷуди мушкилоти зиёди молиявию иқтисодӣ, аз рӯзҳои аввал бо дарки масъулияти бузург дар назди мардуми тоҷик тамоми захираву имкониятҳои мавҷударо ба бунёди нерӯгоҳ ва фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ барои мутахассисону коргарони он сафарбар намуд.

Зеро мо амиқан дарк мекардем, ки «Роғун» омили муҳимтарини пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар, зиндагии осудаи мардум, яъне оянде ободи Тоҷикистони маҳбубамон мебошад.

Дар натиҷаи тадбирҳои дар ин самт амалинамудаи Ҳукумат ва ба шарофати заҳмати содиқонаи шумо, бунёдгарони ин иншооти таърихӣ имрӯз мо ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон - таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, яъне шарти асосии ҳалли масъалаҳои муҳимтарини иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва дар айни замон тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ хеле наздик шудем.

Чунки «Роғун» бо истифода аз манбаи таҷдидшавандаи истеҳсоли нерӯ ва барқи аз лиҳози экологӣ тозаи худ ба ҳамаи кишварҳои минтақа хизмат карда, обанбори он барои танзими захираи об, хусусан, дар солҳои камобиву хушксолӣ нақши бузург хоҳад бозид.

Қобили зикр аст, ки корҳои сохтмону васли таҷҳизот дар неругоҳ бо риояи стандартҳои байналмилалӣ, ташхиси ҳамаҷониба аз ҷониби коршиносони баландихтисосу соҳибтаҷриба ва ҷалби ширкатҳои бонуфузи ҷаҳон анҷом дода шуданд ва ин кор то анҷоми пурраи иншоот идома пайдо хоҳад кард.

Махсус таъкид месозам, ки корҳои ташхиси лоиҳа аз ҷониби беҳтарин мутахассисону коршиносони Бонки умумиҷаҳонӣ панҷшаш сол идома пайдо карданд.

Бунёди сарбанди нерӯгоҳ, ки сатҳи баланди касбият ва таҷрибаи зиёдро тақозо менамояд, ба уҳдаи ғолиби тендери байналмилалӣ - Ширкати итолиёии “Салини Импреҷило” вогузор гардидааст.



Тавре ки ҳамватанони азизамон дар ёд доранд, мо 29-уми октябри соли 2016 маҷрои дарёи Вахшро тағйир додем, ки ин ба бунёди таҳкурсии пешдарғоти сарбанди 335-метраи неругоҳ асоси боэътимод гузошт.

То имрӯз бунёди толори мошинҳо ва трансформаторҳо, ки дар зери кӯҳ ҷойгир шудааст, бо насби қисми агрегатҳо амалӣ гардидааст, ки дар ҷаҳон назир надорад.

Ман аз номи Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон ба созмонҳои байналмилалии молиявӣ, ҳамаи муҳандисону мутахассисони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла роҳбарону кормандони ширкатҳои бонуфузи чандин кишварҳои хориҷӣ, ки васлу насб ва банду басти таҷҳизоти гидрогенератори агрегати шашуми нерӯгоҳро бо сифати баланд ва дар мӯҳлати муқарраршуда анҷом дода, ҳоло чунин корро дар агрегати панҷум идома дода истодаанд, миннатдории самимӣ баён менамоям.

»

Қобили зикр аст, ки корҳои сохтмону васли таҷҳизот дар нерӯгоҳ бо риояи стандартҳои байналмилалӣ, ташхиси ҳамаҷониба аз ҷониби коршиносони баландихтисосу соҳибтаҷриба ва ҷалби ширкатҳои бонуфузи ҷаҳон анҷом дода шуданд ва ин кор то анҷоми пурраи иншоот идома пайдо хоҳад кард.

Корҳои сохтмону васлкунӣ дар нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» бо ҷалби 67 ташкилоту муассисаҳо, пудратчиёни номдори ватаниву хориҷӣ ва шумораи умумии зиёда аз 22 ҳазор нафар мутахассисону коргарон, ки беш аз 90 фоизи онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд, инчунин, бо истифодаи 3600 мошину механизмҳо амалӣ гардида истодаанд.

Қобили зикр аст, ки бунёди ин нерӯгоҳ аз ҳар шахсе, ки дар он иштирок мекунад, пеш аз ҳама, нақбканҳо ва умуман, ҳамаи




мутахассисону коргарон заҳмати сахт ва матонати зиёдро талаб мекунад, зеро 90 фоизи корҳо дар зери замин анҷом дода мешаванд.

Воқеан, неругоҳи «Роғун» барои ҳамаи ширкатҳои ватаниву хориҷӣ мактаби бисёр нодир буда, ҳазорон нафар мутахассисони соҳибтаҷрибаи тоҷикро ба бозори байналмилалии сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ омода карда истодааст.

Бовар дорам, ки таҷрибаи бойи мутахассисони Тоҷикистон дар оянда на танҳо дар дохили кишвар, балки дар мамолики дигар низ васеъ истифода хоҳад шуд.

## ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

Дар кишвари мо тайи 27 соли истиқлолияти давлатӣ бо мақсади афзоиш додани иқтидорҳои истеҳсолии соҳаи энергетика, таҳкими низоми энергетикӣ, баланд бардоштани сифат ва эътимоднокии таъминоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёту иҷтимоиёт бо барқ, дастрасии доимии муштариён ба нерӯи барқ ва кам намудани талафоти техникии он, дар маҷмӯъ, 25 лоиҳа ба маблағи умумии 23 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло татбиқи 9 лоиҳаи дигар ба маблағи умумии 6 миллиард сомонӣ идома дорад.

Дар баробари ба истифода супоридани иншооти навбати аввали нерӯгоҳи "Роғун" ва истеҳсоли барқи аввал, ки ҳоло мо шоҳиди ин рӯйдоди таърихӣ гардидем, то имрӯз дар дигар иншооти асосиву ёрирасони он низ корҳои зиёде анҷом ёфтаанд.

Аз ҷумла бунёди хатти интиқоли барқи 500-киловолтаи "Роғун- Душанбе" ба маблағи 745 миллион сомонӣ ва зеристгоҳи барқии неругоҳ бо харҷи 630 миллион сомонӣ сохта ва ба истифода дода шуд.

Ба шарофати иншооти зикршуда чанд лаҳза пеш нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ба шабакаи ягонаи энергетикии Тоҷикистон пайваст гардид ва барқи истеҳсоли "Роғун" ба хонадони ҳар як сокини кишвар расид.

Корҳои сохтмону васлгарӣ дар нақбҳои сохтмонии якуму дуюм пурра ба анҷом расонида шуданд ва нақби сохтмонии сеюм низ, ки бо тавсияи коршиносони Бонки умумиҷаҳонӣ ба хотири таъмини бехатарии иншоот ҳангоми серобии эҳтимолӣ ба нақша

гирифта шудааст, дар муҳлати муқарраргардида сохта шуд.

Барои ба истифода додани агрегатҳои минбаъда корҳо дар нақбҳои нақлиётиву ёрирасон низ вусъат ёфта истодаанд ва бо итминон гуфта метавонем, ки агрегати дуюми нерӯгоҳ тибқи нақша соли 2019 ба кор андохта мешавад.

Хотирнишон месозам, ки марҳалаи имрӯза ҳанӯз оғози кор буда, барои пурра ба анҷом расонидани корҳо дар нерӯгоҳ вақт ва заҳмати зиёд зарур аст. Вале бо дарназардошти таҷриба ва натиҷаҳои то имрӯз бадастовардаамон дилпурона изҳор медорам, ки мо бунёди нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»-ро дар муҳлати муқарраргардида ба анҷом мерасонем.

Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози корҳои сохтмон то имрӯз иншооти нерӯгоҳро аз ҳисоби буҷети давлат дар ҳаҷми умумии 24 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ намуд.

Танҳо барои иҷрои корҳои сохтмони пешдарғот аз соли 2016 то инҷониб сеюним миллиард сомонӣ сарф шудааст.

Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дар хотир доранд, ки ман 5-уми январи соли 2010 ба онҳо муроҷиат намуда, даъват карда будам, ки саҳми худро дар бунёди нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», яъне манбаи нуру гармии хонадони хеш гузоранд.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш ба ҳамаи онҳое, ки даъвати моро пазируфта, саҳмияҳои нерӯгоҳро харидорӣ карданд ва барои оғози корҳои сохтмони он саҳми ватандӯстона гузоштанд, миннатдории самимӣ баён мекунам.

Дар ин рӯзи саиду муборак ба намояндагони ҳамаи ширкатҳои хориҷие, ки дар ин иншооти тақдирсози халқи мо паҳлу ба паҳлу бо бунёдкорони тоҷик заҳмат мекашанд, инчунин, ба аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъияти саҳҳомии «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» изҳори сипос карда, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаашон барору комёбиҳои нав орзу менамоям.

Азми қатъӣ ва иродаи матини фарзандони ватандӯст ва бонангу номусе, ки ҳоло дар ин майдони заҳмати мардона мушоҳида мегардад, моро баояндаи ободи Тоҷикистони азизамон умеди қавӣ мебахшад.

Баъди гузашти айём мову фарзандонамон бо ифтихор хоҳем гуфт, ки нерӯгоҳи «Роғун» - ин кохи бузурги нури миллатро мо бо заҳмати худамон, яъне бо саъю талоши халқи бузургворамон ва бо ҳамкории беҳтарин мутахассисони кишварҳои дунё бунёд кардем.

«Роғун» баъди пурра ба кор даромадани он боргоҳи бузурги нуру гармӣ мешавад, орзуи чандинсолаи миллати тамаддунсози мо амалӣ мегардад ва кулли нияту нақшаҳои мардуми шарифи тоҷик ба воқеият табдил меёбанд.

«Роғун» имрӯз ва дар оянда низ мояи ифтихори ҳар як фарди Ватан, сарчашмаи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва эҳсоси гарми ватандориву сарбаландии мардуми тоҷик хоҳад буд!

Бори дигар, агрегати аввал, нури аввал ва нахустшӯълаи чароғистони бузурги миллатро, ки ба ҳар хонадони кишвар расид, яъне оғози давраи нави ҳаёти ҷомеа ва давлатро ба тамоми мардуми сарбаланди Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол ва ҳамаи шумо, ҳозирини арҷманд сидқан ва самимона табрик мегӯям.

Оғози кори «Роғун» - кохи бузурги нур, шарти пешрафти устувори Ватан, рӯзгори обод ва рӯи сурхи ҳар як фарди мамлакат муборак бошад, ҳамватанони азиз!

Ҳазорон аҳсану офарин ба бунёдкорони «Роғун» - қаҳрамонони арсаи заҳмати созандаву мардона!

Шараф ба мардуми ватандӯсту ватанпараст, бонангу номус ва заҳматпешаву сарбаланди Тоҷикистон!

Халқи бузургвори ман! Хонадони ҳар як фарди ту аз нури «Роғун» то абад равшан, қалби хурду бузурги сокинонат то ҷовидон гарм аз меҳри Ватан бошад!

Ҷовидон бод истиқлоли давлати тоҷикон!

Пояндаву абадӣ бод сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон!

Роҳат сафеду пурнур, озодиву истиқлолат ҷовидонӣ, қадамҳоят ба сӯи фардои обод устувор ва хонадани ҳар як фарзандат пур аз хушбахтиву иқбол бошад, Тоҷикистони азиз!

**Ҳамеша саломату сарбаланд ва хушбахту хушиқбол бошед, ҳамватанони азиз!**

**www.president.tj**



# РОҒУН ҲАЁТУ МАМОТИ ТОҶИКИСТОН АСТ!

**Роғун – ободиву сарсабзии имрӯзу фардои Тоҷикистон, тараққиёти бесобиқаи саноату кишоварзӣ ва муҳимтар аз ҳама, рӯшноиву гармии шабонарӯзии ҳар хонадони мардуми мо мебошад!**

*Эмомалӣ Раҳмон*

16 ноябр – дар Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба кор даровvisualанд ва ба фаъолияти ин иншооти бузурги аср, ки ба рушду тараққиёти кишвар мусоидат хоҳад кард, оғоз бахшиданд. Сокинони Тоҷикистони соҳибистиқлол шоҳиди боз як рӯйдоди фараҳбахш ва фаромӯшнашуданӣ гардиданд, ки он чун яке аз рӯйдодҳои бузурги таърихи навини Тоҷикистон, бешубҳа дар китоби таърихи кишварамон бо ҳарфҳои заррин навишта хоҳад шуд. Ин лаҳзаҳо ҳамагонро ҳисси баланди ватандӯстӣ ва ифтихор аз ин миллату ин меҳан фаро гирифта буд. Шоистаи ифтихор ва сарбаландист, зеро сарбанди 335-метраи НБО «Роғун» баландтарин садди заминӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад, муҳимтар аз ин, неругоҳи мазкур барои ҷумҳурӣ аз ҷиҳати стратегӣ аҳамияти бузург дорад.

Ҷиҳати ширкат дар ин рӯйдоди таърихӣ намояндагони воломақоми Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Италия, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Белорус, Украина, Ӯзбекистон, Қазоқис-



тақрибан 70 километр болотар аз неругоҳи Норак қарор дорад. Он танзими бисёрсолаи ҷараёни оби дарёи Вахшро таъмин намуда, на танҳо истеҳсоли қувваи баркро дар маҷмуъ зиёд мекунад, балки муҳимтар аз он имконият фароҳам меорад, ки силсиланеругоҳҳои дарёи Вахш бо реҷаи имконпазир барқ тавлид намоянд. Ин кор, дар навбати худ на танҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ аз бисёр ҷиҳат аҳамият дорад.

> Бунёди пурраи ин кохи нур роҳи асосии ба истиқлолияти комили энергетикӣ ноил шудани Тоҷикистон буда, омили муҳимтарини таконбахши иқтисодиёти миллӣ, афзоиш ёфтани иқтидори содиротии кишвар ба шумор меравад.

тон, Қирғизистон ва ташкилоту созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд.

Чорабинии номбурда аз он ҷиҳат муҳим ва таърихӣ маҳсуб меёбад, ки онро бештар аз 200 нафар рӯзноманигорони ватанӣ ва хориҷӣ, агентиҳои иттилоотии бонуфузи байналмилалӣ аз Амрико, Италия, Олмон, Русия, Ҷопон, Британияи Кабир, Хитой, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо ба таври васеъ инъикос намуданд.



Неругоҳи барқи обии Роғун бузургтарин иншоот дар байни силсиланерӯгоҳҳои дарёи Вахш ба шумор рафта, дар 110 километрии шаҳри Душанбе ва

## ДИЛОВАРОНИ СОХТМОН БО МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ САРФАРОЗ ГАРДИДАНД

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 14 ноябри соли

ҷорӣ дар Қасри миллат ба ифтихори ба фаъолият оғоз кардани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба зиёда аз 100 нафар мутахассисони касбу кори гуногуни арсаи нангу номус мукофотҳои давлатӣ супориданд.

Қабл аз оғози маросими супоридани мукофотҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ҳозиринро ба муносибати рӯйдоди муҳими таърихӣ — ба кор андохтани агрегати аввалини Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва сарфароз гардиданашон бо мукофотҳои давлатӣ самимона табрик гуфтанд.

Сарвари давлат таъкид доштанд, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» иншооти муҳиму стратегии кишвар ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ роҳбарияти олии кишвар ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои бунёди неругоҳҳои хурду бузург дар қаламрави кишварамон ҳамаи захираву имкониятҳоро сафарбар намуд.

Таъкид гардид, ки бунёди пурраи ин кохи нур роҳи асосии ба истиқлолияти комили энергетикӣ ноил шудани Тоҷикистон буда, омили муҳимтарини таконбахши иқтисодиёти миллӣ, афзоиш ёфтани иқтидори содиротии кишвар ва муҳимтар аз ҳама, сабаби таъмин намудани сатҳи шоистаи зиндагии сокинони мамлакат мегардад.



Дар ин рӯзи хотирмон аз корманди одӣ сар карда, то экскаваторчӣ, васлгару ронанда, нақбкану кафшергар, пармагару барқчӣ, дуредгару муҳандис ва роҳбарони ширкатҳои сохтмонӣ, ки дар қитъаҳои гуногуни ҷабҳаи нангу номус бо садоқат ба давлату миллат заҳмат мекашанд, бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шуданд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии сохтмончиёни Неругоҳи барқи обии «Роғун» барои дастовардҳои баланди истеҳсолӣ, фаъолияти самаранок ва саҳми арзанда дар бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» 2 нафар бо Ордени «Шараф дараҷаи 2», 53 нафар бо Медали «Хизмати шоиста» ва 48 нафар бо «Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадр карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки нерӯгоҳи обии Норак бо ҳама бузургияш ва ҳам дар якҷоягӣ бо неругоҳҳои дигари Тоҷикистон наметавонист талаботи рӯзафзуни иқтисодиёти Тоҷикистонро бо қувваи барқ пурра таъмин намояд. Зеро норасоии барқ дар фасли зимистон ва мавридҳои кам шудани ҳаҷми оби дарёҳо ба назар мерасид. Бинобар ин, норасоии мазкур дар моҳҳои сарди сол аз ҷониби ҷумҳуриҳои ҳамсоя қонеъ гардонида мешуд. Бар ивази неруи барқи ба Тоҷикистон додаашон кишварҳои ҳамсоя дар фасли тобистон аз мо бозпас барқ мегирифтанд.

## САТРЕ ЧАНД АЗ ТАЪРИХИ СОХТМОНИ ИНШООТИ БУЗУРГИ АСР

Дар сафҳоти таърихи бунёди ин тавлидгоҳи бузурги барқ омадааст, ки неругоҳи барқи обии «Роғун» сохтмони азимест, ки ҳанӯз соли 1930 ба нақша ги-

рифта шудаву соли 1960 корҳои омӯзишӣ ва соли 1976 бунёдаш оғоз ёфтааст. Бо итминон метавон гуфт, ки он яке аз бузургтарин иншооти гидроэнергетикии дунё ба шумор меравад.

Сохтмони сарбанди неругоҳ соли 1987 оғоз ёфта, баландиаш дар соли 1993 ба 40 метр баробар шуда буд. Шурӯъ аз соли 1976 то соли 1993 корҳои зиёде дар сохтмони неругоҳи мазкур, аз қабили кандани нақби асосии зери сарбанду нақбҳои обпарто анҷом ёфта буданд. Тибқи санадҳои мавҷуда дар ин муддат зиёда аз 43 фоизи тамоми корҳои сохтмонии ин иншооти азим анҷом дода шуда буданд.

Солҳои ҳафтодуми асри гузашта омодасозии лоиҳаи бунёди Неругоҳи барқии обии Роғун оғоз ёфта буд ва иҷрои он ба ӯҳдаи шуъбаи осиёимиёнагии пажӯҳишгоҳи Гидропроекти Маскав дар шаҳри Тошканд вогузор гардид. Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки мавзеи сохтмони неругоҳи номбурда ҳам солҳои сиюми асри 20 муайян шуда, солҳои тӯлонӣ мавриди омӯзишу тадқиқоти амиқи илмию амалӣ қарор гирифта буд.

Хонандаи гиромӣ бояд огоҳ бошад, ки ғояи сохтмони НБО-и Роғун аз ҷониби роҳбарияти ҳамонвақтаи Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Туркманистон пешниҳод шуда буд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба амалӣ шудани ин лоиҳа ниҳоят манфиатдор буд, зеро тавассути обанборҳои Роғуну Норак имкони танзими бисёрсолаи оби дарёи Вахш ба даст меомад. Ин кор барояш имкон фароҳам меовард, ки 300 ҳазор га заминҳои иловагии ташналаб дар ҳудуди Ӯзбекистон обшор гарданд ва киштзорҳои беканораш ҳатто дар солҳои хушкию камбориш ҳам бо об таъмин бошанд.

Илова бар ин, солҳои 60-уми қарни гузашта рушди иҷтимоию иқтисодии қаламрави Осиёи Марказӣ, аз ҷумла обшор намудани заминҳои ташналаб, рушди босуръати соҳаи кишоварзӣ,

Соли 1988 маблағгузории сохтмони бузург 40 фоиз коҳиш ёфт ва аз оғози соли 1989 мутахасссисон бо баҳонаи кам шудани маош сохтмонро тарк карданд. Баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ маблағгузории муттамарказӣ эъмори неругоҳ анҷом ёфт ва сохмони ин иншооти бузург батамом фалаҷ шуд.

бунёди корхонаҳои бузурги саноатӣ бо назардошти иқтидори энергетикӣ ва ирригатсионии неругоҳҳои Норак ва Роғун ва дигар иншооти гидроэнергетикии Тоҷикистону Қирғизистон ба нақша гирифта мешуданд.

Барои мисол, дар Тоҷикистон танҳо бо истифода аз имкониятҳои неругоҳи Норак тасмим гирифта шуда буд, маҷмааи истеҳсолии ҷануби ҷумҳурӣ, ки ба он Корхонаи алюминийи тоҷик (ҳозира Talco), Комбинати электрохимиявии Ёвон, Корхонаи нуриҳои азотии Калининобод (ҳозира Леваканд), Корхонаи сементи шаҳри Душанбе ва дигар корхонаҳо дохил мешуданд, бунёд ёбад.

... Бо қарори Совети Вазирони ИҶШС аз 27 октябри соли 1980 таҳти №2411 лоиҳаи НБО-и "Роғун" бо нишондиҳандаҳои энергетикӣ ва технологии зерин тасдиқ гардид: Иқтидори лоиҳавӣ 3,6 млн. кВт; миқдори агрегатҳо 6 адад; истеҳсоли солонаи барқ 13,3 млрд. кВт/соат; сарфи оби ба ҳисоб гирифташуда 2644м3; фишори ба ҳисоб гирифташуда 245 мПа.

Соли 1990 лоиҳа бо тақозои замон аз санҷиши махсуси мустақими назди Комиссияи давлатии экспертизаи Госплани ИҶШС гузашт ва боэътимоднокии иншооти сохташандаи неругоҳ тасдиқ ва қабул гардид. Тавре аз лоиҳаи ин иншооти бузург бармеомад, сохтмони сарбанди 335 метра имкон фароҳам меовард, ки зиёда аз 13 млрд. мукааб об захира карда шавад, ба таври иловагӣ дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Туркманистон 320 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ ва таъмини оби 1 млн. гектар заминҳои кишт беҳтар гардад,истеҳсоли миёнаи қувваи барқ то 13,3 млрд. кВт. соат таъмин ва ба ин восита камбуди шадиди нерӯи барқи минтақа бартараф карда шавад.

Месазад бори дигар таъкид намоем, ки боэътимодии техникӣ ва асоснокқуни техникию иқтисодии лоиҳаро тадқиқу санҷишҳое, ки ду маротиба аз



ҷониби коршиносони Госплани ИҶШС солҳои 1982 ва 1992 ва дар даврони соҳибистиқлолӣ аз тарафи мутахассисони варзидаи Бонки ҷаҳонӣ солҳои 2010-2014 гузаронида шуда буданд, ба субут расониданд. Муҳимтар аз ҳама, дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми қарни гузашта алаккай маълум шуда буд, ки охири соли 1987 баъди тағйир додани маҷрои дарёи Вахш соли 1989 агрегати якуми неругоҳ ба кор андохта мешавад. Илова бар ин, соли 1990 анҷом додани сохтмони шаҳри Роғун ва соли 1993 пурра ба истифода дода шудани ин боргоҳи нур ба нақша гирифта шуда буд. Ҳамаи ин тасмимот воқеӣ ва иҷрошаванда буданд. 28 декабри соли 1987 маҷрои дарёи Вахш тағйир дода шуд ва об ба тарафи нақби обгузари НБО Роғун равона гардид. Баъди ду сол бояд даври аввали нерӯгоҳ ба кор медаромад.

## ПОШХӮРИИ ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ СОХТМОНИ НЕРУГОҲРО ФАЛАҶ КАРД

Бо таассуф бояд гӯем, ки соли дигар, яъне соли 1988 маблағгузории сохтмони бузург 40 фоиз коҳиш ёфт ва аз оғози соли 1989 мутахасссисон бо баҳонаи кам шудани маош сохтмонро тарк карданд. Баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ маблағгузории муттамаркази эъмори неругоҳ анҷом ёфт ва сохмони ин иншооти бузург батамом фалаҷ шуд. Баъди чанде замони даргириҳо ва бархӯрдҳои хунин фаро расид, дар ҷумҳурӣ ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба амал омад ва Роғун ғорат шуд. Қабл аз оғоз шудани ин ҳодисаҳо дар сохтмони неругоҳ 21 нақбҳо сохта, дар толори агрегатҳо 70 фоизи корҳо ва дар толори трансформаторҳо 80 фоизи корҳо ба сомон расонида шуда, 53 фоизи эъмори иншооти манзилӣ омода буданд. Мутаассифона, бо гузашти солҳо аксари ин иншоот корношоям шуданд ва минбаъд масъалаи аз нав бунёд кардани онҳо ба миён омад.

Дар солҳои аввали истиқлолият дар натиҷаи нооромиҳо дар кишвар ва таъсири ҷонкоҳи муноқишаҳои дохилӣ амалӣ намудани аксари нақшаҳои соҳаи энергетика чун дигар бахшҳои ҳаёти ҷомеа ба мавқуф гузошта шуданд.

Бо вуҷуди ин ҳама, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар солҳои ниҳоят мушкил роҳбарии кишварро ба ухда гирифта буд, аз нахустин рӯзҳои сарварӣ, сарфи назар аз ҷангҳои идомадор, харобиҳои касношуниди он, таъмини амнияти энергетикӣ ва ба даст овардани истиқлолияти энергетикии кишварро ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ барои рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум муайян намуд.

Мутаассифона, дар он давра бо сабабҳои маълум имкони молиявӣ ва моддию техникии анҷом додани ин вазифаҳо вуҷуд надошт, вале нақшаҳо барои татбиқи онҳо дар ояндаи наздик омода карда мешуданд ва бо даст омадани камтарин имкониятҳо корҳои созандагӣ оғоз меёфтанд.

Дар солҳои минбаъдаи даврони истиқлолияти ҷумҳурӣ НБО-ҳои “Бойғозӣ”, “Сангтӯда-1”, “Сангтуда-2”, якчанд нерӯгоҳҳои хурд сохта ба истифода дода



шуданд, нерӯгоҳҳои мавҷуда аз нав таҷдид ва бозсозӣ гардиданд, ки дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон саҳми босазо гузоштанд. Вале бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳо дар соҳаи энергетика, рушди босуботу бонизоми ояндаи кишварро бе НБО – и “Роғун” тасаввур кардан ғайри имкон аст. Олимон ва мутахассисон варзидаи соҳа исрор мекарданд, ки бе бунёди ин неругоҳ дар ояндаи наздик обанбори Норак аз лой ва сангу шағал пур мешавад ва ин неругоҳ, ки барои Тоҷикистон ҳаётан муҳим шуморида мешавад, корношоям мегардад. Бинобар ин, мардум неругоҳи Роғунро барои тамоми сокинони ҷумҳурӣ тақдирсоз ном мебаранд. Ва маҳз ба ҳамин хотир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамояд: “Роғун умри Норакро 100 соли дигар дароз мекунад”.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007 бо саҳмдории ягонаи давлату ҳукумат, бо мақсади тезонидани сохтмону мавриди баҳрабардорӣ қарор додани Неругоҳи барқи обии Роғун Ҷамъияти саҳомии кушодаи “НБО Роғун” таъсис дода шуд.

26 сентябри соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади идомаи корҳои бунёдкорию созандагии худ ба шаҳри Роғун сафар карда, дар маросими оғози расмии корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» ширкат варзида, иброз доштанд: «Сохтмон ва ба истифода додани ин иншооти азими стратегӣ ҷаҳиши бузурге дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон мебошад».

Баъдан, ба гузашти зиёда аз 11 сол, 29 октябри соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паси чанбараки булдозери вазнин нишаста, расо якуним соат бо пеш кардани сангу шағал дар бастани маҷрои дарёи Вахш саҳми бевосита гузошт ва ба бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии Роғун, ки барои аҳолии ҷумҳурӣ масъалаи ҳаёту мамот ба шумор меравад, ҳусни оғоз бахшиданд. Он лаҳзаҳо Пешвои миллат бо боварии том чунин иброз доштанд: «Имрӯз рӯзи равшаниву нур ва бунёди пойдевори асосӣ барои расидан ба ормонҳои миллӣ ва фардои дурахшони Тоҷикистони азизамон мебошад».

## ТАСМИМ БАРОИ ЭҲЁИ СОХТМОНИ НБО-И “РОҒУН”

Соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасмим гирифтанд, ки сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун аз ҳисоби маблағҳои ҷумҳуриявӣ аз нав оғоз карда шавад. Вале баъд аз шурӯъ ва вусъати корҳо дар ин иншоот монеаи нав – эътирози ҷумҳуриҳои ҳамсоя бо баҳонаи хушк шудани баҳри Арал ва ноустувории сарбанд ба заминларзаи 9-балла ва бештар аз он ба миён омаданд.

Қабл аз ҳама, зарур буд, ки мардуми ҷумҳурӣ, кишварҳои ҳамсоя ва дар миқёси ҷаҳон аҳамияти назариявию амалии

нерӯгоҳи Роғунро дарк намоянд. Зеро НБО-и “Роғун” на танҳо метавонад ниёзҳои афзояндаи Тоҷикистонро ба қувваи барқ дар ҳама фаслҳои сол барорварда созад ва истиқлоли энергетикии кишварро таъмин намояд, ҳамчунин метавонад Тоҷикистонро ба кишвари бузурги содиркунандаи неруи барқ табдил дода, рушди бесобиқа ва босуръати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро таъмин намояд. Неругоҳи мазкур на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои кулли минтақа манфиати зиёд дорад, зеро баъди ба кор даромадани он кишвари мо ба таври фаровон неруи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ безарар, неруи “сабз” истеҳсол намуда, ҳамзамон метавонад кишварҳои поёнобро ҳатто дар солҳои хушку камбориш бо оби нӯшокию кишоварзӣ таъмин кунад. Хушбахтона, ҳамаи ин монеаҳо ва душвориҳое, ки ба таври сунъӣ ба миён оварда шуда буданд, бо ҷасорату матонат ва далерию шуҷоати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паси сар карда шуданд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007 бо саҳмдории ягонаи давлату ҳукумат, бо мақсади тезонидани сохтмону мавриди баҳрабардорӣ қарор додани Неругоҳи барқи обии Роғун Ҷамъияти саҳомии кушодаи “НБО Роғун” таъсис дода шуд.

Махсус қайд кардан зарур аст, ки дар вусъати корҳои таъмиру барқарорсозии иншооти мавҷудаи неругоҳи барқи обии



"Роғун" Мурочиати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми кишвар аз таърихи 5 январи соли 2010 ва ба фурӯш баровардани саҳмияҳои неругоҳ таҳавуллоти бузург ба амал овард. Ин ду падидаи оянддасоз боиси он гардид, ки хурду бузурги Тоҷикистон аҳамияти иншооти мазкурро амиқ дарк намоянд.

Ҷараёни корҳо дар мавзеи сохтмони неругоҳи Роғун дар маркази диққат ва таҳти назорати доимии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Президенти кишвар бо мақсади шиносоии бевосита бо ҷараёни кор ва назорати сифати иҷрои он пайваста ба ин мавзеъ ташриф меоварад. Дар ҷараёни мулоқотҳо ва вохӯриҳо бо бинокорон, механизаторон ва муҳандисону механикҳо, ки дар неругоҳи Роғун фаъолият доранд, Сарвари давлат пайваста таъкид менамояд:

— *“Корҳоро бо сифати баланд анҷом диҳед ва ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки ин неругоҳ садсолаҳо бояд хизмат кунад”.*

Назар ба маълумоти расмии Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун», ин шабу рӯз дар сохтмони иншооти бузург ва аҳамияти стратегидошта 67 ташкилоту муассисаҳо, пудратчиёни номдори ватаниву хориҷӣ ва шумораи умумии зиёда аз 22 ҳазор нафар мутахассисони муҳандисию техникӣ ва коргарон, ки беш аз 90 фоизи онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд, дар ду баст кор мекунанд. Бояд қайд кард, ки аз шумораи умумии кормандон 1 ҳазору 569 нафарашонро кормандони ширкати «Салини Импреҷило» ташкил медиҳанд. Муҳимтараш он аст, ки аз шумораи овардашуда 1 ҳазору 357 нафарашон сокинони маҳаллӣ мебошанд, боқимонда, ки бештар

аз 200 нафарро ташкил медиҳанд, мутахассисони хориҷӣ ҳастанд.

Қобили қайд аст, ки сарбанди неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ширкати «Салини Импреҷило»-и Италия бунёд менамояд. Ширкатм мазкур дар самти кори сохтмонӣ таҷрибаи бою тӯлонӣ дошта, то имрӯз чандин сарбандҳои мустаҳкаму азим бунёд намудааст.

Барои дар сатҳи баланд ва мӯҳлати муайяншуда анҷом додани корҳои барқарорсозӣ ва сохтмони неругоҳи «Роғун» 3600 адад техникаи азим ва мошину механизмҳо ҷалб карда шудаанд.

Боиси хушнудист, ки дар баробари ҷӯшу хурӯши кор дар агрегати якум, дар агрегати дуюми неругоҳ низ корҳо бо суръат пеш рафта истодаанд. Тибқи нақша агрегати дуюм соли 2019 ба истифода дода хоҳад шуд ва неруи барқи истеҳсолшуда ба системаи энергетикии кишвар интиқол дода мешавад.

Тавре Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон "Ховар" хабар медиҳад, Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар силсилаи неругоҳҳои рӯди Вахш аз боло нуҳум буда, дар минтақаи 110 километр дуртар аз шаҳри Душанбе ҷойгир аст. Неругоҳ аз 6 чарха иборат аст, ки иқтидори ҳар кадом 600 мегаваттро ташкил медиҳад. Сарбанди неругоҳи «Роғун» бо баландии 335 метр баландтарин садди заминӣ (гиливу сангӣ) дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт — соат) калонтарин неругоҳи барқи обӣ дар минтақа

**Назар ба маълумоти расмии Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун», ин шабу рӯз дар сохтмони иншооти бузург ва аҳамияти стратегидошта 67 ташкилоту муассисаҳо, пудратчиёни номдори ватаниву хориҷӣ ва шумораи умумии зиёда аз 22 ҳазор нафар мутахассисони муҳандисию техникӣ ва коргарон, ки беш аз 90 фоизи онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд, дар ду баст кор мекунанд.**

хоҳад буд. Ин рақам нисбат ба иқтидори истеҳсолии неругоҳи барқи обии «Норак» якуним баробар зиёд мебошад. Барқи аз ҷиҳати экологӣ тозаи неругоҳ имконият медиҳад, ки эҳтиёҷоти ба барқ доштаи Тоҷикистон комилан қонеъ гардида, он барои инкишофи иқтисодиёти кишвар такон бахшад.

Тавре аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози корҳои сохтмон то ба кор даровардани агрегати якуми НБО-и «Роғун» иншооти неругоҳро аз ҳисоби буҷети давлат дар ҳаҷми умумии 24 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ намуд. Танҳо барои иҷрои корҳои сохтмони пешдарғот аз соли 2016 то инҷониб сеюним миллиард сомонӣ сарф шудааст.

Дар робита ба ин, месазад нуктаи зеринро таъкид намоем, ки кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии кишвар дар маҷмуъ, дар самти сари вақт ва дар сатҳи баланди хизматгузории бонкӣ таъмин намудани муассисаю ташкилотҳои сохтмонии иншооти бузурги аср бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ барои бароварда сохтани зарурати ҳамарӯзаашон саҳми босазо гузошта истодаанд.

## ИДОМАИ ТАНТАНАҲО ДАР НАВРӮЗГОҲИ ПОЙТАХТ

Рӯзи дигар, 17 ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар Наврӯзгоҳи пойтахт дар ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати оғози кори агрегати аввали Неругоҳи барқи обии "Роғун" иштирок ва суханронӣ карданд.

Дар ибтидои суханронии хеш Сарвари давлат кулли мардуми кишвар ва иштирокчиёни тантанаи идонаро бори дигар бо барқи аввали неругоҳи "Роғун" - чароғи равшани хонадони мардуми Тоҷикистон ва ояндаи дурахшони Ватани маҳбубамон табрику таҳният гуфтанд.

Таъкид карда шуд, ки оғози кори агрегати якуми Неругоҳи барқи обии "Роғун" барои тамоми сокинони Тоҷикистони соҳибистиқлол санаи фаромӯшнашаванда ва рӯзи таърихӣ ба шумор меравад.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба талошҳову тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ барои мусоидат ба рушди устувор ва таъмини зиндагии шоистаи мардум андешаронӣ карданд.

Маҳз бо мақсади таъмин намудани рушди босуботи кишвар ва мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии он ҳукумати кишвар тараққиёти соҳаи энергетикаи обиро самти муҳимтарину афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ ва расидан ба истиқлолияти энергетикиро яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ эълон кард.

Президенти мамлакат НБО-и "Роғун" - ро манбаи нури ҳар як хонадон, гармии қалби ҳар як фарди Ватан, сарчашмаи иқболу сарбаландии мардуми тоҷик, кафолати рушди босуботи Тоҷикистон ва нуфузу обрӯи давлати соҳибхтиёри тоҷикон номида, ба шаҳрвандони мамлакат, ҳамватанони бурунмарзӣ ба ҳамаи онҳое, ки саҳми ватандӯстонаи хешро дар бунёди иншооти бузурги аср гузоштанд, миннатдорӣ баён намуданд.

Тантанаи идона ба муносибати оғози фаъолияти аввалин агрегати Неругоҳи барқи обии "Роғун" бо намоиши театришуда устодони санъати тоҷик, бо беҳтарин таронаҳо дар васфи Ватан, истиқлолият, сулҳу ваҳдат ва дигар арзишҳои миллӣ рангину гуворо карда шуд. Баъди анҷоми барномаи бошукуҳи консертӣ мушакпарронии бардавом сурат гирифт, ки ба фазои идонаи Тоҷикистон шукӯҳи тоза бахшид.

**Таҳияи**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**сармуҳаррири "БТҶ"**

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## ПАРЧАМ РАМЗИ ИТТИҲОДУ САРҶАМЪИСТ



Ба ифтихори Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 ноябри соли равон дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарият, сардорони воҳидҳои сохторӣ ва кормандони бонк маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҷамъомадагонро бо Рӯзи Парчам табрику таҳният гуфта, иброз дошт, ки Парчами давлатии Тоҷикистон дар баробари Нишон ва Суруди миллӣ яке аз рамзҳои асосӣ, нишонаи соҳибихтиёрии давлат, рамзи Истиқлолияти давлатӣ, дӯстиву бародарии ҳамаи халқу миллатҳои кишвар ба шумор рафта, беҳтарин василаи тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва ҳифзи арзишҳои волои таърихию фарҳангии миллати шарафманди тоҷик ба ҳисоб меравад.

"Рисолати парчамдории миллати куҳанбунёду сарбаланди тоҷик таърихи беш аз чаҳорҳазорсола дошта, аҷдодони мо ҳазорсолаҳо зери парчами хеш саф кашида, ҳувияти миллӣ, ваҳдату ягонагӣ, нангу номус ва забону фарҳанги худро ҳимоят кардаанд. Парчами давлатӣ дар ҳақиқат нишонаи бақои миллату давлат, ваҳдати миллӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад ва моро мебояд, ки аз Парчами миллии худ ифтихор дошта бошем, эҳтироми онро ҳамчун нишонаи давлатдорӣ, истиқлолияти Ватан ва чун сарвати гаронбаҳои умумимиллӣ ба ҷой орем" - зикр намуд Ҷамшед Нурмаҳмадзода.

Дар идомаи ҳамоиш  сардори шуъбаи тарҷумаи Дастгоҳи роҳбарияти бонк, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоҳасан Султонов дар бораи моҳият ва нақши таърихии парчам дар давлатдории тоҷикон суханронӣ намуд.

Парчам чун Нишон ва Суруди миллӣ яке аз рамзҳои асосии ҳар давлат буда, дар маъракаҳои расмию ғайрирасмии давлатӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, ҳамчунин дар муносибатҳои байналмилалӣ ва дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҷомеа мавқеъ ва нақши муҳим дорад.

## ФИШАНГИ НАВИ АМАЛИЁТИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ҶОРӢ МЕГАРДАД

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ), танзими ҳадафи амалиётӣ, идоракунии сатҳи пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ва меъёрҳои кӯтоҳмуддати бозори байнибонкӣ, фишангҳои амалиётии монетариро таҳким мебахшад.

Аз ҷумла, бо мақсади зиёд намудани дараҷаи таъсирбахшии фишангҳои монетарӣ ва ҷолибнок намудани шарту услуби анҷомдиҳии амалиётҳои монетарӣ механизми ҷалби амонатҳои кӯтоҳмуддати ташкилотҳои қарзӣ тариқи музоядаҳо ба роҳ монда мешавад.

Фишанги монетарии мазкур дар асоси Дастурамали 226 "Дар бораи гузаронидани амалиёти кӯтоҳмуҳлати амонатӣ бо пули миллӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон" бо меъёри фоизи ҳадди ақали меъёри бозтамвил ҷамъ 2 б.ф ва ба муҳлати як сол амалӣ гардида, музоядаи нахустин 24 октябри соли 2018 тариқи низоми электронии "Thomson Reuters" баргузор мегардад. Дар доираи механизми фишанги мазкур ташкилотҳои қарзӣ тавассути иштирок дар музоядаҳои амалиёти амонатии кӯтоҳмуддат метавонанд маблағҳои озоди худро дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ доранд.

Дар баробари ин, ҷиҳати вусъат додани амалиётҳои монетарӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба пардохтпазирии кӯтоҳмуддат, ҳавасманд ва фаъол гардонидани ташкилотҳои қарзӣ дар музоядаҳои қарзӣ, минбаъд ҷалби амонатҳои ташкилотҳои қарзӣ дар сурати иштирок дар музоядаҳои қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун гарави қарз бо коэффитсиенти пурра ба роҳ монда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини самаранокии сиёсати монетарӣ тибқи таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ амалиётҳои кӯтоҳмуҳлати бозтамвил, аз қабили қарзи шабонарӯзӣ (овернайт), қарзи рӯзона (интрадей) ва музоядаҳои қарзиро пешниҳод менамояд. Истифодаи фишангҳои амалиётии сиёсати монетарӣ ба ташкилотҳои қарзӣ имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти худро бо қарзҳои кӯтоҳмуҳлати наздик ба меъёри бозтамвил ва бо фоизҳои нисбат ба фоизҳои бозорӣ пасттар қонеъ гардонанд. Ва баръакс, дар ҳолати муваққатан доштани барзиёдии пардохтпазирӣ, ташкилотҳои қарзӣ метавонанд дар амалиёти амонатии шабонарӯзӣ (овернайт) ва музоядаҳои коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистони бо меъёри фоизии бо меъёри бозтамвил алоқаманд иштирок намоянд.

## БОНКДОРОН РОҲҲОИ ТАНЗИМИ ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛРО ОМӮХТАНД



17 октябри соли равон дар Бонки миллии Тоҷикистон оид ба идоракунии хавфи қарзӣ ва паҳлӯҳои ба танзим даровардани қарзҳои ғайрифаъол семинари амалӣ баргузор гардид. Ин ҳамоиш бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи барномаи "Рушди инфрасохтори молиявӣ" барои ташкилотҳои қарзӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон баргузор шуд.

Дар семинари амалӣ Ҷамолиддин Нуралиев, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Ҳамидулло Машрабзода, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Ян-Питер Олтерс, намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон иштирок доштанд.

Мақсади асосии ташкили ҷамъомади боло баланд бардоштани савияи донишу малакаи кормандони низоми бонкӣ дар самти идоракунии қарзҳо ва пешбурди сиёсати қарзӣ арзёбӣ гардид. Дар семинар таъкид карда шуд, ки ба роҳ мондани низоми идоракунии хавфҳо, хусусан идоракунии хавфи қарзӣ барои таъмини самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мусоидат намуда, сариваќт муайян кардан ва пешгирии хавфҳо ба маҳорати кордонӣ ва эътимоднокии кормандони ташкилотҳои қарзӣ ва мақомоти идоракунии он алоқаманд аст.

Дар ҷараёни ҷамъомад Нурмуҳаммад Шарипов, директори Департаменти назорати бонкии БМТ иштирокдоронро бо вазъи феълии қарзҳои ғайрифаъол дар кишвар, сохтори қарзҳои ғайрифаъол ва ҳаҷми гаравҳои гирифташуда, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол аз рӯи соҳаҳо, сохтори сандуқи қарзии бонкҳо ва ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, ташкили ФПТИ иловагӣ ва сатҳи таъминнокии қарзҳои ғайрифаъол дар чанд соли охир ошно намуд. Мавсуф иброз дошт, ки

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Бонки миллии Тоҷикистон теъдоди қарзҳои ғайрифаъол тадриҷан коҳиш ёфта истодааст.

Мутахассиси пешбари соҳаи молиявии Бонки ҷаҳонӣ Дамодарон Кришнамурти дар мавзӯи идоракунӣ ва ба танзим даровардани қарзҳои ғайрифаъол рӯнамоеро пешкаши иштирокдорон намуда, онҳоро бо таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам дар ҳали мушкилоти қарзҳои ғайрифаъол ошно намуд. Ба андешаи ӯ, ҳамоҳанг сохтани тамоми фаъолиятҳои ниҳодҳои давлатӣ дар ин замина, фурӯши сандуқи қарзҳои ғайрифаъол, бима кардани қарзҳо ва зина ба зина коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол барои ҳали мушкилоти марбут ба қарзҳои ғайрифаъоли ташкилотҳои қарзӣ мусоидат мекунад. Сипас, Фернандо Данкауза, мутахасиси калони соҳаи молиявии Бонки ҷаҳонӣ тавасути видео-конфронс роҷеъ ба муаммоҳои андозбандӣ дар раванди батанзимдарории қарзҳои ғайрифаъол сухаронӣ намуда, ба ҳозирин тавсияҳои худро ҷиҳати андозбандии қарзҳои ғайрифаъол пешниҳод кард.

Дар семинар аз ҷониби роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон таъкид шуд, ки барои дуруст идора намудани хавфи қарзӣ ва паст кардани сатҳи қарзҳои ғайрифаъол, мушкилиҳо дар раванди баҳсҳои судӣ дар самти рӯёнидани предмети гарав, масъалаҳои андозбандии амалиётҳои қарзӣ ва дигар монеаҳои қонунгузорӣ вуҷуд доранд, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои бартараф намудани онҳо тадбирҳои заруриеро чун пурзӯр намудани талаботи идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, такмили механизмҳои барқарорсозии қарзҳои ғайрифаъол, бартараф намудани муаммоҳои андозбандии амалиётҳои қарзӣ ва гузаронидани санҷиши сифати дороиҳо аз ҷониби ширкатҳои аудитории байналмиллалӣ андешида истодааст.

Ва ниҳоят дар анҷоми ҳамоиш иштирокдорон ба саволҳои худ оид ба роҳҳои мухталифи ба танзим даровардани қарзҳои ғайрифаъол, таъсири қарзҳои ғайрифаъол ба фаъолияти ташкилоти қарзӣ ва иқтисодиёт, муҳимият ва моҳияти идоракунии дурусти қарзҳои ғайрифаъол, мушкили андозбандии қарзҳои ғайрифаъол, танзими қарзҳои ғайрифаъол то марҳилаи судӣ, масъулияти ӯҳдадории қарзҳои ғайрифаъол ва фарҳанги қарздиҳӣ посухҳои мушаххас гирифтанд.

## ҲАМКОРИҲОИ БМТ БО IFC ГУСТАРИШ МЕЁБАНД



Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев 16 октябри соли ҷорӣ бо роҳбари Намояндагии минтақавии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) дар Осиёи Марказӣ хонум Кассандра Колберт, ки ҷиҳати иштирок дар Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе - 2018 «Рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ» ба Душанбе омада буд, мулоқоти корӣ доир намуд.

Дар ҷараёни мулоқоти Ҷамолиддин Нуралиев ва хонум Кассандра Колберт вазъи кунунии бахши молиявии мамлакат, дурнамои рушди соҳа дар даврай миёнамуҳлат ва дарозмуддат, имконияти ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши молиявӣ тавассути афзоиши сармоягузориҳо дар муассисаҳои молиявии кишвар мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳамзамон диққати хонум Кассандра Колбертро ба ду самти муҳим - маблағгузории низоми бонкӣ ва кушодани суратҳисобҳои мурсилотии бонкҳои Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ҷалб намуда, аз намояндаи IFC даъват ба амал овард, ки барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии молиявии аҳолӣ ва рушди бахши суғурта ҳиссагузор бошад.

Хонум Кассандра Колберт дар посухи худ изҳор дошт, ки ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкории сифатан нав ва тавсеаи ҳамкории IFC бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла бахши низоми бонкӣ талош хоҳад кард.

## МУЛОҚОТ БО ҶАНОБИ САНДИП МАХАҶАН

16 октябри соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон мулоқоти муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо Менеҷери бахши макроиқтисодӣ, тиҷорат ва сармоягузории Бонки ҷаҳонӣ дар минтақаҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ ҷаноби Сандип Махаҷан баргузор гардид.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев дар оғози мулоқот ҷаноби Сандип Махаҷан, Менеҷери Бонки ҷаҳониро бо вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, низоми бонкӣ, амалигардонии як қатор ислоҳотҳо ҷиҳати татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ бо истифода аз фишангҳои муосири монетарӣ (амалиётҳои кӯтоҳмуҳлати бозтамвил, аз қабили қарзҳои овернайт, интрадей, музоядаҳои қарзӣ) ва гузариши батадриҷ ба реҷаи ҳадафгирии таваррумӣ дар доираи татбиқи як қатор лоиҳаҳои кӯмакҳои техникӣ ба таври мухтасар маълумот дод.



Менеҷери Бонки ҷаҳонӣ ҷаноби Сандип Махаҷан дар навбати худ оид ба вазъи иқтисодии кишвар ва саҳми низоми бонкӣ дар ин самт, ислоҳотҳои татбиқшаванда ва тадбирҳои пешгирӣ намудани хавфҳои эҳтимолӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла мавҷҳои такрории буҳрони иқтисодӣ пурсон шуда, барои таҳким бахшидани сиёсати пулию қарзӣ ва саҳми он дар устувории иқтисодии кишвар изҳори андеша намуд. Ҷаноби Сандип Махаҷан зимни баррасии масъалаи устувории иқтисодиёт ва низоми молиявӣ изҳор дошт, ки новобаста аз таъсири фишорҳои буҳронӣ татбиқи бомуваффақи ислоҳотҳои гузаронидашуда дар самти дастрасии рейтинги соҳибихтиёрии давлат, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт, солимгардонии низоми бонкӣ ва нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои муътадили якрақама дар Тоҷикистон худ натиҷаи хуб аст.

Зимни мулоқот ҷонибҳо оид ба як қатор масъалаҳо вобаста ба буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ва оқибатҳои он дар иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ, инчунин ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар, вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки ҷаҳонӣ табодули назар намуданд. Ҷонибҳо оид ба вазъи низоми бонкӣ, қарзҳои беруна, сармоягузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми шарикони стратегӣ дар рушди иқтисодиёт

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

ибрози назар намуданд.

Дар фароварди мулоқот, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо мақсади тақвият бахшидани ҳамкориҳо изҳори умед кард, ки Бонки ҷаҳонӣ дар ҳисоботҳои иқтисодии худ оид ба Тоҷикистон бо назари воқеъбинона ва ба таври шаффоф бо назардошти ислоҳотҳои татбиқшуда хулосабарорӣ хоҳад кард.

### ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ БМТ ВА ФОНДИ ХАЗИНАИ АМОНАТҲО ОИД БА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОЛМОН



20 ноябри соли равон муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо намояндаи минтақавии Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Олмон хонум Аня Хоэр мулоқоти корӣ доир намуд.

Дар оғози мулоқот муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ дар бораи сатҳи ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд, аз ҷумла татбиқи лоиҳаи ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Олмон дар самти баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва омӯзиши дугона (дуалӣ) ибрози назар кард. Қайд карда шуд, ки дар доираи лоиҳаи ҳамкорӣ оид ба баланд бардоштани маърифати молиявӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, дар доираи "Ҳафтаи байналмилалии пасандоз" барои толибилмони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ машғулиятҳои молиявӣ таҳти унвони "Пасандоз", инчунин байни бонкҳои кишвар мусобиқаи "Ҷоми бонкҳо" гузаронида шуданд.

Намояндаи минтақавии Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Олмон хонум Аня Хоэр аз натиҷаи хуби ҳамкориҳои бадастомада дар рафти татбиқи барнома изҳори қаноатмандӣ намуда, барои идома додани лоиҳа ва доир кардани як қатор чорабиниҳои ҷадид изҳори ҳавасмандӣ кард.

Дар робита ба ин, хонум Аня Хоэр барои минбаъд низ тавсеа бахшидани ҳамкориҳо дар самти баланд бардоштани савияи донишу малакаи касбии кормандони низоми бонкӣ ва маърифати молиявии аҳолӣ тавассути табодули таҷриба бо мутахассисони соҳаи бонкии Олмон ва ҷиҳати дар сатҳи сифатан нави ҳамкориҳои судманд ба роҳ мондани муносибатҳои дуҷонибаи судманд изҳори омодагӣ намуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар чорчӯбаи ҳамкории зикршуда дар давоми солҳои 2015-2018 теъдоди 380 нафар кормандони ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон, 409 нафар омӯзгорони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ва 16980 нафар толибилмон аз манотиқи гуногуни кишвар ба омӯзиш фаро гирифта шуда, маърифати молиявӣ ва донишҳои тахассусии онҳо такмил дода шудааст.

### ТАҲЛИЛГАРОНИ ШИРКАТИ MOODY'S INVESTORS SERVICE ДАР БМТ



Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода 29 октябри соли 2018 бо намояндагони Ширкати рейтингии байналмилалии Moody's Investors Service мулоқоти корӣ доир намуд. Ҳайати Ширкати рейтингии байналмилалии Moody's Investors Service-ро Директори иҷроияи Гурӯҳи рейтингҳои мустақили Осиё ҷаноби Ҷин Фанг роҳбарӣ мекунад. Ӯро дар мулоқот коршиносони ширкат Владлен Кузнетсов ва Матю Киркоста ҳамроҳӣ намуданд.

Дар ибтидо муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода ҳозиринро бо вазъи феълии низоми бонкии ҷумҳурӣ, татбиқи ислоҳотҳо дар ин бахш, самтҳои гуногуни рушди бахши молия, имкониятҳои мавҷуда барои ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла соҳаҳои гидроэнергетика, сайёҳӣ ва бахшҳои дигари афзалиятнок шинос намуд.

Зимни машварат ҷонибҳо оид ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва рушди минбаъдаи воқеии иқтисодиёт ибрози назар карда, масъалаҳои молиявию буҷетӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ барои баҳодиҳии рейтингии минбаъда мавриди муҳокима қарор доданд.

Намояндагони ширкати Moody's Investors Service Ҷин Фанг ва Владлен Кузнетсов дар робита ба омӯзиш ва натиҷагирӣ аз ӯҳдадориҳои давлатӣ, ислоҳот дар низоми бонкӣ, захираҳои байналмилалӣ, сатҳи таваррум ва рушди иқтисодиёт дар муайянкунии рейтинг ибрози назар намуданд. Сипас, коршиноси Ширкати Moody's Investors Service Матю Киркоста бо муаррифии муфассал дар мавзӯи методологияи гузаронидани рейтинг ва омилҳои асосии муайянкунии рейтинг, аз ҷумла аз рӯи нишондиҳандаҳои суботи молиявӣ, сиёсати фискалӣ, суботи нисбӣ ва хавфҳои эҳтимолии ҳолатҳои ғайричашмдошт баромад кард.

Роҳбарони сохторҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар мулоқот ширкат варзида буданд, оид ба муаррифии пешниҳодшуда ва самтҳои алоҳидаи муайянкунии нишондиҳандаҳои рейтингӣ фикру ақидаи худро баён карданд.

Ширкати рейтингии Moody's бори аввал (солҳои 2013-2014) барои Тоҷикистон рейтинги "B3"-ро сазовор дониста, дурнамои онро устувор арзёбӣ намуда буд.

### ПРЕВРАТИТЬ «СОХИБКОРБАНК» В ИСЛАМСКИЙ БАНК ПОМОЖЕТ КУВЕЙТСКАЯ КОМПАНИЯ

Соглашение подписали Исполнительный директор ITS Эсам Алхешнам и председатель правления ОАО «Сохибкорбанк» Шерали Зардов.

Внедрением автоматизированной системы исламского банкинга в «Сохибкорбанке» будет заниматься кувейтская компания ITS

Соответствующее соглашение между ОАО «Сохибкорбанк» и International Turnkey Systems (ITS) подписано 28 октября, сообщает пресс-служба таджикского банка.

«Сохибкорбанк» в начале этого года объявил конкурс для отбора компании по обеспечению автоматизированной системы исламского банкинга. В конкурсе приняли участие четыре компании с мировым именем: американская корпорация Oracle, кувейтская компания Path-solutions, LYST и ITS.

Для рассмотрения предложений претендентов была создана оценочная группа из числа специалистов «Сохибкорбанка», Исламской корпорации по развитию частного сектора (ICD), а также внешних консультантов.

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО




«По итогам оценочных работ компания ITS признана победителем конкурса», - отмечается в сообщении «Сохибкорбанка».

Данная компания также займется внедрением в «Сохибкорбанке» Интернет банкинга и мобильного банкинга.

Внедрение автоматизированной системы исламского банкинга, к которому специалисты приступают в ближайшие дни, является одним из основных элементов трансформации «Сохибкорбанка» из традиционного банка в исламский банк.

«Сохибкорбанк» объявил о своих намерениях стать первым в Таджикистане исламским банком год назад.

«У ОАО Сохибкорбанк есть все возможности после полной трансформации стать лидером исламского финансирования в Таджикистане, окном для привлечения инвестиций в экономику и в банковский сектор страны из исламского мира», - говорилось в объявлении банка после встречи с представителями ICD в октябре прошлого года.

Проектная команда по преобразованию «Сохибкорбанка» в исламский банк приступила к своей работе в марте этого года. Трансформация осуществляется при технической и консультативной поддержке Исламской Корпорации.

В начале октября этого года в банке «АП» сказали, что вся необходимая законодательная база в стране уже существует, нужно будет только завершить реализацию проекта и обратиться в НБТ за лицензией.

## КИТОБХОНАИ БМТ-ҒОЛИБИ ОЗМУНИ "ЧАРОҒИ ҲИДОЯТ"

Дар озмуни ҷумҳуриявии китобхонаҳо "Чароғи ҳидоят", ки бо ташаббуси Вазорати фарҳанги кишвар ба ифтихори рӯзи Парчами миллии Тоҷикистон ва "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" баргузор гардида буд, китобхонаи Бонки миллии Тоҷикистон ғолиби ҷойи сеюм дониста шуд. Озмуни мазкур дар ду давра аз 1 август то 20 ноябри соли 2018 дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баргузор гардид.

Мақсад аз баргузории озмун баланд бардоштани мақому манзалати китобхонаҳо дар ҷомеа, беҳтар намудани мундариҷа ва сифати фаъолияти онҳо дар шароити нави иҷтимоӣ - фарҳангӣ, ҷалб намудани таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба мушкилоти соҳаи китобдорӣ ва ба ин васила мусоидат кардан ҷиҳати ободонӣ, таҳкими базаи моддӣ - техникӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои шаҳрвандон дар китобхонаҳо мебошад.

Озмуни ҷумҳуриявии китобхонаҳо «Чароғи ҳидоят» 24 ноябри соли ҷорӣ дар рӯзи ҷашни Парчами миллии Тоҷикистон дар толори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода бо иштироки фаъолон, ғолибон, аҳли илму адаб, намояндагони вазоратҳои фарҳангу маориф, васоити ахбори омма ҷамъбаст карда шуд.

Қобили қайд аст, ки китобхонаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ғолиб бо Дипломи дараҷаи сеюм ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида шуд.

Дипломи ғолиби озмун дар маросими тантанавӣ ба мудири китобхонаи Бонки миллии Тоҷикистон Маҳмадшо Валиев супурда шуд.

## «ПЕРВЫЙ МИКРОФИНАНСОВЫЙ БАНК» НАЛАЖИВАЕТ ОТНОШЕНИЯ С УЗБЕКСКИМИ БАНКАМИ

В рамках сотрудничества по торговому финансированию с ЕБРР ЗАО «Первый микрофинансовый банк» принял участие в конференции «Узбекистан – Торговое финансирование 2018», которая проходила 7-8 ноября в Ташкенте.

Данная конференция дала возможность для Первого микрофинансового банка наладить партнерские отношения с узбекскими банками и другими иностранными партнерами для дальнейшего продвижения торгового финансирования и оказания содействия своим клиентам-предпринимателям активнее ввести торговлю с иностранными партнерами, что, в свою очередь, способствует развитию экономики страны.

Европейский банк реконструкции и развития (ЕБРР) продолжает активно оказывать поддержку развитию международной торговли в Таджикистане путём финансирования и организации учебных программ. Ярким примером этого является открытие новой линии по торговому финансированию для ЗАО «Первый микрофинансовый банк» в размере 1 млн. долларов США в рамках Программы содействия развитию торговли (ПСРТ).

«Первый микрофинансовый банк» предоставляет весь спектр банковских услуг с помощью своей общенациональной сети, включающей 7 филиалов и 30 центров банковского обслуживания.

## ТАҶЛИЛИ 25-СОЛАГИИ ТЕНГЕ ДАР ҚАЗОҚИСТОН



15 ноябри соли равон Қазоқистон 25-солагии пули миллии худ - тенгеро, ки 15 ноябри соли 1993 ба муомилот бароварда шуда буд, бо тантана ҷашн гирифт. Ба ибораи дигар, 25 сол пеш Қазоқистон соҳиби соҳиби пули миллӣ – тенге гардида буд. Дар давоми ин солҳо тенге болоравӣ ва коҳишёбиҳои зиёдеро паси сар кард. Расо чоряк аср пеш Қазоқистон баъди пош хӯрдани ИҶШС яке аз охирин кишварҳои ИДМ буд, ки пули миллии худро дар таносуб бо пулҳои советӣ 1 ба 500 ба муомилот баровард.

Нахуст пулҳои тенге, ки аз он мардуми Қазоқистон дар муомилот истифода мебурд, дар Англия чоп шуданд, тангаҳои филизиро бошад, дар Олмон сикка зада буданд. Вале соли 1995 Қазоқистон соҳиби фабрикаи худӣ гардид ва минбаъд барориши пулро дар он ба роҳ монд. Худи ҳамин сол ва соли баъд аз он дар бозори молиявии Қазоқистон пулҳои қоғазии 1000 ва 2000 тенге ба муомилот бароварда шуд. Ба муносибати 20-солагии Истиқлолияти Қазоқистон пули қоғазии 10 000 тенге бароварда шуд. Дар айни замон калонтарин пули қоғазӣ 20 000 тенге мебошад, ки соли 2015 ба муомилот бароварда шудааст.

Қобили қайд аст, ки соли 2020-ум пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сомонӣ 20-сола мешавад. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси аз таърихи 30 октябри соли 2000 ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллии кишвар "Сомонӣ", пулҳои коғазӣ бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100 сомонӣ ва воҳиди хурди он бо арзиши 1, 5, 20, 50 дирам ба муомилот бароварда шуданд.

**Маводи ин бахшро хабарнигорони шуъбаи матбуоти БМТ, маҷаллаи "БТҶ" ва "Азия-плюс" таҳия карданд.**

# Ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ самараи хуб меорад

МУСОҲИБА БО РАИСИ РАЁСАТИ ҶСК “БОНКИ ЭСХАТА” АКБАР НАЗАРОВ

Як зумра бонкҳои ҷумҳурӣ чандин сол аст, ки бо сармоягузорони хориҷӣ ҳамкориҳои дуҷониба ба роҳ мондаанд ва аз саҳми онҳо дар фаъолияти худ ва барои пешрафти кор истифода мебаранд. Маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ” бо мақсади муайян намудани таъсир ва нақши саҳми сармоягузорони хориҷӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии кишвар бо Раиси Раёсати ҶСК “Бонки Эсхата” Акбар Назаров мусоҳиба анҷом дод ва онро ба хонандагони гиромӣ пешкаш менамояд.



Мо кормандони худро аз ҷумлаи арзишҳое мешуморем, ки ба шарофати онҳо бонки мо рушду нумӯъ менамояд ва мо ба ҳадафҳои стратегии худ ноил мегардем.

**— Бонки Шумо аз ҷумлаи бонкҳое ба шумор меравад, ки саҳми сармоягузории хориҷӣ дар он вуҷуд дорад. Лутфан бигӯед, ки Шумо саҳми сармоягузории хориҷиро дар фаъолияти бонк чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?**

— ҶСК “Бонки Эсхата” иштироки сармояи хориҷиро дар фаъолияти бонк мусбат баҳогузорӣ мекунад. Бонки мо аз соли 2005 инҷониб дорои таҷрибаи муваффақи ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) дар самти сармояи саҳомӣ мебошад. Бояд зикр намоям, ки иштироки шарики хориҷӣ дар фаъолияти бонк барои пурра шудани стандартҳои нави байналхалқии идоракунии корпоративӣ, усулу воситаҳои ҳозиразамони фаъолият, ҳамкории пурсамар бо шарикони нави хориҷӣ мусоидат намуд. Барои мисол, гуфта метавонем, ки то ҳамроҳшавии сармояи саҳомӣ дар бонк шумораи мизоҷони қарзӣ 24 нафарро ташкил мекард, айни ҳол бошад, ин рақам аз 70 000 бештар аст. Чунин натиҷаҳо дар паи бо пешниҳоди БАТР ҷорӣ кардани усули нави қарздиҳӣ ба даст омаданд. Ҳамчунин “Бонки Эсхата” яке аз аввалинҳо шуда, сохтори худро соли 2005 ба сохтори бонки ба мизоҷ нигаронидашуда иваз намуд, ки ба талаботи ҳозиразамони фаъолияти бонкӣ ҷавобгӯ мебошад.

**— Яъне гуфтан мумкин аст, ки ташкилоти қарзӣ аз ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ манфиати иқтисодӣ ва ё суд ба даст меоварад?**

— Барои “Бонки Эсхата” ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ омили муҳими пешрафту тараққиёт ба ҳисоб меравад ва мо иштироки сармоягузорони хориҷиро дар фаъолияти бонк мусбӣ баҳогузорӣ намуда, афзалиятҳои ҷалби сармояи хориҷиро дарк мекунем. Ба ғайр аз дастрасӣ ба маблағгузории

> Аз соли 2012 то ҳол бонк аз тарафи Оҷонсии байналхалқии рейтингии “Moody’s Investors Service” мавриди баҳогузорӣ қарор мегирад, ки ин ба саҳомони хориҷӣ барои қабул кардани қарор оид ба пешниҳоди сармоя мусоидат мекунад.

хориҷӣ, муассисаи молиявӣ дар ҷараёни ин ҳамкорӣ ба таҷрибаи байналхалқии бонкӣ низ дастрасӣ пайдо мекунад ва метавонад аз мусоидати техникӣ, ки асосан аз хизматрасониҳои машваратӣ иборат аст, истифода намояд ва ҳамзамон норасогии таҷрибаи хешро дар соҳаҳои нави фаъолияташ бартараф созад.

Бояд қайд кард, ки мусоидати техникӣ дар самти баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси кормандон низ истифода бурда мешавад. Ин барои пешрафт муҳим аст. Зеро мо кормандони худро аз ҷумлаи арзишҳое мешуморем, ки ба шарофати онҳо бонки мо рушду нумӯъ менамояд ва мо ба ҳадафҳои стратегии худ ноил мегардем.

Айни замон “Бонки Эсхата” бо шарикони стратегии худ ба монанди Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ, Бонки рушди Осиё ва боз бо зиёда аз 60 шарикон-сармоягузорони хориҷӣ ва бонкҳои-корреспондент ҳамкории муфид дорад.

**— Метавонед гӯед, ки сармоягузори хориҷӣ дар тасмимгириҳои бонк низ нақш дошта метавонад? Умуман вай дар қабули ин ё он қарор ягон дахолат мекунад?**

— Робита байни сармоягузор ва бонк дар асоси созишномаи сармоягузорӣ ба амал меояд, ки дар он ҳамаи шартҳои ҳамкорӣ пешакӣ, яъне қабл аз ба имзо расидани санади ҳамкорӣ ҳаматарафа муҳокима мегарданд. Тарафҳо дар доираи созишномаи баимзорасида ҳамкорӣ мекунанд.

**— Оё ташкилоти қарзии Шумо бо чунин таҷрибаи дахолати сармоягузорони хориҷӣ ба умури бонк рӯбарӯ шудааст? Агар шоҳиди чунин дахолат шуда бошед, он чӣ натиҷа дод?**

— Дар таърихи фаъолияти “Бонки Эсхата” ҳолатҳои дахолати сармоягузорони хориҷӣ ба умури бонк мушоҳида нашудааст.

**— Оё сармоягузорони хориҷӣ қабл аз сармоягузорӣ шарт мегузоранд? Шарт ва ё талаботи сармоягузорони хориҷӣ аз чӣ иборат аст?**

— Албатта, якчанд талаботҳо мавҷуданд. Саравввал ин баҳогузории ҳолати молиявии бонк мебошад ва аз ҳама муҳимаш – ин муҳокима намудани шартҳои ворид шудан ва баромадани саҳмдор аст.

**— Бонки Шумо дар ҷараёни фаъолияти муштарак тавсияҳои сармоягузорони хориҷиро чӣ тавр қабул ва амалӣ кардааст?**

— Ба таври мусбӣ, зеро ҳар як тавсияи сармоягузор ин назари зарурӣ аз ҷониби коршинос аст. Дар ҳолате, ки тавсия асоснок ва ба манфиати кор бошад ва ба Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад, онро қабул намудан мумкин аст.

**— Яъне бонки Шумо таҷрибаи аз рӯйи тавсияҳои сармоягузорони хориҷӣ фаъолият намуданро дорад?**

— Бале. Тавре дар ҷавоби боло қайд кардем, тавсияҳои асоснок ва қобили қабули шарикон-сармоягузорони хориҷӣ ба инобат гирифта мешаванд.

**— Ба назари Шумо чӣ беҳтар аст, будани саҳми сармоягузорони хориҷӣ дар бонкҳои дохилӣ ва ё баръакс, набудани онҳо хубтар аст?**

— Ҷалб кардани сармояи хориҷӣ - ин таҷрибаву омӯзиши нав, ҷорӣ кардани усулҳои нави фаъолият ва

сарчашмаи ҷалб кардани маблағгузорӣ ба ҳисоб меравад ва бояд таъкид кард, ки он барои беҳбудии фаъолият ва пешравии муассисаи молиявӣ мусоидат хоҳад кард.

**— Оё сармоягузорони хориҷӣ дар пешниҳоди қарзҳои боимтиёз низ саҳм мегузоранд?**

— Оид ба ин масъала метавон гуфт, ки саҳм гузоштани сармоягузорони хориҷӣ дар пешниҳоди қарзҳои боимтиёз аз намуди сармояи хориҷӣ вобастагӣ дорад. Агар ҳадафи сармоягузорӣ дастгирии лоиҳаҳои иҷтимоӣ бошад, пас пешниҳоди барномаҳои қарзии боимтиёз дар фаъолияти бонкӣ, албатта, дида мешаванд.

**— Дар айни замон ташкилоти қарзии Шумо барои ҷалби сармояи хориҷӣ кадом корҳоро анҷом дода истодааст?**

— Дар робита ба ин, бояд гӯям, ки дар навбати аввал “Бонки Эсхата” тамоми кӯшишу талоши худро барои мувофиқ омадани фаъолияташ ба стандартҳои байналхалқӣ ва нигоҳ доштани сатҳи баланди шаффофият равона месозад, зеро эътимоди шарикону мизоҷон барои “Бонки Эсхата” бисёр муҳим аст. Ҳамасола, аз соли 2002 сар карда, “Бонки Эсхата” аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқии эътирофгаштаву ба ташкилотҳои аудитории “TOP 5” шомил гардида, аз санҷиши аудиторӣ мегузарад, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ муҳим ва зарур мебошад.

Инчунин, аз соли 2008 то имрӯз ҶСК “Бонки Эсхата” аз ҷониби ташкилотҳои рейтинги байналхалқӣ баҳои мустақили рейтингӣ дода мешавад. Аз соли 2012 то ҳол бонк аз тарафи Оҷонсии байналхалқии рейтингии “Moody’s Investors Service” мавриди баҳогузорӣ қарор мегирад, ки ин ба саҳомони хориҷӣ барои қабул кардани қарор оид ба пешниҳоди сармоя мусоидат мекунад. Ба ин монанд, иштироки фаъолонаи ҶСК «Бонки Эсхата» дар конфронсҳои байналхалқӣ ва форумҳо барои ҷалби шарикону сармоягузорони хориҷӣ кумак мекунад. Ин гуна чорабиниҳо ҳамчун платформаи пайвасткунанда ва баҳамории ҷонибҳои ҳавасманд дар роҳи ҳалли масъалаҳои гуногуни маблағгузорӣ байни муассисаҳои молиявӣ ва ташкилотҳои маблағгузор нақши муассир мебозад.

**— Шумо ба ташкилотҳои қарзии дигар барои ҷалби сармояи хориҷӣ чӣ тавсия медиҳед?**

— Тавсияи мо ба ташкилотҳои қарзӣ, қабл аз ҳама мувофиқат кардан ба стан-дартҳои байналхалқии идоракунии корпоративӣ, таъмин намудани шаффофият дар фаъолияти бонкӣ ва ниҳоят аз таҳти дил дӯст доштани кор ва ватани худ мебошад.

**Мусоҳиб:**
**Аслам Мӯминов,**
**маҷаллаи “БТҶ”.**

# САҲМГУЗОР АСТ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРӢ




**Бахшида ба чорумин солгарди ҷашни «Рӯзи соҳибкорон» 15 октябри соли равон дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2018 таҳти унвони «Рушди соҳибкорию сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ» баргузор гардид. Дар ин ҳамоиши бошукӯҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони мақомоти қонунгузории кишвар, роҳбарони марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, намояндагони баландмақоми созмонҳои байналмилалии молиявӣ, корпусҳои дипломатӣ, шарикони рушди муқими Тоҷикистон, соҳибкорони бурунмарзӣ, сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, намояндагони ширкатҳо аз 21 кишвари олам ва соҳибкорони ватанӣ, дар маҷмӯъ беш аз 2000 нафар ширкат варзиданд.**

## ҲАДАФИ ФОРУМ – РУШДИ УСТУВОР

Маросими расмии форум бо сухани ифтитоҳии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз ёфт. Дар ин суханронӣ муҳимтарин масоили инкишофи соҳибкорию сармоягузорӣ, равандҳои муосири иқтисодӣ дар марҳилаи ҷаҳонишавии иқтисодиёт, рушди иқтисодиёти рақамӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ, зарурати кӯшишҳои бештари якҷояи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои истифодаи оқилонаи имконият ва захираҳои мавҷуда, нақши равандҳои муосири иқтисодӣ дар баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои фаъолият тавассути таъмини шаффофият, сифат ва рушди номгӯи молу хизматрасониҳо ва дар маҷмӯъ, рушди



устувори иқтисодиёти миллӣ масъалагузорӣ карда шуданд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат таъкид намуданд, ки фаъолияти устувори низоми бонкӣ яке аз омилҳои асосии таъмин намудани суботи молиявӣ ва рушди иқтисодии кишвар маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, зикр шуд, ки "Дар ин робита ҷиҳати таҳкими механизмҳои назорати устувории молиявӣ соли ҷорӣ Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ба пешгирӣ ва бартараф намудани таъсири манфии хавфҳои эҳтимолӣ ба низоми молиявии кишвар мусоидат менамояд".

Бино ба иттилои расмӣ тӯли панҷ соли охир аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии мамлакат ба маблағи 49 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки қариб 27 миллиард сомонӣ, яъне 55 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ равона гардидааст.

Дар қисмати оғози форум директори минтақавии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Осиёи Марказӣ Нил Маккейн, президенти ширкати кореягии «Сеул Мачинери» Вон Ҳии Ким, Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид, Роҳбари Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Пратибҳа Меҳта, ноиби прези-

»

Изҳори боварӣ карда шуд, ки натиҷаҳои форум, мувофиқаҳои бадастомада ва созишномаҳои дар доираи ин форум баимзорасанда ба таҳкими заминаҳои асосии муносибатҳои мутақобилан судманди иқтисодию тиҷоратӣ, таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон ва минтақа кӯмак хоҳанд кард.

денти ширкати фаронсавии «5 Груп» Жан Франсуа Легран ва директори минтақавии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон Кассандра Колберт суханронӣ карданд.

Дар суханрониҳои эшон изҳори боварӣ карда шуд, ки натиҷаҳои форум, мувофиқаҳои бадастомада ва созишномаҳои дар доираи ин форум баимзорасанда ба таҳкими заминаҳои асосии муносибатҳои мутақобилан судманди иқтисодию тиҷоратӣ, таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон ва минтақа кӯмак хоҳанд кард.

Сипас, иштирокчиёни Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе — 2018 таҳти унвони «Рушди соҳибкорию сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ» дар шаш панели алоҳида доир ба мавзӯъҳо ва соҳаҳои муайян суханронӣ ва мубодилаи афкор намуданд.

### АЗ «START-UP» ТО СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ

Қайд кардан бамаврид аст, ки мавзӯъҳои дар ин панелҳо муҳокимашуда хеле муҳиму амалӣ арзёбӣ шуданд ва таъкид гардид, ки онҳо минбаъд ба рушди бештари соҳаи соҳибкорӣ мусоидат хоҳанд кард: «Баланд бардоштани рақобат дар соҳибкорӣ бо истифодаи технологияи муосир: «Старт-ап»-ҳо («Start-up») ҳамчун роҳи нави рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон», «Дурнамои рушди сайёҳӣ дар шароити муосир ва масъалаҳои ҳунармандӣ», «Молия ва нақши низоми бонкӣ дар рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ: вазъи кунунӣ ва дурнамо», «Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар бахши саноат: дурнамо ва имкониятҳои ҳамкорӣ», «Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар бахши кишоварзӣ: дурнамо ва имкониятҳои ҳамкорӣ» ва «Сармоягузорӣ ба навовариҳо барои рушди инфрасохтор».

Ин форум имкон дод, ки соҳибкорону сармоягузорон ва намояндагони ниҳодҳои давлатию созмонҳои байналмилалӣ масъалаҳои муҳими марбут ба рушди соҳибкориро дар якҷоягӣ баррасӣ кунанд. Зеро дар форум намояндагони марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, шарикони рушд, соҳибкорони бурунмарзӣ сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, намояндагони ширкатҳо ва коршиносон иштирок намуданд.

Дар доираи ин ҳамоиш суҳбату вохӯриҳои соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ, роҳбарияти вазорату идораҳо ва дигар мақомоти давлатӣ дар шакли «Соҳибкор бо соҳибкор» (B2B) баргузор гардида, масъалаҳои тиҷоратӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ин форум ба макони мулоқоти сармоягузорону соҳибкорон дар Тоҷикистон табдил ёфтаасту ҳар сол баргузор гардида, сармоягузорону соҳибкорони зиёдро аз кишварҳои гуногуни олам ба ҳам меорад ва дар рушди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, муаррифии шоистаи молу маҳсулоти ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар заминаи мустаҳкам мегузорад. Дар анҷоми кори он бошад, миёни ҷонибҳо созишномаҳо ва шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо мерасанд.

## ПАНЕЛИ СЕЮМ:

### ҲАМКОРИИ БОНКҲО ВА СОҲИБКОРОН ТАВСЕА МЕЁБАД

Ҷолиб аст, ки ҳамасола дар ҷаласаҳои панели сеюми Форуми байналмилалии соҳибкорӣ масоили муҳими соҳаи молияю бонкдорӣ ва соҳибкорию сармоягузорӣ мавриди баррасии иштирокдорон қарор мегирад.

Имсол низ дар ҷаласаи панели зикршуда мавзӯи “Молия ва нақши низоми бонкӣ дар рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ: вазъи кунунӣ ва дурнамо“ баррасӣ шуд. Он таҳти роҳбарии Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо иштироки роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ, сармоягузорон, соҳибкорони дохилию хориҷӣ ва намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ баргузор гардид.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ҳангоми ифтитоҳи ҷаласа форуми мазкурро платформаи муносибе арзёбӣ кард, ки ба бахши давлатӣ ва хусусӣ имкон медиҳад, то тамоми масоилу мушкилиҳои ҷойдошта ва роҳҳои бартараф намудани онҳоро баррасӣ кунанд ва дар




якҷоягӣ барои рушди иқтисодиёт саъю талош варзанд. Ба ин далел, номбурда аз ҳамаи иштирокчиёни панели мазкур даъват намуд, ки дар музокираю баёни ақидаҳо ва пешниҳоди таклифҳо фаъолона ва озодона ширкат варзида, дар ҳаллу фасли масъалаҳои мавҷудаи иқтисодиёт бетараф набошанд ва барои пешрафти самараноки соҳибкорӣ ва нақши низоми бонкӣ дар он саҳми худро гузоранд.

Дар ҷаласаи мазкур сардори Идораи таҳлили бонкҳои Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон Ф.Толибов бо рӯнамоӣ таҳти унвони “Нақши низоми бонкӣ дар рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ” баромад намуда, ҳозиринро бо саҳми низоми бонкӣ дар пешрафти соҳибкорӣ шинос кард. Зикр карда шуд, ки бонкҳо бо пешниҳоди қарзҳо ва хизматрасониҳои гуногуни худ дар рушди соҳибкорӣ саҳм мегузоранд.

Баъдан сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон Р.Сафарова дар мавзӯи “Рушди механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар Тоҷикистон” рӯнамоеро пешкаши иштирокдорон намуд. Таъкид гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолку-

»

Дар доираи ин ҳамоиш суҳбату вохӯриҳои соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ, роҳбарияти вазорату идораҳо ва дигар мақомоти давлатӣ дар шакли «Соҳибкор бо соҳибкор» (B2B) баргузор гардида, масъалаҳои тиҷоратӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.



нандагони хизматрасониҳои молиявӣ тамоми чораҳои қонуниро андешидааст.

Дар мавзӯи “Суғурта ва нақши он дар фаъолияти соҳибкорӣ” сардори Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон Д.Хусейнова суханронӣ намуд. Мавсуф дар бораи низоми суғуртаи Тоҷикистон, вазъи бозори суғурта, маҳсулоти ширкатҳои суғурта ва истифодаи онҳо аз ҷониби соҳибкорон ба ҳозирин маълумоти муфассал дод.

Инчунин дар ҷаласаи панели сеюми форуми соҳибкорӣ раиси БДА ЧТ “Амонатбонк” Р. Ҳакимзода дар мавзӯи “Рушди соҳибкорию сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ” ва раиси Раёсати ЧСК “Соҳибкорбонк” Ш.Зардов дар мавзӯи “Раванди аз бонки анъанавӣ ба бонки исломӣ табдил додани ЧСК «Соҳибкорбонк» баромад намуданд. Ш.Зардов дар бораи

»

**Дар ҳошияи Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2018 таҳти унвони «Рушди соҳибкорию сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ» 13 санади ҳамкорӣ байни соҳибкорону сармоягузорон ба имзо расиданд.**

чараёни гузаштани ЧСК «Соҳибкорбонк» ба низоми бонкдории исломӣ ба ҳозирин маълумот дода, гуфт, ки ин бонк дар Тоҷикистон аввалин бонке хоҳад шуд, ки бо низоми бонкдории исломӣ фаъолият хоҳад кард.

Муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Нодирӣ дар ҷаласаи панели сеюми форуми мазкур таваҷҷӯҳи иштирокчиёнро ба мавзӯи “Таъсиси феҳристи электронии гарави амволи манқул” ҷалб кард. Номбурда қайд намуд, ки солҳои охир барои боз ҳам беҳтар намудани дастрасӣ ба қарзҳо қонунгузории кишвар такмил дода шудааст, аз он ҷумла, лоиҳаи Қонуни Тоҷикистон “Дар бораи гарави молу мулки манқул” таҳия гардида, дар назди Вазорати адлия тариқи электронии бақайдгирии гарави амволи ғайриманқул ба роҳ монда шудааст.

Дар ҷаласаи панели сеюм директори Биржаи фондии Осиёи миёна А.Шерназаров дар мавзӯи “Рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ - сарчашмаи боэътимоди сармоягузориҳои дарозмуддат” суханронӣ намуда, диққати соҳибкорон ва сармоягузоронро ба бозори коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ҷалб кард.

Ҳамчунин дар форум намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ян Питер Олтерс дар мавзӯи “Миёнаравии амиқи молиявӣ ва рушди устувории иқтисодӣ: ду паҳлуи масъала” баромад намуда, роҷеъ ба равандҳои сармоягузории фаъолияти соҳибкорӣ ба иштирокдорон маълумот дод.

Бояд гуфт, ки иштирокчиёни ҷаласаи панели сеюми форум дар атрофи ҳар кадоми ин мавзӯъҳо мубоҳиса намуда, аз баромадкунандагон ба саволҳои худ посух гирифтанд ва фикру мулоҳизаҳои худро барои ҳалли мушкилоту монеъаҳо ба ҳозирин пешниҳод намуданд. Хусусан, мубоҳисаҳои







ҷолиб дар мавзӯъҳои дастрасии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, рушди низоми бонкӣ тавассути гузаштан аз миқдор ба сифат, меъёри бозтамвил дар рушди бозори қарздиҳӣ, сиёсати пулию қарзӣ, бозори суғурта ва саҳми он дар иқтисодиёт, баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва татбиқи бонкдории исломӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи он сурат гирифтанд.

Қайд гардид, ки пешниҳоди фикру мулоҳизаҳо ва мубодилаи афкор дар ҷаласаи панели сеюми форуми байналмилалии соҳибкорӣ барои ҳаллу фасли мушкилоту монеаҳо ва фароҳам сохтани шароити хуб барои пешбурди соҳибкорию сармоягузорӣ ва дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ мусоидат намуда, эътибору нуфузи давлатро баланд мебардорад ва ҷалби сармояро ба низоми бонкӣ ва соҳаҳои мухталифи он таъмин намуда, дар ниҳояти кор ба рушди устувори иқтисодиёти кишвар боис хоҳад шуд.

## ФОРУМ НАТИҶАҲОИ ХУБ БА БОР ОВАРД

Сипас, баъд аз анҷоми ҷаласаҳои панелҳо роҳбарони онҳо дар маҷлиси якҷояи форум роҷеъ ба кори гурӯҳҳо гузориш доданд. Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид кори ҷаласаҳои панелҳоро натиҷагирӣ намуд. Аз ҷониби иштирокчиён изҳороти Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе - 2018 қабул карда шуд.

Дар ҷараёни ҷаласа изҳор гардид, ки дар ҳошияи Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2018 таҳти унвони «Рушди соҳибкорию сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ» 13 санади ҳамкорӣ байни соҳибкорону сармоягузорон ба имзо расиданд. Бешубҳа, натиҷаҳои форуми мазкур дар рушду тавсеаи ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ, муаррифии шоистаи молу маҳсулоти ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар заминаи мустаҳкам мегузорад.

**Шарҳи**
**М. Аслам,**
**“БТҶ”.**

# ТАТБИҚИ ИСЛОҲОТ, ФИШАНГҲОИ МУОСИРИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР ТАДҚИҚОТИ ОЛИМОНИ ҶАВОН



• **Нигина Қурбоналиева,** И.в. директори Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушди Бонки миллии Тоҷикистон

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои солонаи худ, аз ҷумла дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақши занон ва ташаббусҳои созандаи онҳо дар бунёди давлатдории миллӣ баҳои баланд доданд. Хушбахтона, бо шарофати таваҷҷуҳҳои доимӣ ва ғамхориҳои пайвастаи роҳбарияти ҷумҳурӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бонувон дар баробари мардон барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла илму иқтисод саҳми арзанда мегузоранд ва дар фаъолияти босамари хеш ба комёбиҳои назаррас ноил гаштаанд. Дар робита ба ин мавзуъ бо И.в. директори Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушди Бонки миллии Тоҷикистон Нигина Қурбоналиева мусоҳибае омода карда шудааст, ки инак, манзури хонандагони гиромӣ гардонида мешавад.

**– То ҷое ба мо маълум аст, Шумо дар яке аз донишгоҳҳои бонуфузи Ҷопон ду сол таҳсили илм намуда, унвони магистриро ҳимоя кардаед. Лутфан бигуед, ки мавзӯи таҳқиқи Шумо кадом соҳаро дар бар мегирад?**

— Воқеан, дар ҷараёни фаъолияти корӣ дар бахши сиёсати монетарии Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани малакаю дониши назариявӣ ва татбиқи он дар амалия тасмим гирифтам, ки дар яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон - Ҷопон таҳсил намоям.Аз ин рӯ, ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафи дар назди худ гузоштаам,кӯшиш кардам, то ки тавассути Барномаи (JDS) стипендияи Грантии рушди нерӯи инсонии Ҷопон (The Project for Human Resource Development Scholarship by Japanese Grant Aid) ба риштаи Рушди иқтисодиёти Донишгоҳи Осиё ва Уқёнуси Ороми Ритсумейкан дохил шавам.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи таҳсил дар донишгоҳи мазкур дар он аст, ки ба ғайр аз омӯзиши ҷанбаҳои асосии иқтисодиёт, таваҷҷуҳи донишҷӯён бештар ба таҳкими иқтидори тадқиқоту илм равона карда мешавад. Бояд бигӯям, ки дар раванди тадқиқот ба ман имкони мусоид фароҳам омад, то адабиётҳои мухталиф марбут ба мавзӯи

интихобшударо мутолиа намуда, ғояю ақидаҳои нав ва мукаммалро барои худ дарёбаму дар сатҳи зарурӣ дарк намоям.

Бо назардошти шароити мусоид ва имконияти муносиб қарор додам мавзӯи тадқиқотамро дар робита ба фаъолияти кориам дар Бонки миллӣ интихоб намоям. Хушбахтона, ин кор ба ман муяссар гардид ва болои мавзӯи "Таҳлили эмпирикӣ: детерменантҳои (омилҳои таъсиррасони) сатҳи таваррум дар Тоҷикистон" тадқиқот бурдам.

Ҳадафи асосии мавзӯи тадқиқот аз он иборат аст, ки дар асоси назарияи иқтисодии фишорҳои пешниҳодот ва талабот (cost push and demand pull) тавассути модели эмперикии ARDL (autoregressive distribution lag) омилҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати ба сатҳи таваррум таъсиррасон муайян карда шавад. Шарҳи мухтасари тадқиқот дар маҷаллаи "Theoretical and Practical Research in Economic Field" (Тадқиқоти назариявӣ ва амалӣ дар риштаи иқтисодиёт), (volume IV, issue 2(8), winter 2013) нашр шудааст. *(https://journals.aserspublishing.eu/tpref/article/view/287)*

Илова бар ин, хушнуд аз он будам, ки бинобар фарогирии раванди нав ва методологияи истифодашуда дар таҳқиқот кори ман аз ҷониби комиссияи диссертатсионӣ ҳамчун беҳтарин таҳқиқот дар донишгоҳ бо "Сертификати мерит"сазовор дониста шуд.

»

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи таҳсил дар донишгоҳи мазкур дар он аст, ки ба ғайр аз омӯзиши ҷанбаҳои асосии иқтисодиёт, таваҷҷуҳи донишҷӯён бештар ба таҳкими иқтидори тадқиқоту илм равона карда мешавад.

**— Чанде пеш мақолаи илмии Шумо дар мавзӯи"Механизми трансмиссионии монетарӣ дар давлати рӯ ба инкишоф қарордоштаи Тоҷикистон" дар нашрияи хориҷӣ интишор гардид. Муҳтавои он аз чӣ иборат аст?**

— Барои пайгирии кори илмӣ мақола оид ба "Механизми трансмиссионии монетарӣ дар давлати рӯ ба инкишоф қарордоштаи Тоҷикистон"-ро дар ҳамкорӣ бо олимони дигар кишвар таҳия намудем, ки он дар маҷаллаи "International Review of Management & Business Research" (Шарҳи байналмилали тадқиқоти идоракунӣ ва соҳибкорӣ), (2017, vol. 6, Issue 3, Part 3, p.1274-1286) нашр гардид. http://www.irmbrjournal.com/paper_details.php?id=728

Дар ин кори илмӣ таҳлили таъсирбахшии фишангҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум ва рушди иқтисодиёт тавассути модели авторегрессионӣ VAR оварда шудаанд, ки дар асоси натиҷаи он омилҳои сохторию фундаменталие, ки ба самаранокии механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ монеа мегарданд, шарҳ дода шудаанд.

Натиҷагирии ин модел бевосита барои дарёфти роҳҳои ҷоннок кардани механизми сиёсати фоизӣ ва беҳтар намудани татбиқи сиёсати монетарӣ ва дар ин замина дар пиёдасозии реҷаи ҳадафгирии таваррум мавриди истифода қарор дода шуд.

**— Ба назари Шумо оё маводҳои тадқиқотиатон мавриди таваҷҷуҳи коршиносони берун аз кишвар қарор гирифтаанд?**

— Қайд кардан бамаврид аст, ки қабл аз нашр шудани маводҳои тадқиқотӣ дар маҷаллаҳои байналмилалӣ (prereview journals) лоиҳаи тадқиқот аз лиҳози муҳиммияти мавзӯъ, мазмуну муҳтаво, услубу методология, хулосаю пешниҳодҳо аз ҷониби аъзои шӯрои таҳририя ва/ё якчанд олимон баҳогузорӣ мешаванд ва танҳо баъди гирифтани баҳои мусбат нашр мегарданд

Дар айни замон якчанд мақолаҳои тадқиқотчиёни хориҷиро воҳӯрдан мумкин аст, ки зимни пеш бурдани корҳои тадқиқотии худ ба мақолаҳои илмии ман истинод овардаанд, ки ин заррае ҳам бошад, саҳмгузорӣ дар олами илм мебошад. *(http://www.ijem.upm.edu.my/vol12no1/9)%20Composite%20Trade%20Shares%20measurement%20for%20Trade%20Openness.pdf;http://www.lifescienceglobal.com/pms/index.php/jrge/article/viewFile/4287/2471)* ва ғайра).

Боиси таассуф аст, ки имрӯз



корҳои тадқиқотии олимони мустақили тоҷик дар самти сиёсати пулию қарзӣ чандон зиёд настанд ва гузашта аз ин, дар баъзе самтҳои иқтисодиёти Тоҷикистон бо истифода аз услубҳои эконометрикӣ дастрас нестанд, ки ин бевосита барои амалия ва пешбурди фаъолияти кор манфиатбахш нест. Зеро дар асоси тадқиқотҳои мухталифи гуногунҷабҳа (дар ҳолати мавҷуд будани чунин тадқиқотҳои олимони иқтисоддони тоҷик) дар рафти корбарии ҷадид ғояҳои нав тавлид мешаванд ва дар баробари илми тоҷик тадқиқотҳои мазкур ба иқтисодиёт низ самара хоҳанд овард.

**— Имрӯз бо вуҷуди ҷавон буданатон Шумо роҳбарии яке аз сохторҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистонро ба уҳда доред. Оё гуфта метавонед, ки барои Шумо барин бону фаъолият дар чунин бахши барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ муҳим ва метавон гуфт сангин, мушкил нест?**

— Воқеан, бо роҳбароне, ки ғояҳои муосири барои таъмини рушду суботи иқтисодиёти кишвар муфид равонашударо пайгирӣ ва ҷонибдорӣ мекунанд, кор кардан мушкил нест. Баръакс, ҳар лаҳза барои омӯзиш ва зиёд кардани таҷрибаву малака дар ин самт ва равияҳои гуногуни иқтисодиёт ҳавасмандӣ пайдо мешавад. Албатта, татбиқи ислоҳот ва куллан тағйир додани заминаи сиёсати пулию қарзӣ саъю талоши зиёдро талаб менамояд ва мо ин роҳи мушкилро барои ба даст овардани натиҷаҳои босамар дар давраи минбаъда тай намуда истодаем ва боварии комил дорам, ки кӯшишу заҳматҳои роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар таърихи иқтисодиёти рушдёфтаистода, аз ҷумла дар самти сиёсати пулию қарзӣ ва низоми бонкӣ нақши муҳимро иҷро мекунад.

Дар хусуси масъулият ва роҳбарии воҳиди сохторӣ ҳаминро гуфтанӣ ҳастам, ки вақте масъулият ва боварӣ нисбати корманд зиёд мешавад, дар навбати худ мо низ кӯшиш менамоем, ки ба боварии роҳбарият сазовор гашта, ҳамарӯза аз таҷрибаи онҳо ва иқтисодиёти дар ҳолати рушд қарордошта бо истифода аз таҷрибаи ҳамкасбони муваффақ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ як чизи нав бардошт кунем ва донишу малакаи худро мукаммал намоем.

**— Имрӯз, бо гузашти чанд муддат, Шумо гуфта метавонед, ки дар самти сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ва ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ чӣ навигарӣ ва ё чӣ гуна ислоҳот рӯи кор омадааст?**

»

Дар айни замон якчанд мақолаҳои тадқиқотчиёни хориҷиро воҳӯрдан мумкин аст, ки зимни пеш бурдани корҳои тадқиқотии худ ба мақолаҳои илмии ман истинод овардаанд, ки ин заррае ҳам бошад, саҳмгузорӣ дар олами илм мебошад.

— Дар робита ба ин савол махсус бояд қайд намоям, ки маҳз бо роҳнамоии Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, сарпарасти соҳа- Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон муҳтарам Ҷамолиддин Нуралиев дар самти сиёсати пулию қарзӣ якчанд ислоҳотҳои самарабахш роҳандозӣ гардиданд, ки дар нигоҳдории вазъи муътадили низоми макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои он саҳми назаррас гузошта истодаанд. Аз ҷумла, ислоҳоти гузариш аз нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба сифатӣ, таҳияи стратегияи марбута ва таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини шаффофият ва таҳкими фишангу воситаҳои нави танзими ҳаҷми пул, идоракунии пардохтпазирӣ, раванди қабули қарорҳо дар асоси дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҳадафгирии таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои муайянкардашуда, устувор намудани иқтидори таҳлилӣ ва дурнамосозӣ, мутамарказ гардонидани инфрасохтори амалиётҳои монетарӣ ва фишангҳои он вобаста ба меъёри бозтамвил ва ғайраҳо амалӣ гардиданд.

Илова бар ин, баҳри идома додани ислоҳот дар самти сиёсати пулию қарзӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати таҳкими механизми трансмиссионӣ ва таъсирбахшии фишангҳои монетарӣ пайваста чораҳои мушаххас андешида истодаем.

**— Шумо дар оянда нақши худро дар илм чӣ гуна дидан мехоҳед? Ва агар корҳои илмиро давом доданӣ бошед, мавзуъҳои тадқиқоти Шумо кадом соҳа ё бахшҳои алоҳидаро фаро хоҳанд гирифт?**

— Дар айни замон тадқиқот болои таҳияи лоиҳаи мақолаи таҳлилӣ дар мавзӯи “Иқтисодиёти кушода дар таҷрибаи Тоҷикистон” бо истифода аз риштаи эконометрикӣ анҷом ёфта истодааст, ки дар он таъсири нишондодҳои кушодагии иқтисодиёт ба рушди иқтисодиёти рӯ ба инкишофи Тоҷикистон ва дар қисмати ниҳоии он ҷиҳати самаранок истифода намудани имкониятҳо аз падидаҳои иқтисодии ҷаҳонишавӣ хулосаю пешниҳодҳо дарҷ хоҳад гардид.

Дар давраҳои минбаъда бо мақсади ҳавасманд гардонидани ҷавонон баҳри ободонии ватани азизамон дар нашрияҳои дохилӣ оид ба иқтисодиёту низоми маърифати Ҷопон таҳия ва нашри мақолаҳои иловагиро дар нақша дорам.

**— Бешубҳа,ҷойи баҳс нест, ки Ҷопон яке аз давлатҳои рушдёфта ва пешрафтаи ҷаҳон маҳсуб меёбад. Ба андешаи Шумо, чӣ хусусиятҳое хос ба Тоҷикистонро дар ин кишвар дарёфтед?**

— Иқтисодиёти Тоҷикистон имконият ва иқтидори зиёди рушд, аз ҷумла дорои захираҳои бойи табиию неруи инсонӣ мебошад, ки истифодаи самараноки онҳо бо усули таҷрибаи ғании Ҷопон метавонад ба рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат намояд. Аммо барои татбиқи таҷрибаи Ҷопон таваҷҷуҳро ба маорифу омӯзиш зиёд карда, мубодилаи таҷрибаи ду давлатро таҳким бахшидан лозим меояд. Ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва ҳурмати калонсолон, табиати зебо ва боз хусусиятҳои зиёде аст, ки ба мо наздику боиси эҳтиром аст.

**— Кишвари Ҷопонро бо 5 ибора тасвир кардан имкон дорад?**

— Албатта, ин инфрасохтори рушдёфта, технологияи пешрафта, манзараҳои афсонавӣ, тартибу интизоми бонизом ва ҷаҳони дигар.

**Мусоҳиб:**
**М. Ҳасанова**

# Заминагузории фаъолияти бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон ва амалисозии унсурҳои он



**Хайрзода Шукрулло Курбоналӣ,** Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент

Ҳоло ҳаҷми умумии дороиҳои молиявии ин соҳа зиёда аз 2 трлн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоя ҷиҳати рушди иқтисодиёт бо як қатор кишварҳои дунё ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ муносибатҳои арзишманди дуҷониба ва хело хуб ба роҳ монда шудаанд. Аз он ҷумла, кишвари мо аз соли 1997 аъзои фаъоли Бонки исломии рушд ва дигар ташкилотҳои молиявии исломӣ ба шумор меравад ва ба комёбиҳои назаррасе дар ин самт ноил гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки роҳандозии хизматрасониҳои бонкдории исломӣ дар ҷумҳурӣ дар заминаи устувори меъёрию ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Қадами аз ҳама муҳим дар ин самт баррасии Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» дар ҷаласаи навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки 28-уми марти соли 2014 таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Қонуни мазкур 26-уми июли соли 2014 ба имзо расид. Ин иқдом мутахассисон ва коршиносони соҳаро водор намуд, ки барои дар амал татбиқ намудани фаъолияти бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро, аз ҷумла таҳияи китобҳои дарсӣ, навиштани мақолаҳо, гузаронидани конфронсу семинарҳо ва амсоли онҳоро ба анҷом расонанд.

Дар шароити вазнини молиявии бар асари таъсири амиқи бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ бавуҷудомада, инсоният дар ҷустуҷӯи низомҳои ғайрианъанавии иқтисодие мебошад, ки тавассути истифода аз онҳо тавонад то ҳадди назаррас шиддати зарари бӯҳронҳоро ба иқтисоди кишварҳо коҳиш диҳад.

Аз ҷумлаи чунин низомҳо метавон низоми молиявию бонкдории исломиро номбар кард, ки дар солҳои охир босуботӣ ва эътимоднокии худро ҳамчун механизми фаъоли миёнарави молиявӣ дар як қатор кишварҳои дунё исбот карда истодааст.

Низоми мазкур таҳти таъсири равандҳои шиддатноки ҷаҳонишавӣ ба яке аз рукнҳои низоми молиявии байналхалқӣ мубаддал гардида, суръати рушди он миқёси байналхалқиро касб кардааст. Дар натиҷа, низоми молиявию бонкдории исломӣ на танҳо дар кишварҳои мусулмонӣ, балки дар кишварҳои ғайримусулмонӣ низ фаъол буда, ҳамасола ба андозаи 10-15 фоиз рушд мекунад.

Бӯҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008 диққати

ҳама давлатҳоро ба низоми молиявии исломӣ дучанд намуд. Таҳқиқи иллатҳо ва омилҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ нишон дод, ки зарурияти қабули қонун оид ба фаъолияти бонкдории исломӣ, ки хирадмандии молиявиро нишон медиҳад, фаро расидааст. Зеро ин низом амалӣ намудани амалиётҳои фоизиро манъ намуда, адолати иҷтимоиро дастгирӣ мекунад, ки бо тақсимоти хатар (хавф) ва фоида таъмин карда мешавад. Ин ҳама кафолати зарурии ахлоқиву одобе мебошанд, ки дар низоми молиявию бонкдории исломӣ дида мешавад.

Бонкдории исломӣ, ки таърихи начандон тӯлонӣ дорад, айни замон мавриди таваҷҷуҳи тамоми оламиён гардидааст. Чунончи дар дунё анвои хизматрасониҳои молиявии исломиро зиёда аз 75 давлат, аз он ҷумла давлатҳои мутараққӣ низ дар низоми молиявии худ истифода мебаранд. Ҳоло ҳаҷми умумии дороиҳои молиявии ин соҳа зиёда аз 2 трлн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Низоми бонкдории исломӣ ба риояи аҳком ва қонунҳои шариат асос ёфтааст. Яъне, ҳама амалиётҳои бонкдории исломӣ, масалан амонату пасандозҳо ё маблағгузориҳо бояд ба принсипҳои ислом мувофиқат кунанд. Ягона омиле, ки бонкдории исломиро аз бонкҳои анъанавӣ ба куллӣ фарқ мекунонад, ин дар амалиётҳои онҳо набудани «рибо» - фоизе мебошад, ки ислом манъ кардааст. Мақсади асосии ташкили бонкдории исломӣ ин таъмин намудани манфиатҳои муштариён дар асоси принсипҳои адолат ва ростқавлӣ мебошад.

Аксарияти бонкҳои исломӣ дар тамоми ҷаҳон ба проблемаҳои иҷтимоӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, ки ба мақсади таъсиси ин гуна институтҳои молиявӣ мувофиқ аст. Ҳамин тариқ, чорибиниҳои иҷтимоие, ки бонкҳо мегузаронанд, ба он ишора мекунанд, ки бонкҳо ба иҷро намудани уҳдадориҳои худ одат кардаанд ва кӯшиш мекунанд, ки вазъи иҷтимоиву иқтисодии муштариёнро қавитар намоянд.




Мақсади асосии ташкили бонкдории исломӣ ин таъмин намудани манфиатҳои муштариён дар асоси принсипҳои адолат ва ростқавлӣ мебошад.

Таҷрибаи аксари давлатҳо нишон медиҳад, ки низоми молиявию бонкдории исломӣ ба рушди иқтисодиёташон таъсири хуб расонида истодааст. Масалан, дар Малайзия низоми молиявии исломии комплексӣ давлатро дар масъалаи рушди соҳаҳо ба кишвари пешрафта табдил намуд.

Асоси ин дастовардро дар мавҷудияти низоми боэътимоди танзимкунандае метавон дид, ки рушди соҳаҳоро бо мақсади таъмини низоми босубот дастгирӣ мекунад. Маҳз ҳамин паҳлӯи масъала диққати иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои молиявии исломиро ба худ ҷалб мекунад. Дар айни замон низоми молиявии исломии Малайзия ҳамчун яке аз низомҳои ояндадор баҳо дода мешавад.

Ҳукумати Малайзия барои мусоидат кардан ба рушди минбаъдаи низоми бонкии исломӣ соли 2010 «Нақшаи генералии рушди соҳаи молиявиро барои солҳои 2010-2020» ҷорӣ намуд. Нақшаи генералӣ дорои нақшаи стратегии беҳгардонии низоми молиявии давлат, бо роҳи рушд додани бонкинги исломӣ мебошад. Малайзия бо Баҳрайн, Бруней, Индонезия ва Бонки исломии рушд

оид ба ташкили бозори исломии молиявии байналхалқӣ ҳамкорӣ намуда, дар васеъ кардани доираи истифодабарии унсурҳои исломии молиявӣ нақши муҳим мебозид.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолият ва роҳандозӣ намудани бонкдории исломӣ, пеш аз ҳама, ҳамкориҳои густурдаро бо Бонки исломии рушд, Корпоратсияи исломии рушди бахши хусусӣ, Созмони исломии тиҷорат ва Барномаҳои махсуси кумак ба роҳ мондааст. Дар ҷараёни ҳамкориҳо бо ин ташкилотҳои молиявии байналхалқии исломӣ дар доираи зиёда аз 55 лоиҳаҳои мухталиф дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ ва ҳамчунин рушди соҳибкории хурду миёна роҳандозӣ шуда истодаанд.

Ба ҳолати 1-уми январи соли 2017 қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,2 млрд доллари амрикоиро ташкил мекунад, ки аз ин 109,2 млн ё 4,8%-и он қарзи Бонки исломии рушд мебошад. Дар баробари ин боз маблағҳои грантӣ аз ҳисоби ташкилотҳои байналхалқии молиявии исломӣ барои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо шудаанд.

Яке аз мақсадҳо ва усулҳои маблағгузории бонкдории исломӣ ин, пеш аз ҳама, дастгирӣ ва рушди соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки бо ҳадафи имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал, яъне коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ мувофиқат мекунад. Ин имконият медиҳад, ки пеш аз ҳама, ташкилотҳои молиявии ҷумҳурӣ шароити муосиру механизмҳо ва шарту қоидаҳои ҳамкориро бо ташкилотҳои молиявии исломӣ барои ҷалби сармоя бештар ба роҳ монанд. Илова бар ин, бо назардошти зарурати васеъ гардонидани имкониятҳои ҷудо намудани маблағҳои грантӣ ва паст кардани андозаи фоизи қарзҳои пешниҳодшаванда, ҷорӣ намудани унсурҳои бонкдории исломӣ хеле ба мақсад мувофиқ мебуд.

Тавре аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри соли 2017 бармеояд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ диққати ҳамаҷониба дода, барои рушди минбаъдаи он заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Айни ҳол Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои



солҳои 2018-2020 мавриди татбиқ қарор гирифтааст, ки дар доираи он ба рушди сайёҳии кӯҳӣ, экологӣ, солимгардонӣ, беҳдошт ва истироҳат дар кӯҳсор иқтидори кофӣ мавҷуд аст.

Дар ин росто барои ҷалби сармоя аз давлатҳои исломӣ мо бояд дар ташкилотҳои қарзии алоҳида унсурҳои бонкдории исломиро ҷорӣ намоем. Чуноне ки аз хулосаи сафарҳои дар сатҳи олии мамлакат ба давлатҳои захираҳои бузурги молиявидоштаи мусулмонӣ суратгирифта, натиҷагирӣ мешавад, институтҳои молиявии онҳо омодаанд ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистон маблағгузорӣ кунанд.

Илова бар ин, дар Тоҷикистон чор минтақаи озоди иқтисодӣ мавҷуд аст, ки барои фаъолияти васеи иқтисодӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ ва иттилоотӣ, хизматрасонӣ ва ғайра шароити созгор ва имтиёзӣ таъмин шудааст. Имрузҳо моро зарур аст, ки муаррифии шоистаи ин минтақаҳоро дар хориҷи кишвар бештар ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монем. Аз он ҷумла, мо бояд доир ба минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон дар кишварҳои дорои иқтидори бузурги молиявии мусулмон корҳои таблиғотию ташвиқотиро тақвият диҳем. Зеро ин кишварҳо ҳарчанд аз нигоҳи имкониятҳои молиявӣ муқтадиранд, вале дар бозори молиявии ҷаҳон бо кишварҳои абарқудрат рақобат карда наметавонанд ва бинобар ин, пайваста дар ҷустуҷӯи бозорҳо ва имкониятҳои нави сармоягузорӣ ҳастанд.

Бояд гуфт, ки новобаста аз он, ки аксарияти шаҳрвандони Тоҷикистонро мусулмонон ташкил мекунанд, бештари одамон дар бораи бонкдории исломӣ тасаввуроти аниқ надоранд.

Тибқи омори мавҷуда айни замон танҳо 15% аҳолӣ дар бораи мафҳумҳои иқтисодиёти исломӣ ва бонкдории исломӣ, дар бораи хизматрасониҳои музораба, мушарака, қарзи ҳасана бошад, ҳамагӣ 5% аҳолӣ маълумот доранд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки барои боз ҳам вусъат бахшидани амалисозии унсурҳои бонкдории исломӣ ба фарҳанги молиявии исломӣ бештар диққат дода, намудҳои фаъолият ва тарзи истифодаи хизматрасониҳоро дар ин самт ба аҳолӣ фаҳмонидан лозим аст. Бинобар ин, мо олимон бояд дар пурра намудани ин холигии фарҳангӣ кӯшиш ба харҷ диҳем ва бо таълифи китобу васоит, мақолаву маърӯзаҳои пурмуҳтаво сатҳи маърифати аҳолиро дар ин самт боло бардорем.

## АДАБИЁТ:

1. Беккин Р. И., Исламская экономика. Краткий курс. – М.: АСТ: Восток – Запад, 2008. – С. 90.
2. Мирошник Е. Н., Исламские банки. /Банковское дело/ №8, 1999, с. 20-21.
3. Судин Харон, Исламские финансы и банковская система: философия, принципы и практика. – Казань, 2002.
4. Хайров Ш., Эволюция исламских банков и их роль в становлении рыночных отношений в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2015.

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ 2018 ◘ ДОРОИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 157 781 719 | 3 226 579 403 | 931 202 316 | 28,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 794 640 888 | 2 727 498 671 | 67 142 217 | 2,5% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 985 536 769 | 1 909 505 879 | 76 030 890 | 4,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 829 010 682 | 916 261 036 | -87 250 354 | -9,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 704 432 790 | 532 314 126 | 172 118 664 | 32,3% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 653 978 802 | 821 105 361 | -167 126 559 | -20,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 350 982 488 | 335 301 936 | 15 680 552 | 4,7% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 328 832 594 | 255 758 816 | 73 073 778 | 28,6% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 227 634 422 | 189 480 323 | 38 154 099 | 20,1% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 149 449 345 | 185 278 269 | -35 828 924 | -19,3% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 104 055 706 | 103 524 188 | 531 518 | 0,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 94 679 605 | 105 320 742 | -10 641 137 | -10,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 95 592 808 | 112 182 846 | -16 590 038 | -14,8% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 22 025 048 | 59 344 117 | -37 319 069 | -62,9% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ 2018 ◘ ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 128 798 779 | 2 281 922 261 | -153 123 482 | -6,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 329 250 386 | 1 252 507 419 | 76 742 967 | 6,1% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 770 362 014 | 942 983 478 | -172 621 464 | -18,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 305 118 172 | 263 133 977 | 41 984 195 | 16,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 218 300 302 | 221 460 081 | -3 159 779 | -1,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 125 096 782 | 103 085 275 | 22 011 507 | 21,4% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 41 054 226 | 36 578 397 | 4 475 829 | 12,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 35 951 479 | 39 882 140 | -3 930 661 | -9,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 36 562 701 | 28 569 021 | 7 993 680 | 28,0% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 20 035 323 | 44 914 003 | -24 878 680 | -55,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 23 286 878 | 26 122 125 | -2 835 247 | -10,9% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 34 655 242 | 38 688 931 | -4 033 689 | -10,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 14 269 509 | 14 105 005 | 164 504 | 1,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 5 480 885 | 6 138 386 | -657 501 | -10,7% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ 2018 ◘ УҲДАДОРИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 767 127 396 | 2 884 522 704 | 882 604 692 | 30,6% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 093 835 024 | 2 073 060 113 | 20 774 911 | 1,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 651 805 049 | 1 609 564 218 | 42 240 831 | 2,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 738 586 964 | 829 016 328 | -90 429 364 | -10,9% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 608 099 813 | 465 561 469 | 142 538 344 | 30,6% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 903 280 288 | 733 186 652 | 170 093 636 | 23,2% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 297 709 453 | 282 618 331 | 15 091 122 | 5,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 227 617 918 | 155 734 908 | 71 883 010 | 46,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 153 888 884 | 130 386 428 | 23 502 456 | 18,0% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 65 172 689 | 103 356 959 | -38 184 270 | -36,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 53 523 958 | 55 486 428 | -1 962 470 | -3,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 42 467 054 | 61 424 199 | -18 957 145 | -30,9% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 9 354 105 | 51 470 088 | -42 115 983 | -81,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 1 057 640 | 567 230 | 490 410 | 86,5% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ 2018 ◘ ПАСАНДОЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 190 618 758 | 2 444 081 276 | 746 537 482 | 30,5% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 439 906 648 | 962 564 904 | 477 341 744 | 49,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 973 563 557 | 927 351 997 | 46 211 560 | 5,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 452 563 339 | 564 194 507 | -111 631 168 | -19,8% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 540 325 770 | 414 330 790 | 125 994 980 | 30,4% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 368 461 432 | 558 738 124 | -190 276 692 | -34,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 214 923 617 | 137 643 666 | 77 279 951 | 56,1% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 38 841 338 | 43 448 349 | -4 607 011 | -10,6% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 40 945 252 | 41 938 215 | -992 963 | -2,4% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 34 839 545 | 15 849 022 | 18 990 523 | 119,8% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 33 651 977 | 24 113 441 | 9 538 536 | 39,6% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 3 991 680 | 11 777 880 | -7 786 200 | -66,1% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 2 771 600 | 2 677 876 | 93 724 | 3,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 671 608 | 363 954 | 307 654 | 84,5% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ 2018 САРМОЯ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 700 805 864 | 654 438 558 | 46 367 306 | 7,1% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 390 654 323 | 342 056 699 | 48 597 624 | 14,2% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 333 731 720 | 299 941 661 | 33 790 059 | 11,3% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 119 159 946 | 87 918 709 | 31 241 237 | 35,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 101 214 676 | 100 023 908 | 1 190 768 | 1,2% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 102 998 066 | 102 956 958 | 41 108 | 0,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 96 332 977 | 66 752 657 | 29 580 320 | 44,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 90 423 718 | 87 244 708 | 3 179 010 | 3,6% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 84 276 656 | 81 921 310 | 2 355 346 | 2,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 73 745 538 | 59 093 895 | 14 651 643 | 24,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 53 273 035 | 52 683 605 | 589 430 | 1,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 53 125 754 | 50 758 647 | 2 367 107 | 4,7% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 41 155 647 | 49 834 314 | -8 678 667 | -17,4% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 12 670 943 | 7 874 029 | 4 796 914 | 60,9% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ 2018 ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 63 198 645 | 64 509 326 | -1 310 681 | -2,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 37 768 474 | 25 392 674 | 12 375 800 | 48,7% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 30 003 764 | 22 724 736 | 7 279 028 | 32,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 25 420 110 | 15 373 312 | 10 046 798 | 65,4% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 15 192 903 | 22 160 068 | -6 967 165 | -31,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 3 408 612 | 13 461 804 | -10 053 192 | -74,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 5 740 714 | 4 548 797 | 1 191 917 | 26,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 15 851 304 | -82 342 832 | 98 194 136 | 119,3% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 2 796 057 | 7 021 743 | -4 225 686 | -60,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 1 826 448 | 1 505 349 | 321 099 | 21,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 1 568 063 | -10 451 425 | 12 019 488 | 115,0% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 42 342 | 9 324 | 33 018 | 354,1% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 736 717 | -13 220 784 | 13 957 501 | 105,6% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -4 324 603 | -5 323 471 | 998 868 | 18,8% |

# Повышение уровня финансовой грамотности – залог здорового развития экономики



**«Финансовая деятельность – искусство или наука, управлять доходами и ресурсами для пущей выгоды управляющего»**
*(Амброз Бирс)*

Понятие «финансовая грамотность» выходит за пределы политических и географических границ, а потребность в финансовом просвещении населения возрастает в геометрической прогрессии. Проблема развития финансового образования и повышения уровня финансовой грамотности населения является относительно новой, очень интересной и чрезвычайно сложной для Республики Таджикистан, потому что отсутствие элементарных финансовых знаний и навыков ограничивает возможности граждан по принятию правильных решений для обеспечения своего финансового благополучия.

Экономические последствия и угрозы низкой финансовой грамотности населения иногда выражаются в росте числа финансовых злоупотреблений, в накоплении населением избыточной кредитной задолженности, неэффективном распределении личных сбережений. Кроме того, недоверие граждан к финансовым рынкам, непонимание контрактных отношений, базовых основ финансов, также сдерживают развитие предпринимательской деятельности малого и среднего бизнеса: люди не знают, как начать свое дело и грамотно оформить свой бизнес-план.

В настоящее время, рынок финансовых услуг представлен различными участниками, начиная от небольших микрофинансовых организаций до крупных коммерческих банков, включая страховые и лизинговые компании, которые предлагают большой спектр финансовых услуг, направленных на удовлетворение потребностей различных групп населения. К сожалению, финансовая грамотность среди населения очень низка. Этим объясняется все еще сохраняющийся низкий уровень доверия к финансовым учреждениям, что, в свою очередь, сдерживает развитие и рост финансового сектора, который характеризуется невысоким уровнем депозитов и использования других финансовых услуг.

Необходимо отметить, что большая часть населения нашей страны, прежде всего в регионах, имеет ограниченные знания о методах управления своими

финансами (сбережения, инвестирование, риски), пренебрегает необходимостью долгосрочного финансового планирования семейного бюджета, недостаточно информирована о существующих финансовых услугах и условиях финансирования. При наличии большого разнообразия финансовых услуг население сталкивается с трудностями понимания их сущности и это приводит к недостаточному пользованию населения финансовыми услугами различных финансовых институтов. Опыт изучения вышеуказанных проблем показывает, что данная ситуация обусловлена двумя факторами - низкой финансовой грамотностью населения и недостаточным пониманием финансовых услуг.

Доступ к различным финансовым услугам - таким, как накопление сбережений, доступ к кредитам, осуществление денежных переводов, – дает возможность малоимущим семьям вкладывать средства в предприятия, расходовать их на улучшение питания и условий жизни, охрану здоровья и образование детей. Мы уверены, в том, что рост финансовой грамотности населения поддержит тенденцию к снижению наличного денежного оборота и позволит более активно развиваться сектору безналичных финансовых транзакций, что также будет вести к увеличению собираемости налогов, прозрачности и подконтрольности финансового сектора.

Обладание населением финансовой грамотностью по своей сути является основным средством наиболее полного удовлетворения своих потребностей даже при ограниченности ресурсов.

Обеспечение доступа широких слоев населения к финансово-кредитным услугам страны может стать движущей силой в развитии предпринимательства в республике, в особенности в сельской местности, а также способствовать повышению благосостояния и качества жизни населения.



Рахматшо Сайисмонов, заместитель Председателя Ассоциации Банков Таджикистана, к.э.н., доцент.

> Во многих развитых странах повышение финансовой грамотности является элементом государственной политики.

Люди, «умеющие грамотно планировать свой личный бюджет, более эффективны и в работе, вне зависимости от того, на каких позициях и в какой сфере они работают. Поэтому повышение уровня финансовой грамотности – это ключ к финансовому благополучию граждан и повышению производительности труда и залог здорового развития экономики в целом» .

Другими словами, финансово грамотный человек — это человек со сформированным экономическим мышлением, способный действовать в ситуации выбора, сознающий собственную ответственность и разделяющий общественные ценности. Понимание, что финансовая грамотность неотделима от человека, как многокомпонентного фактора развития, буквально диктует системный и комплексный подход при разработке концепции развития финансового образования и финансовой грамотности населения.

Действительно, основными элементами, определяющими структуру человеческого капитала, принципиально важными для оценки его качества, выступают: врожденные способности; трудовые (профессиональные) навыки; приобретенные специальные знания, включая финансовые; мотивация (ценностные ориентации); здоровье (физическое, психическое, социальное); качество среды (институциональной и экологической)». Тесная взаимосвязь всех элементов указывает на то, что недостаточное




развитие любого из них негативно отразится и на продуктивности финансовых знаний. Надо сказать, что сегодня основной подход к преподаванию финансовых знаний и основные доказательства того, как финансовая индустрия может реально улучшить жизнь людей, выстраиваются через призму концепции человеческого капитала.

Таким образом, финансово грамотное население: ежемесячно ведет учет расходов и доходов семьи, живет по средствам – без излишних долгов, финансово планирует на перспективу (готовность к непредвиденным обстоятельствам и подготовка к пенсии), приобретает финансовые продукты и услуги на основе выбора, ориентируется в вопросах финансовой сферы.

К сожалению, уровень финансовой грамотности населения в настоящее время чрезвычайно низок, и его повышение - актуальная потребность для всех игроков рынка. На наш взгляд, основным барьером является то, что игроки не заинтересованы в том, чтобы за свои деньги создавать общественное благо для всего рынка, а договориться между собой и преодолеть «проблему бедных людей», они даже не пытаются.

Однако в случае появления координатора в лице государства, участники рынка готовы участвовать в данной программе. Государство помимо выработки целей программы и способов их достижения должно:

• стать организатором публичной дискуссии по этой теме;

• следить за тем, чтобы программы повышения финансовой грамотности не свелись к рекламным и маркетинговым действиям по продвижению продуктов и привлечению клиентов;

• наладить сбор и анализ информации, например, по тем жалобам от населения, которые поступают в организации, контролирующие и регулирующие финансовые рынки;

• совершенствовать законодательную базу для того, чтобы недобросовестные участники не имели возможности предоставлять финансовые услуги населению;

• проводить политику повышения прозрачности работы финансовых институтов: раскрытие информации, унификация договоров.

Повышение финансовой грамотности обязательно должно сопровождаться как повышением прозрачности финансовых институтов, так и доступности информации об их услугах, сравнимости условий по различным продуктам.

На наш взгляд, финансовая грамотность как понятие разбивается на три взаимосвязанных части: установки, знания и навыки. Первая часть – установки – это базис финансовой грамотности. Далее речь идет о формировании культуры финансового поведения, которая начинается с планирования семейного бюд-

»

**Другими словами, финансово грамотный человек – это человек со сформированным экономическим мышлением, способный действовать в ситуации выбора, сознающий собственную ответственность и разделяющий общественные ценности.**

жета, причем на длительную перспективу, и выработки стратегии реализации потребностей жизненного цикла.

Однако пока знания и навыки долгосрочных стратегий финансового планирования не развиты, сохраняется привычка думать только о сегодняшнем дне. Именно эту установку можно и нужно изменить в ходе реализации программы повышения финансовой грамотности населения через формирование в сознании людей понимания того, что жизненный цикл любого человека включает определенные события, к которым необходимо подойти финансово подготовленным. Это создание семьи, рождение детей, покупка квартиры или дома, образование детей, пенсия.

Решение всех этих задач невозможно без использования инструментов финансового рынка. Другой важной установкой, препятствующей развитию финансовой активности населения, является недоверие населения финансовым институтам.

Преодоление такого отношения необходимо через убеждение людей в том, что существование данных институтов является нормой для любого современного общества, неотъемлемым и функциональным элементом рынка. Государственная программа должна сосредоточиться в первую очередь на формировании установок и базисных знаний и навыков на финансовом рынке, финансового минимума, причем делать это через информирование о моделях поведения, рассчитанных на удовлетворение определенной потребности.

Необходимые знания должны включать: понятие риска и доходности, дисконтирования, инфляции, понимание различий между реальным и номинальным измерениями, наличными и безналичными платежами, принципы и схемы функционирования финансового рынка.

Необходимые навыки: умение искать и находить информацию о рынке, привычка следить за основными показателями рынка, умение читать договор и понимать содержащуюся в нем информацию, сравнивать между собой предложения различных компаний, умение подавать претензию или жалобу в том случае, если его права нарушены и т.п.

На первый взгляд, программа повышения финансовой грамотности «обречена» на успех: сегодняшний уровень финансовой грамотности очень низок и любые действия приведут к его повышению, а любое повышение уровня финансовой грамотности населения пойдет на пользу рынку.

В последнее десятилетие во всем мире наблюдался бурный рост спроса на финансовую грамотность. Этот сдвиг также вызван следующими фундаментальными факторами:

- в современном мире планирование событий жизненного цикла серьезно зависит от личного планирования собственных финансов и благосостояния, необходимого для обеспечения дохода после выхода на пенсию, финансирования образования детей, оплаты жилья и создания страховки на случай кризисных ситуаций;
- усложнение финансовых продуктов, предлагаемых финансовым сектором;
- повышение доходов, продолжительности жизни, а также, возможно, желание граждан иметь более разнообразный выбор.

Стремительный рост кредитов населению в последнее десятилетие сопровождается ростом числа домохозяйств, которые не вполне понимают возникающие у них в связи с получением кредита риски и обязательства, а также и все имеющиеся у них варианты выбора. Сложные финансовые услуги предлагались и продолжают предлагаться потребителям, в том числе гражданам с недостаточно надежными кредитными историями.

Для государства низкий уровень финансовой грамотности является одним из препятствий развития финансового сектора в целом, ограничивает возможности и снижает эффективность регулирования финансовых рынков, защиты прав потребителей, препятствует переходу к пенсионной системе, основанной на большем индивидуальном участии.

Для частных организаций, предоставляющих финансовые услуги, низкий уровень финансовой грамотности потребителей способствует росту отрицательных внешних эффектов, производимых недобросовестными поставщиками финансовых услуг,

что приводит к снижению уровня доверия к сектору в целом.

С точки зрения экономики в целом недостаточный уровень знаний в области финансовых услуг означает низкую степень вовлечения широких слоев населения в их потребление, что ограничивает уровень и качество сбережений и инвестиций, определяющих потенциал экономического роста.

Во многих развитых странах повышение финансовой грамотности является элементом государственной политики.

Государство должно вырабатывать цели программы и способы их достижения – быть единым координационным центром, организатором публичной дискуссии по этой теме, определить единые стандарты, помочь игрокам рынка договориться между собой и преодолеть «проблему безбилетника», которая заключается в том, что если кто-то из участников рынка начинает тратить свои ресурсы на повышение финансовой грамотности населения, то тем самым создается общественное благо, которым пользуются все, а не только те, кто его создал.

Государство также должно следить за тем, чтобы обеспечить реализацию программы на всей территории страны, даже в тех регионах, где в повышении грамотности населения в данный момент участники рынка не заинтересованы. Именно государство способно аккумулировать информацию о проблемных зонах рынка финансовых услуг

> Сложные финансовые услуги предлагались и продолжают предлагаться потребителям, в том числе гражданам с недостаточно надежными кредитными историями.

для населения. Государство как регулятор рынков обеспечивает лицензирование, мониторинг и защиту, следит за тем, чтобы недобросовестные участники не имели возможности предоставлять услуги населению, проводит политику повышения прозрачности работы финансовых институтов: раскрытие информации, унификация договоров, своевременное обеспечение законодательной базы.

Государство имеет в своем ведении образовательные учреждения и способно оказать влияние на то, какие знания будут доноситься до школьников и студентов в их стенах. Только в рамках средней школы можно достичь максимального охвата различных слоев населения. Поэтому если в школьной программе удастся найти место знаниям о финансовых институтах и услугах, то велика вероятность того, что молодежь, выходя во взрослую жизнь, будет лучше осведомлена о финансовом рынке, при этом родители школьников также будут отчасти вовлечены в этот процесс.

Государство может: выступать «центральным агентом», координируя деятельность субъектов, реализующих информационно-образовательные программы, обеспечивая функционирование единых информационных баз и каналов распространения информации; финансировать (полностью или частично) реализацию информационно-образовательных программ; обеспечивать формирование стандартов распространяемой производителями финансовых услуг информации, характера процедур ее раскрытия; полностью реализовывать всю технологическую цепочку действий по развитию финансовой грамотности.

С точки зрения характера программ действия как государственных, так и негосударственных организаций сосредоточены в рамках трех основных направлений:

1) создание достоверных и доступных источников информации для потребителя финансовых услуг;

2) реализация образовательных программ (семинары, тренинги и т.п.);

3) обеспечение поддержки консультационного характера и защиты прав потребителей непосредственно при выборе и потреблении финансовых услуг.

В развитых странах используются следующие критерии для выделения целевых групп: возраст – школьники, студенты, индивиды предпенсионного возраста, пенсионеры; пол – вы-

деляются специализированные программы для женщин; место проживания – жители городов с высоким уровнем развития финансовой инфраструктуры, жители пригородов и деревень; уровень дохода – индивиды с низким, средним и высоким уровнем дохода; социокультурные особенности – язык, религиозные представления, приверженность обычаям; степень вовлечения в потребление финансовых услуг – индивиды, имеющие опыт потребления финансовых услуг, индивиды, исключенные из потребления финансовых услуг.

В международной практике существуют программы, ориентированные на различные категории населения и целевые аудитории. Большая часть из них ориентирована на систему школьного и высшего образования. Другие – на экономически активное население, начинающих предпринимателей и представителей малого бизнеса. Отдельным направлением деятельности является повышение финансовой грамотности категории граждан с низким доходом или без высшего образования.

Ряд ведущих международных финансовых институтов и финансовых компаний активно участвуют в различных программах повышения финансовой грамотности, имеющих образовательные и социальные цели.

Основные целевые аудитории, на которые направлены подобные программы: молодежь, начиная со старших классов; студенты университетов; дети школьного возраста и их родители; активные люди среднего возраста, потенциальные и начинающие предприниматели; социально уязвимые группы: женщины, этнические меньшинства и др.

Основные механизмы участия бизнеса в подобных программах: финансирование программ через гранты компаний; партнерство с некоммерческими организациями, занимающимися этой проблемой; создание специальных фондов, институтов, специализирующихся на вопросах повышения финансовой грамотности, как корпоративных, так и национальных; вовлечение сотрудников компаний в информирование, проведение семинаров, разработку учебных курсов; сотрудничество со СМИ.

Таким образом, повышение финансовой грамотности населения является важнейшей задачей для Таджикистана. Уровень и темпы социально-экономического развития зависит от уровня развития финансовых рынков, который в свою очередь зависит от грамотности населения в финансовой сфере, что способствует увеличению спроса на финансовые продукты. В совокупности все эти факторы работают на повышение благосостояния населения.

## СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

1. Андрей Кондратьев «Основы финансовой грамотности» / М.: Бизнес и экономика, 2018. – 32 с.
2. Аксенов, А. П. Гид по финансовой грамотности / А. П. Аксенов и др. - М.: КНОРУС: ЦИПСиР, 2015. - 456 с.
3. Анализ мировой практики развития финансового образования и повышения финансовой грамотности населения / А. А. Столярова, Г. Э. Шахназарян // Финансы и кредит. - 2014. - N 34. - С. 72-78
4. Брехова, Юлия Финансовая грамотность. 10-11 классы. Методические рекомендации для учителя / Юлия Брехова, Александр Алмосов, Дмитрий Завьялов. - М.: Вита-Пресс, 2016.
5. Лавренова, Екатерина Борисовна Финансовая грамотность. 10-11 класс. Экономический профиль. Учебная программа / Лавренова Екатерина Борисовна. - М.: Вита-Пресс, 2016.
6. Финансы: Учебник/В.А.Слепов, А.Ф.Арсланов, В.К.Бурлачков и др. - М.: Магистр, НИЦ ИНФРА-М, 2015. - 336 с.



# СҲШ ва нақши он дар ҳамгироии иқтисодӣ

Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) солҳои охир ба яке аз созмонҳои минтақавии муҳиме мубаддал гардидааст, ки кишварҳои гуногунро гирди ҳам ҷамъ оварда, талош дорад, дар ҳали мушкилоти иҷтимоию иқтисодии онҳо саҳм гузорад. Ин созмон соли 2001 аз ҷониби Русия, Қазоқистон, Чин, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо мақсади рушди ҳамгироӣ, кумак ба ҳамдигар, ҳамкориҳои мутақобилан судманд таъсис ёфта буд. Соли 2018 бошад, ба он Ҳиндустон ва Покистон низ ворид шуданд. Эрону Афғонистону Белорусу Муғулистон ҳамчун давлатҳои нозир дар он ҳузур дошта, мехоҳанд дар оянда аъзои комилҳуқуқи ин созмон шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлисҳои СҲШ ҳамчун узви комилҳуқуқ иштирок намуда, борҳо ҷаласаҳои ин созмонро дар пойтахти худ шаҳри Душанбе мизбонӣ намудааст. Чунончӣ рӯзҳои 11 ва 12 октябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони ҳукуматҳои СҲШ баргузор шуд. Тоҷикистон бо ташаббусҳои худ дар масъалаҳои мубориза бо терроризм, ҳамкориҳои низомию амниятиву дифоъӣ, ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ки соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, муҳоҷират ва ғайраро фаро мегиранд, дар тавсиаи ҳамкориҳо дар доираи СҲШ саҳм мегузорад.

СҲШ ҳарчанд дар ибтидои ташкилшавиаш бо мақсади ҳали масъалаҳои наздимарзӣ созмон дода шуда буд, вале тадриҷан доираи фаъолияти он фарох шуда, ҳоло фаъолияти он ба ғайр аз масъалаҳои сиёсӣ ба густариши робитаҳои иқтисодии кишварҳои аъзои он равона шудааст.

Ҳоло барои давлатҳои узви СҲШ ҳамкории иқтисодӣ аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Давлатҳои узви ин созмон нақшаи ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодӣ байни давлатҳои аъзоро қабул намудаанд, ки мусоидат намудан ба гардиши озоди мол, хизматрасонӣ ва технологияҳо дар байни давлатҳои аъзоро ҳадаф қарор додааст. Ба ин тартиб, сол аз сол ҳамкориҳои СҲШ дар соҳаи тандурустӣ, фарҳанг, маориф, илм ва фанноварӣ, кишоварзӣ, гумрук, энергетика, нақлиёту мухобирот ва мубориза бо ҷинояткорӣ густариш меёбанд.

Кишварҳои аъзои ин созмон дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт масъалаи рушди ҳамгироӣ дар минтақаро ҳамчун масъалаи афзалиятноки байналмилалӣ қабул кардаанд. Онҳо бо дарки аҳамияти ҳамгироӣ барои пешрафти кишварҳои худ дар замони муосир сиёсатҳои худро ҷиҳати тавсиаи ҳамкориҳо равона кардаанд.

Аслан СҲШ созмони байниҳукуматии байналхалқии доимамалкунанда ба шумор меравад ва бар асоси ҳуҷҷати асосии оинномавии созмон – Хартияи СҲШ, ки 7 июни соли 2002 қабул шудааст, фаъолият мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои кишварҳои минтақа узвият дар СҲШ аҳамияти бузург дорад. Бинобар сабаби он ки СҲШ қаламрави бузург дораду доираи васеи ҳамкориҳои минтақавиро фаро мегирад, шакли нави ҳамкории давлатҳои аз ҷиҳати сохти сиёсӣ, иқтидори иқтисодӣ ва фарҳангӣ гуногун ба шумор меравад, барои ҳали мушкилоти байналмилалӣ мусоидат мекунад.

## ▲ СҲШ – 60% ҚОРАИ АВРУПОЮ ОСИЁ

Ин созмон бо иқтидори худ, яке аз иттиҳодияҳои бузургтарини бисёрҷонибаи минтақавии давлатҳо ба шумор меравад. Масоҳати умумии кишварҳои узви СҲШ тақрибан 34 миллион километри мураббаъро ташкил медиҳад, ки ин 60 фоизи масоҳати қораи Аврупою Осиёро фаро мегирад. Аҳолии ин кишварҳо 3 миллиарду 40 миллион нафар буда, беш аз нисфи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Давлатҳои узви СҲШ инчунин захираҳои кофии меҳнат ва захираҳои бузурги табиии дастнахӯрдае, амсоли карбогидридҳо, металлҳо, унсурҳои нодири табиӣ ва захираҳои бузурги обро дар ихтиёр доранд.

Ин шароиту имконият ва иқтидорҳои мавҷуда, ба гуфтаи коршиносон, имкон медиҳанд, ки кишварҳои узви ин созмон бо истифода аз онҳо иқтисоди кишварҳои худро рушд бахшанд. Ҳамин тавр ҳамкории иқтисодии кишварҳои СҲШ метавонад самаранок бошад ва иқтисоди кишварҳои минтақаро ба сӯйи рушди устувор раҳнамоӣ кунад.

Ҳоло дар доираи созмони мазкур самтҳо, лоиҳаҳо ва механизмҳои нави ҳамкории иқтисодӣ ташаккул ёфта истодаанд, ки имкони таъсир ба иқтисоди ҷаҳонро доранд. Масалан, тасмимҳо барои истифодаи пули миллии Чин ҳангоми тиҷорат бо ин кишвар дар робита ба ноустувории қурби доллар, ба андешаи коршиносон, аз ҷумлаи самтҳоест, ки тавассути кам кардани истифодаи доллар дар байни ин давлатҳо, метавонад ба иқтисоди дунё таъсир гузорад.

Ба назари таҳлилгарон, ҳамгироӣ ба давлатҳои аъзои ин созмон имкон медиҳад, ки дар якҷоягӣ мушкилоти иҷтимоию иқтисодии муҳимро ҳал кунанд. Омили аз ҷиҳати ҷуғрофиёӣ наздик будан имкон медиҳад, ки манфиатҳои якҷояи тарафҳо ҳимоя гардад ва масъалаҳои сиёсати беруна бо ҳам мутобиқ карда шаванд.

Ҳоло намояндагони давлатҳои СҲШ оид ба масъалаи муҳайё сохтани шароит барои минтақаи ҳуқуқии ягона ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, фароҳам кардани имтиёзҳо ба молҳо дар бозори давлатҳои дигар, бунёди ниҳодҳои таъминкунандаи фаъолияти иқтисодии устувор, сода намудани раванди савдо ва рафтуомади нақлиёт ва паҳннамоии иттилооти тиҷоратӣ гуфтугӯ мекунанд.

Барои Тоҷикистон СҲШ ба таври мустақим дараҷаи ҳамгироии кишвар бо иқтисоди ҷаҳонро муайян мекунад ва ба рушди иқтисодӣ дар давраи дарозмӯҳлат таъсир мерасонад. Иштирок дар чунин ташкилоти бузурги минтақавӣ, имиҷи байналмилалии кишварҳои ширкаткунандаи онро баланд бурда, ҳавасмандии бисёр давлатҳоро ба он бештар менамояд.

Тавре аз андешаҳои коршиносон бармеояд, арзёбии ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои узви СҲШ нишон медиҳад, ки ин созмон барои рушди иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам оварда, дар ҳудуди он фазои тиҷоративу сармоягузорӣ тадриҷан беҳтар мешавад.

Яке аз бартариҳои муҳими ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи СҲШ нисбат ба созмонҳои дигар ин аст, ки СҲШ иштироки ҳатмии ҳамаи ҳашт кишвари узвро дар

> Ҳоло дар доираи созмони мазкур самтҳо, лоиҳаҳо ва механизмҳои нави ҳамкории иқтисодӣ ташаккул ёфта истодаанд, ки имкони таъсир ба иқтисоди ҷаҳонро доранд. Масалан, тасмимҳо барои истифодаи пули миллии Чин ҳангоми тиҷорат бо ин кишвар дар робита ба ноустувории қурби доллар, ба андешаи коршиносон, аз ҷумлаи самтҳоест, ки тавассути кам кардани истифодаи доллар дар байни ин давлатҳо, метавонад ба иқтисоди дунё таъсир гузорад.

тарҳи мушаххас пешбинӣ намекунад. Дар доираи СҲШ тарҳҳои гуногун метавонанд, бидуни иштироки баъзе давлатҳои аъзои ин созмон иҷро шаванд.

Бисёре аз давлатҳои аъзои СҲШ дар доираи ин созмон бо бастани созишномаҳои дуҷониба ё сеҷониба тарҳҳои гуногуни иқтисодиро амалӣ мекунанд. Дар баробари ин, ҳангоми ҳамкориҳои иқтисодӣ иштироки созмонҳо ва кишварҳои дигар дар тарҳҳои СҲШ имконпазир мебошад. Кишварҳое, ки ҳатто мақоми нозирро дар ин созмон надоранд, метавонанд, дар тарҳҳои минтақавии он ширкат варзанд.

## ▲ МОНЕАҲОИ СҲШ, КИ БОЯД БАРТАРАФ ШАВАНД

Бо вуҷуди ин ҳама, ба назари коршиносон, роҳи СҲШ бидуни монеаҳо нест. Монеаи аслӣ дар ин ҷо гуногунии сохтор ва таносуби иқтисоди давлатҳои аъзои он ба шумор меравад. Кишварҳои узви он дар шароитҳои гуногуни рушди иқтисодӣ қарор доранд. Дар робита ба ин, коршиносон бар ин назаранд, ки зарур аст барномаҳои стратегии рушд барои кишварҳои ҷудогона ва барои гурӯҳҳои алоҳидаи ҳамгирой таҳия гарданд. Ҳамчунин барои ҳамкории иқтисодӣ бунёд намудани ниҳодҳои бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳким бахшидани нақши Иттиҳоди байнибонкии СҲШ барои сармоягузории лоиҳаҳо низ зарур маҳсуб мешавад.

Бино ба маълумоти Бонки давлатии рушди Чин то ибтидои соли 2018 Иттиҳоди байнибонкии СҲШ барои татбиқи тарҳҳо дар доираи СҲШ 80 миллиард доллар ва 114 миллиард юан (17,8 миллиард доллари амрикоӣ) қарз тахсис додааст. Ин қарзҳо барои сохтмони инфрасохтор, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва татбиқи лоиҳаҳои мушаххаси иҷтимоӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, ин маблағҳо ҳамчун қарз барои татбиқи лоиҳаҳои марбут ба рушди ҳамкориҳои нафту гази Чину Русия, сохтмони қубури нафтгузари Чину кишварҳои Осиёи Марказӣ, лоиҳаҳои соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар Ӯзбекистон дода шудаанд.

Маҳз ба ҳамин хотир давлатҳои узви СҲШ аз татбиқи лоиҳаҳои созмон натиҷаҳои хуби иҷтимоиву иқтисодиро интизоранд ва умедворанд, ки ин тарҳҳо ба рушди робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва ҳамкории миёни кишварҳои минтақа саҳим шуда, ба рушди кишварҳои узви СҲШ мусоидат хоҳанд кард.

Мутобиқ ҳам сохтани қонунгузориҳои давлатҳои узви СҲШ, ки аз ҳамдигар тафовут доранд, барои боз ҳам густариш ёфтани ҳамкориҳо ва иҷрои тарҳҳои нав кумак мекунанд. Зеро бидуни ба таври комил ташаккул ёфтани танзими ҳуқуқии байналмилалии ҳамкориҳои иқтисодӣ дастёбӣ ба рушди самараноки иқтисодӣ мушкил аст.

Ба андешаи коршиносон, фаъолияти мунтазам барои ҳамоҳангсозии қонунгузориҳои миллӣ, баробарсозии сатҳи рушди иқтисодӣ, таъсиси сохторҳои низомсози зарур барои таъмини фаъолияти лоиҳавӣ, татбиқи барномаҳои стратегӣ ва таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои батасвибрасидаи СҲШ ба рушди иқтисоди кишварҳои минтақа боис хоҳад шуд.

Дарк кардан зарур аст, ки дар айни замон динамикаи рушди иқтисоди кишварҳои узви СҲШ вобаста ба имконот ва дараҷаи инкишофи ин кишварҳо гуногун мебошад. Агар аз як тараф қурби пули милии Чин дар солҳои охир устувории худро нисбат ба асъорҳои дигар ҳифз карда бошад, аз ҷониби дигар қурби рубли Русия солҳои охир дар пайи таҳримҳои байналмилалии марбут ба бӯҳрони Украина ба шиддат поён рафтааст.

## ▲ ММД-И АЪЗОИ СОЗМОН РУШД МЕКУНАД

Бар асоси омори расмии СҲШ Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои узви ин созмон дар солҳои охир пайваста дар ҳоли рушд қарор дорад. Ба вижа рушди иқтисодии Чин дар солҳои охир бениҳоят чашмрас аст. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Чин аз 2713 миллиард доллари соли 2006 дар соли 2017 ба 12908 миллиард доллар расидааст. (Замимаи 1).

Дар ҳамин ҳол кишвари дигари бузургтари аъзои созмони мазкур - Русия бо вуҷуди ин ки мавриди таҳримҳои байналмилалӣ қарор дорад, тавонистааст рушди иқтисодашро ҳифз кунад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Русия аз 990,32 миллиард доллари соли 2006 ба 1578,64 миллиард доллар дар соли 2017 расидааст.

Ба ҳамин монанд рушди чашмгирро дар иқтисоди Ҳиндустону Покистону Қазоқистон ва давлатҳои дигари аъзои созмони мазкур низ мушоҳида кардан мумкин аст. Танҳо дар як даҳсолаи ахир Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҳиндустон аз 949,12 миллиард доллар то 2611,01 миллиард доллар афзудааст. Дар ин давра рушди босуръати Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон низ таъмин шуда, он аз 2,83 миллиард доллари соли 2006 то 7,17 миллиард доллар дар соли 2017 афзоиш пайдо кардааст.

Ҳамин тавр, кишварҳои аъзои СҲШ дар даҳсолаи охир бо раванди мусбати рушди худ пайваста, ба сӯйи пеш равонанд. Тавре таҳлилгарон иброз медоранд, рушди ҳамкориҳо, табодули коло, афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва шарикии молиявии мусоид дар бозорҳои хориҷӣ ва афзудани нархҳои ҷаҳонии молҳои асосии содиротии ин минтақа боис ба тавсиаи иқтисоди кишварҳои СҲШ шудааст.

## ▲ САТҲИ ТАВАРРУМ АСОСАН МУЪТАДИЛ АСТ

Нишондиҳандаи дигари иқтисодии СҲШ - таваррум вобаста ба вазъи иқтисодии кишварҳои алоҳида аз ҳам тафовут дорад. Масалан, дар Чин сатҳи таваррум дар давоми солҳои 2008-2017 тағйироти зиёде надошта, ҳарсола аз сатҳи 1, 26 фоиз то 4,57 фоиз тағйирёбӣ доштааст. Дар соли 2017 ин нишондиҳанда ба 1,4 фоиз баробар шудааст, ки сатҳи пасти таваррум арзёбӣ мешавад.

Дар аксари кишварҳои узви СҲШ, ки дар минтақаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қарор доранд, сатҳи таваррум дар замони оғози фаъолияти СҲШ солҳои 2000-ум баланд буд. Вале он тадриҷан сол ба сол коҳиш пайдо кард. Кишварҳои узви ин созмон, Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон тавонистаанд, ки нархҳои баландро коҳиш дода, дар солҳои охир сатҳи таваррумро дар сатҳи муътадил нигоҳ доранд.

Сатҳи баланди таваррум дар байни кишварҳои СҲШ ҳоло дар Ӯзбекистон ба мушоҳида мерасад, ки дар соли 2017 14,4%-ро ташкил додааст. Вале ба роҳ мондани ҳамкориҳои ҷадиди Ӯзбекистон бо кишварҳои хориҷӣ ва татбиқи барномаҳои нави иқтисодии ин кишвар дар ду соли охир имкон медиҳад, ки сатҳи таваррум дарояндаи наздик муътадил шавад.

Дар Тоҷикистон низ сатҳи таваррум раванди коҳишёбиро касб кард. Дар соли 2017 ин нишондиҳанда 6,7 фоизро ташкил дод. Сатҳи пасти таваррум дар Русия ҳам ба чашм мерасад, ки дар соли гузашта ба 2,5 фоиз баробар шуда буд.

Умуман, дар тамоми кишварҳои аъзои СҲШ раванди коҳишёбии таваррум дар давоми 10 соли охир дида мешавад. Барои мисол, Русия сатҳи таваррумро аз 11,9% дар соли 2007 то 2,5% дар соли 2017 коҳиш додааст. Дар Қирғизистон низ сатҳи таваррум аз 20%-и соли 2007 ба 3,7 фоиз дар соли 2017 паст шудааст.

## ▲ ҚАРЗДИҲӢ ДАР КИШВАРҲОИ АЪЗО РӮ БА АФЗОИШ НИҲОД

Солҳои охир бозорҳои молиявии кишварҳои СҲШ аз он ҷумла, бозори хизматрасониҳои бонкӣ рушд намуданд. Бино ба гузориши Хазинаи байналмилалии асъор кишварҳое, чун Чину Покистону Ҳиндустон низомҳои бонкии тавсиадоштаеро дар ихтиёр доранд.

Бино ба омори расмӣ кишварҳои пасошӯравии аъзои СҲШ низомҳои миллии бонкии худро ташаккул дода, хизматрасониҳои бонкӣ ва маҳсулоти бонкии худро афзоиш додаанд. Бонкҳои ин давлатҳо дар солҳои охир бо бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ҳамгироиро ба роҳ монда, тавонистаанд дар ин соҳа ба дастовардҳо ноил шаванд. Ҳаҷми қарздиҳӣ дар солҳои охир дар ин кишварҳо рӯ ба афзоиш ниҳод. Масалан, дар солҳои 2006-2016 мизони қарздиҳӣ дар Тоҷикистон аз 730 миллион доллар то 1,27 миллиард доллар рушд ёфт. Дар Қирғизистон қарздиҳӣ дар давоми солҳои 2006-2017 аз 120 миллион доллари ИМА ба 1,02 миллиард доллар расид. Ҳамин тавр, ин нишондиҳанда дар Русия ба таври назаррас рушд ёфта, аз 240,54 миллиард доллар дар соли 2006 ба 735,96 миллиард доллар дар соли 2017 тавсиа ёфт.

## ▲ ПАСАНДОЗҲОИ АҲОЛӢ НИЗ ЗИЁД ШУДАНД

Дар солҳои охир маҷмӯи амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳои кишварҳои аъзои СҲШ низ тавсиа доштааст. Ҳаҷми бақияи амонатҳо нисбати Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии кишварҳои аъзои СҲШ афзудааст. Дар Русия мизони ҷалби амонатҳо аз 219,15 миллиард доллар дар соли 2006 ба 752,41 миллиард доллар дар соли 2017 расидааст. Дар ин давра ҷалби амонатҳои шаҳрвандон дар Тоҷикистон низ раванди мусбатро касб карда, аз 340 миллион доллар дар соли 2006 то 1,05 миллиард доллар дар соли 2017 афзоиш ёфтааст.

Ҳарчанд, баъд аз замони мавриди таҳримҳои байналми-

лалӣ қарор гирифтани Русия нишондиҳандаҳои амонатгузории шаҳрвандон дар ин кишварҳо коҳиш пайдо кардааст, вале метавон мушоҳида кард, ки ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз дар қиёс бо 10 соли пеш бештар мебошанд. Масалан, мизони амонатҳо дар Қирғизистон дар соли 2006 0,42 миллиард долларро ташкил медод, он дар соли 2017 ба 1,77 миллиард доллар расидааст. Дар робита ба ин метавон гуфт, ки нишондиҳандаҳои ҷалби амонатҳо аз афзоиши эътимоди шаҳрвандон ва бахши хусусӣ ба низомҳои бонкдорӣ дар кишварҳои СҲШ-ро нишон медиҳад.

### ▲ ҚУРБИ ПУЛҲОИ МИЛЛӢ ВА БУҲРОНҲОИ МОЛИЯВӢ

Қурби миёнаи солонаи пулҳои миллии кишварҳои аъзои СҲШ вобаста ба шароити иқтисодии ҳар як кишвари аъзои созмони мазкур нисбат ба доллари амрикоӣ тағйир ёфтааст. Метавон гуфт, ки кишварҳои аъзои СҲШ бо вуҷуди буҳронҳои молиявӣ устувории нисбии пулҳои миллии худро ҳифз намудаанд. Давоми солҳои охир қурби юани Чин нисбат ба доллари ИМА афзудааст. Масалан, дар соли 2006 7,97 юан ба 1 доллари ИМА баробар буд, дар соли 2017 бошад, 6,51 юан муодили 1 доллари ИМА шуд.

Коҳиши баланди қурби пули миллӣ дар Ӯзбекистон ба мушоҳида мерасад. Дар ин ҷо агар 1 доллари амрикоӣ дар соли 2006 1237,82 сӯмро ташкил дода бошад, он дар соли 2017 ба 8101,31 сӯм баробар шуда буд.

> Қурби миёнаи солонаи пулҳои миллии кишварҳои аъзои СҲШ вобаста ба шароити иқтисодии ҳар як кишвари аъзои созмони мазкур нисбат ба доллари амрикоӣ тағйир ёфтааст.

Ба раванди устувории қурби миёнаи солонаи пулҳои миллии кишварҳои пасошӯравии СҲШ зери таҳримҳои байналмиллалӣ қарор гирифтани Русия таъсир гузоштааст. Тавре аз омори расмӣ бармеояд, қурби миёнаи солонаи пулҳои миллии кишварҳои пасошӯравӣ то соли 2014 устувории худро ҳифз кардаанд, вале дар паи ин таҳримҳо қурби рубли русӣ паст рафта, оқибатҳои он ба қурби пулҳои кишварҳои дигари минтақа таъсир расонидааст. Масалан, агар дар соли 2014 179,19 тангаи Қазоқистон 1 доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, дар соли 2016 1 доллари ИМА ба 342,16 танга баробар шуда буд.

Дар ҳамин ҳол қурби пулҳои Ҳиндустону Покистон - ду узви нави СҲШ дар солҳои охир нисбат ба доллари амрикоӣ тағйироти ночизе доштаанд ва устувории нисбии худро ҳифз кардаанд. Агар дар соли 2013 1 доллари амрикоӣ ба 105,59 рупияи Покистон баробар шуда бошад, дар соли 2017 муодили 110,35 рупияи Покистон шудааст.

Бо ин вуҷуд, бино ба омори расмӣ даромаднокии аҳолӣ дар кишварҳои аъзои СҲШ дар ҳоли беҳтаршавӣ қарор дорад. Масалан, даромади миёнаи аҳолӣ дар Чин дар соли 2017 9% афзуда, ба 25,97 ҳазор юан (4.04 ҳазор доллари ИМА) расидааст. Ҳамин тавр, даромади аҳолӣ дар солҳои охир дар Қазоқистон то 20% рушд доштааст.

Омори мусбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишварҳои аъзои СҲШ баёнгари беҳтар шудани вазъи иқтисодии кишварҳои минтақа мебошад. Ба ин далел, ба андешаи коршиносони масоили иқтисоди байналмилалӣ истифодаи захираю имкониятҳои давлатҳои аъзои ин созмон, ба роҳ мондани ҳамкориҳои барои ҳамаи ҷонибҳо судманд ва дар амал татбиқ намудани тарҳҳои муҳими иқтисодии минтақавӣ дар оянда сатҳи зиндагии сокинони ин кишварҳоро боз ҳам баланду беҳтар мекунад.

**Таҳияи
М. Аслам,
“БТҶ”.**

# Нақши маърифати молиявӣ дар рушди ҷомеаи навин

**Маҷмӯи чорабиниҳое, ки аз ҷониби давлат ва ҷомеа амалӣ карда мешаванд, муносибати байни муштариён ва ташкилотҳои молиявиро танзим менамоянд.**

Имрӯз бидуни муҳобот метавон гуфт, ки рушди неруи инсонӣ яке аз омилҳои инкишофи давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯи сатҳу дараҷаи он обрӯю нуфузи давлат баҳо дода мешавад. Аз ҷониби дигар баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ гуфта, аз он ҷумла баланд бардоштани неруи инсонӣ дар назар дошта мешавад, ки он дар рушди давлатдорӣ саҳми арзанда гузошта, нуфузи давлатро дар арсаи байналмилалӣ боло мебарад.

Ҳамзамон, боло бурдани маърифати молиявӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар ва ҷалби сармоягузорӣ низ нақши муҳим мебозад. Илова бар ин, шахсоне, ки дорои маърифати молиявии баланд мебошанд, ба сармоя ва молия дастрасии бештар доранд.

Исботи суханони болоро дар он дидан мумкин аст, ки нафарони маърифати молиявии баланддошта барои иштирок дар озмунҳо, ҷалби сармоя ва пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ имконияти зиёд доранд ва дар амалишавии нақшаҳои дар пеш гузоштаи худ, зиёдтар муваффақ мешаванд.

Бешубҳа, ин гуна ашхос ба хотири гирифтани қарзҳои тиҷоратӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, лоиҳаҳои нақшаҳои тиҷоратию соҳибкории (бизнес-плани) худро ба тарзи зарурӣ омода намуда, қарзи гирифтаи худро аз рӯи принсипҳои асосии бонкӣ истифода мебаранд, ки ин дар навбати худ ҳам ба манфиати давлат асту ва ҳам ба онҳо фоидаи муайян меорад.

Қобили қайд аст, ки маҳз бо мақсади ба роҳ мондани иртиботи аҳолӣ бо низоми бонкии кишвар ва дар ин замина таъмин намудани сатҳи зарурии ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, беш аз ду сол аст, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ фаъолият дорад. Идораи номбурда мурочиатҳои шаҳрвандонро оид ба хизматрасониҳои молиявӣ аз тамоми манотиқи кишвар бо роҳи хаттӣ, шифоҳӣ, тариқи телефони боварии Бонки миллии Тоҷикистон ва ба воситаи почтаи электронӣ, ки дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон кушода шудааст, қабул ва баррасӣ менамояд.

Дар баробари ин, ҳамарӯза аз ҷониби мутахассисони идора муштариён - истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ки бо арзу шикоятҳои мухталиф ба ин ҷо меоянд, қабул карда мешаванд ва нисбати масъалаҳои онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва доимӣ зоҳир мегардад.

Ҳамзамон, бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ дар Идора корҳои ташкилӣ низ ба роҳ монда шудаанд. Барои мисол, дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, дар саҳифаи Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, бахши алоҳида кушода шудааст ва дар он барои истифодаба-

рандагон маводҳои дахлдор оид ба масъалаҳои баланд бардоштани маърифати молиявӣ ҷойгир карда шудаанд.

Илова ба ин, Идора дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ як қатор чорабиниҳо, аз қабили "Ҳафтаи байналмилалии молиявӣ", "Рӯзи ҷаҳонии пасандоз", "Рӯзи дарҳои кушод барои ҷавонону мактаббачагон" ва инчунин тренингу семинарҳо барои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва кормандони ташкилотҳои қарзӣ баргузор менамояд.

Бо мақсади тақвият бахшидани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии мардуми кишвар ва васеъ намудани имконияти онҳо ҷиҳати ба роҳ мондани ояндаи масъулонаи молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, Идора дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ҳамасола дар моҳи март ҳафтаи байналмилалии молиявӣ Global Money Week барои кӯдакон ва ҷавонон баргузор мекунад. Боиси хурсандист, ки дар гузаронидани чорабинии мазкур тамоми ташкилотҳои қарзии кишвар, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои молиявии хурд, ташкилотҳои байналмилалӣ фаъолона





саҳм мегузоранд.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳамасола нимаи дуюми моҳи октябр ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонону наврасон дар саросари кишварҳои ҷаҳон чорабинии "Рӯзи байналмилалии пасандоз" гузаронида мешавад.

Қобили қайд аст, ки чорабиниҳои мазкур дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ баргузор гардида, дар давоми ду соли охир дар он зиёда аз 11



ҳазор шаҳрвандон ширкат варзиданд, ки бештар аз 9 ҳазори онро кӯдакон ва наврасон ташкил карданд. Дар ин давра бо тарзу усулҳои фаҳмондадиҳӣ, омӯзишӣ ва бозиҳои гуногуни иқтисодӣ ба онҳо роҳи дурусти истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ омӯзонида мешавад.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Фонди хазинаҳои амонатгузорӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Олмон ва бонкҳои тиҷоратии кишвар якчанд чорабинӣ ва барномаҳоро дар самти мазкур баргузор намуд, ки гузаронидани машваратҳо дар ташкилотҳои қарзӣ бо муштариёни онҳо, ташрифи мактаббачагон ба бонкҳои тиҷоратӣ, ҷиҳати ошноӣ бо фаъолияти бонкҳо, семинар-машварат барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва бозии омӯзишии интерактивии Рӯзи “Пасандоз” ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Фаромӯш набояд кард, ки раванди омӯзиши дониши молиявӣ бояд аз синни хурдсолӣ, яъне аз муассисаҳои томактабӣ оғоз гардида, дар мактабҳои миёна ва мактабҳои олӣ идома дода шавад.

Бинобар ин, бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (Олмон) дар ҳошияи "Рӯзи байналмилалии пасандоз" барои толибилмони синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе дар доираи шиносоӣ бо Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади огоҳ намудани толибилмон бо таърих ва ҳолати имрӯзаи муносибатҳои пулӣ ва пулҳои ҷаҳон ва барои зиёд намудани дониши молиявии онҳо, экскурсияи хонандагон баргузор карда мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамасола нимаи дуюми моҳи октябр дар саросари кишварҳои ҷаҳон “Рӯзи байналмилалии пасандоз”, ки ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонону наврасон равона карда шудааст, таҷлил мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон санаи мазкурро соли сеюм аст, ки бо ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҷолибу шавқовар ҷашн мегирад.

**Рукмина Сафарова,**
Сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии БМТ.

**Улуғбек Бозоров,**
муовини Сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии БМТ.

# Пули миллӣ ва унсурҳои баланди ҳимоявии он

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2018 бо мақсади такмил додани пулҳои коғазии арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 200 ва 500 сомонӣ ва таъмин намудани иқтисодиёт бо нишонаҳои пулӣ, пулҳои коғазии арзишҳои номиналии дар боло овардашуда аз таърихи 1 ноябри соли равон ба муомилот бароварда шуданд.

Дар робита ба ин, дар қарор инчунин омадааст, ки пулҳои коғазии арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 200 ва 500 сомонӣ намунаи соли 2018 дар қатори пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 200 ва 500 сомонӣ намунаи солҳои 1999, 2010 ва 2017, ки дар муомилот қарор доранд, баробар гардиш менамоянд.

Тавре дар шумораҳои гузаштаи маҷалла иттилоъ дода будем, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамеша ҷидду ҷаҳд мекунад, ки дар муқобили тақаллубкорӣ сатҳи унсурҳои ҳимоявии пули миллиро баланд бардошта, дараҷаи ҳифозати онро пурзӯр намояд. Барои мисол, соли 2010 пулҳои коғазии арзишҳои 200 ва 500 сомонӣ ба муомилот бароварда шуданд, ки дар онҳо унсурҳои ҳимоявии "ранги тағйирёбанда" (адади "500"), дар рӯи "тасмача"-и голографӣ (дар пули 200 сомонӣ) "дизайни ҳимояи лазерӣ" ва "равзана"-и ҳимоявӣ (дар пули 500 сомонӣ) истифода шудаанд. Ба замми ин, соли 2012 дар пулҳои коғазии арзишҳои 5 ва 10 сомонӣ унсури ҳимоявии "кинеграмма", моҳи марти соли 2013 дар пулҳои коғазии арзишҳои 20, 50, 100 сомонӣ унсури нави ҳозиразамони лазерӣ , ки се адади охири силсилавии пул дар рӯи навори голографӣ бо тарзи лазерӣ чоп шудааст ва ҳангоми ламс кардани ададҳои мазкур барҷастагӣ эҳсос карда мешавад, илова карда шуданд.

Пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 100, 200, 500 сомонии намунаи солҳои 2017 - 2018 сад дар сад аз нахи пахта омода гардидаанд.

Пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50 сомонӣ намунаи соли 2018 бошанд, дар асоси коғаз бо ҷойгир намудани маводи полимерӣ, ки имкон медиҳад ворид кардани унсури ҳимоявии иловагӣ ба ин пулҳо таъмин гардад,омода шудаанд.

**Такмили унсурҳои ҳимоявӣ дар пули коғазии арзиши номиналии 10, 20, 50, 100, 200 ва 500 сомонӣ**

**Нишонаи обӣ**

Тасвири бисёртобишаи расмҳои дар пул ҷойдодашуда ҳангоми дар муқобили рӯшноӣ нигоҳ доштан, намудор мешавад.

**RollingStar***

Риштаи ҳимоявӣ бо эффекти оптикии кинетикӣ, ки қисматҳои он ноаён аз ранги тиллоӣ ба ранги сабз мубаддал мешаванд.

**LEAD***

Голограмма бо расмҳои дар пул ҷойдодашуда, адади арзиши номиналии он ва Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Рангҳои ҷилодор**

Ҳангоми тағйир додани кунҷи биниш навори аз як ранг ба ранги дигар ивазшаванда такроран намудор мешавад.

**PEAK* Dynamic**

Ҳангоми тағйир додани кунҷи биниш навори хурди рӯшноӣ аз боло ба поён ва баръакс ҳаракат мекунад.

**Ҳимояи фосфорӣ**

Чоркунҷа бо адади арзиши номиналии пул, ки бо ранги фосфорӣ иҷро шудааст, зери шуоъҳои ултрабунафш намудор мешавад.

**Ҳимояи флуоресенсӣ (зери шуоъ дурахшанда)**

Нахҳои гуногунранг ва қисматҳои чопӣ, ки зери шуоъҳои ултрабунафш ҷило медиҳанд.

**Маҷаллаи "БТҶ".**


CU8829005
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
10
ДАХ СОМОНӢ


NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
TEN SOMONİ
10


DN6126030
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
20
БИСТ СОМОНӢ


NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
TWENTY SOMONİ
20


EL6384020
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
50
ПАНҶОҲ СОМОНӢ


NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
FIFTY SOMONİ
50


HC5621018
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
200
ДУСАД СОМОНӢ


NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
TWO HUNDRED SOMONİ
200


JA4089017
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
500
ПАНҶСАД СОМОНӢ


NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
FIVE HUNDRED SOMONİ
500

# АТМХТ ёвари ташкилотҳои қарзии хурд аст

**Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон (АТМХТ) аз соли 2004 ин ҷониб ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ ташкилотҳои фаъолияти маблағгузории хурд, инчунин бархе аз ташкилотҳои ба рушди маблағгузории хурди Тоҷикистон манфиатдорро дар асоси соҳибихтиёрӣ муттаҳид сохта, амал мекунад. Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" оид ба паҳлуҳои фаъолияти босамар ва дастовардҳои АТМХТ, роҳҳои ҳали проблемаҳои мавҷудаи ташкилотҳои қарзи хурд дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ бо директори иҷроияи Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон Зебуннисо Фаттидинова мусоҳиба намуд.**

**— То ҷое маълум аст, АТМХТ ҳар семоҳа бахши қарздиҳии хурдро таҳлил мекунад. Ҳоло ин таҳлилҳо чиро нишон доданд? Дар айни замон вазъи бозори маблағгузории хурд чӣ гуна аст?**
— Агар нишондиҳандаҳои умумии низоми маблағгузории хурдро таҳлил намоем, дидан мумкин аст, ки дороиҳои ташкилотҳои қарзии хурд сол аз сол зиёд шуда, дар семоҳаи якуми соли 2018 - 2 771 млн. сомониро ташкил додаанд. Дар ҷамъбасти соли 2017 ин нишондиҳанда - 2 696 млн. сомониро ташкил медод. Маблағи умумии қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд низ нисбати соли гузашта зиёд шуда, дар семоҳаи якуми соли равон маблағи 1 718 млн. сомониро ташкил дод. Нисбати охири соли 2017 ин нишондиҳанда – 1,33% зиёдтар мебошад. Пасандозҳо низ ҷараёни инкишоф доранд ва маблағи умумии онҳо дар ташкилотҳои қарзии хурд дар интиҳои семоҳаи якуми соли равон маблағи 555 млн. сомониро ташкил дод. Дар охири соли 2017 ин нишондиҳанда ба 563 млн. сомони баробар буд. Боиси хурсандӣ аст, ки нишондиҳандаи сармояи ташкилотҳои қарзии хурд сол аз сол зиёд гардида, дар семоҳаи аввали соли 2018 - 853 млн. сомониро ташкил дод. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо далели рушди муътадили низоми маблағгузории хурд мебошад.



**Зебуннисо Фаттидинова,**
Директори иҷроияи Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон

> Муваффақиятҳои низоми маблағгузории хурд дар кишварамон аввалан дар заминаи ҳамкории шарикона ва баъдан дар асоси фаъолияти шаффофона ба даст омадаанд, ки ба ин фаъолияти онҳо ҳазорҳо мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ ҷалб шудаанд.

**— Ҳиссаи ташкилотҳои аъзои АТМХТ дар ҳаҷми умумии бозори қарзии низоми бонкии Тоҷикистон чӣ қадар аст?**
— Ба ҳолати 30 июни соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 82 ташкилоти

қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 26 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 7 ташкилоти қарзии хурд ва 32 фонди қарзии хурд фаъолият доранд. Бо дарназардошти зуҳуроти бӯҳрон, ки бахши бонкиро дар соли 2017 фаро гирифт ва инчунин хатогиҳои роҳ дода дар баъзе муассисаҳои қарзӣ вобаста ба масъалаҳои риояи меъёрҳои идоракунии корпоративӣ дар соли 2017 ва нимсолаи якуми соли 2018 шумораи ташкилотҳои қарзии амалкунанда то 19 адад коҳиш ёфтааст.

Дар давоми нимсолаи якуми соли 2018 дар фаъолияти ташкилотҳои қарзие, ки аъзои АТМХТ мебошанд, чунин нишондиҳандаҳоро дидан мумкин аст. Сандуқи қарзӣ 2 835 755 146 сомонӣ, қарзҳое, ки зиёда аз 30 рӯз пардохтнашуда мебошанд, 29 037 924 сомонӣ, миқдори мизоҷони фаъоли ташкилотҳои қарзӣ қариб 300 000 нафар. Агар дар муқоиса бо соли 2017 дида бароем, ин нишондиҳандаҳо чунин буданд, сандуқи қарзӣ 2 040 361 118 сомонӣ, қарзҳое, ки зиёда аз 30 рӯз пардохтнашуда мебошанд 119 786 641 сомонӣ, миқдори мизоҷони фаъоли ташкилотҳои қарзӣ қариб 142 444 нафар.

**— Раванди тағйирёбии он дар чанд соли охир чӣ гуна буд?**
— Дар давраи зиёда аз даҳ соли фаъолият низоми маблағгузории хурди Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Муваффақиятҳои низоми маблағгузории хурд дар кишварамон аввалан дар заминаи ҳамкории

»

**Боиси хурсандӣ аст, ки нишондиҳандаи сармояи ташкилотҳои қарзии хурд сол аз сол зиёд гардида, дар семоҳаи аввали соли 2018 - 853 млн. сомониро ташкил дод.**

шарикона ва баъдан дар асоси фаъолияти шаффофона ба даст омадаанд, ки ба ин фаъолияти онҳо ҳазорҳо мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ ҷалб шудаанд.

**— Шумо нақши АТМХТ-ро дар ин раванд дар чӣ мебинед?**
— Барои ба танзим даровардани фаъолияти низоми маблағгузории хурд соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои хурди маблағгузорӣ” қабул гардид, ки шаҳодати аҳамияти хосаи давлатамон нисбат ба рушди низоми маблағгузории хурд мебошад. Айни замон 52 ташкилот аъзои Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон мебошад. Аз он ҷумла, 20 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 6 ташкилоти қарзии хурд, 13 фонди қарзии хурд, 7 бонки тиҷоратӣ, ки бо маблағгузории хурд сару кор доранд ва 6 ташкилоти ғайрибонкӣ. Ассотсиатсия ба аҳдофи худ, ки иборат аз мусоидат ба рушди бахши маблағгузории хурди ватанӣ барои баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ мебошад, пайваста талош дорад.

**— Ҳоло чӣ вазифаҳое дар назди АТМХТ истодаанд?**
— Барои расидан ба аҳдофи худ, ташкили кори АТМХТ дар се самти асосӣ пешбинӣ шудааст:

❶ Рушди бахши маблағгузории хурд ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми молиявии кишвар;

❷ Ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар робита бо зиёд кардани иқтидор, баланд бардоштани самаранокӣ ва афзоиши маҳсулнокии бахши маблағгузории хурд, аз ҷумла, аъзои Ассотсиатсия;

❸ Мусоидат дар такмили қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гузаронидани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва иштирокчиёни бахши маблағгузории хурд.

Умуман, вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи барномаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Шароити меъёрию ҳуқуқии амалкунанда дар маҷмӯъ, танзими дурустро барои ҳамаи иштирокчиёни бозор таъмин намуда, мунтазам беҳтар мегардад.

**— Имрӯз ташкилотҳои қарзии хурд чӣ гуна проблемаҳо доранд ва бо чӣ гуна монеаҳо рӯ ба рӯ ҳастанд?**
— Ҳоло тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои давраи то соли 2030 ва дар Стратегияи рушди миёнамӯҳлат то соли 2020 қайд карда шудааст, як қатор мушкилот вуҷуд дорад:

-осебпазирии қавӣ нисбат ба омилҳои беруна ва сатҳи баланди долларизатсия дар бахши молиявӣ;

-потенсиали пасти мобилизатсияи пасандозҳо;

- кам шудани ҷалби маблағҳои дарозмуддат / захираҳо (барои қарздиҳӣ) ва гузаронидани амалиёт асосан бо захираҳои кредитии кӯтоҳмуддат;

-дастрасии паст ба хизматрасониҳои молиявӣ, бахусус дар минтақаҳои дурдаст ва доираи маҳдуди хизматрасониҳо;

- сатҳи пасти идоракунии корпоративӣ ва нерӯи заифи кормандон дар низоми бонкӣ;

-барзиёд будани сатҳи муомилот бо пули нақд ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ;

- меъёрҳои баланди фоизи қарзҳо.

Маҳз барои ҳаллу фасли ин масъалаҳо ташкилотҳои қарзии кишварамон бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд.

**— Барои ҳал ё бартараф кардани ин проблемаҳо АТМХТ чӣ гуна мусоидат менамояд ва натиҷаҳои он чӣ гуна ҳастанд?**

— Дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ва Стратегияи миёнамӯҳлати рушди давраи то соли 2020 Ассотсиатсия нақша дорад, ки дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳаҳои зерин кор кунад:

- дар масъалаҳои татбиқ ва тавсеаи системаҳои муосири идоракунии хавфҳо;

- дар такмили низоми танзимкунандаи пруденсиалӣ, барои таъмини афзоиши устувории молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд (иштирок дар гурӯҳҳои корӣ);

- дар татбиқи меъёрҳои байналмилалии танзим (ҷалби коршиносони байналмилалӣ) дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ ва ташкилотҳои молиявӣ;

- дар ташаккули истифодаи усули принсипҳои бонкдории исломӣ дар соҳа, бо дарназардошти стандартҳои мавҷудаи байналмилалӣ (IFSB, AAOIFI), аз ҷумла танзим ва назорат (ҷалб намудани коршиносони IFSB, IDB, INCEIF, AAOIFI);

- дар истифодаи хизматрасониҳои муосири инноватсионии молиявӣ, истифодаи васеътари воситаҳои электронии пардохт, баланд бардоштани дастрасӣ, бехатарӣ ва сифати хизматрасонии пулӣ ва низомҳои пардохтӣ, рушди заминаи техникӣ ва инфрасохтори системаҳои пардохт;

- дар татбиқи тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ барои зиётар кардани пардохтҳои ғайринақдӣ, алалхусус дар савдои чакана;

- дар такмили низом ва маданияти қарздиҳӣ;

- дар беҳсозии хизматрасониҳои молиявӣ дар деҳот ва дар байни оилаҳои камбизоат, аз ҷумла, истифодаи воситаҳои бонкдории мобилӣ;

- дар баланд бардоштани дастрасии хизматрасонӣ дар соҳаи маблағгузории хурд ва миёна, барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, бахусус занон ва ҷавонон.

Бояд гуфт, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2016 №174 “Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020” бо мақсади расидан ба самтҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ба тасвиб расидааст, ки он ҳадафҳои асосии сиёсати пулию қарзию асъорӣ ва нишондиҳандаҳои мақсадноки онро барои ноил шудан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуддат муайян менамояд. Аз ҷумла, дар стратегияи мазкур таҷдид ва ташкили механизми самараноки таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, таҳкимёбии фишангҳои он ва вусъатдиҳии дараҷаи таъсирбахшии онҳо, бунёди инфрасохтори муосири амалиётӣ-молиявӣ, тақвияти фаъолияти низоми молиявию бонкӣ ва амалисозии дигар афзалиятҳои дахлдор

> Ассотсиатсия минбаъд низ бо Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич хоҳад кард.

дар давраи миёнамӯҳлат бо мақсади марҳила ба марҳила ташкилдиҳии фазои мусоид ва заминаи устувор барои гузариш ба реҷаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ-ҳадафгирии таваррум пешбинӣ гардидааст. Албатта, барои расидан ба ин ҳадафҳо Ассотсиатсия бо фаъолияти худ ба Бонки Миллии Тоҷикистон кумак хоҳад кард.

**— Ҳамкориҳои АТМХТ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ чӣ натиҷа медиҳанд?**

— Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои бахши маблағгузории хурд доир ба масоили гуногуни низоми андоз ба нақша гирифта шудааст, ки бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич намуда, ҳамоҳангсозӣ вобаста ба ҳалли масъалаҳои бахсталаби бори андоз дар соҳаи маблағгузории хурд амалӣ карда шавад. Дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, тағйир додани қонунгузории андоз, ки ба ташаккули рафтори нави сармоягузории аҳолӣ равона карда шудааст, пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, Ассотсиатсия корҳои ҳамоҳангсозиро бо Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли муносибати ҳамаҷонибаи ташкили заминаи ҳуқуқӣ барои истифодаи механизми молиявии "Бонкдории исломӣ" идома хоҳад дод.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва тамоми бахши молиявӣ шумораи зиёди мушкилиҳои ҳалнашаванда вобаста ба судҳои иқтисодӣ, граждани ва ҷиноятӣ, идораҳои нотариалӣ ҷамъ шудааст. Зарурати фаъол кардани муколама бо ин сохторҳо барои тақвият ва такмили заминаи ҳуқуқӣ дар робита ба фурӯши амволи ба гарав гузошташуда, муқаррар намудани қурби асъор ҳангоми баргардонидани қарзҳо бо тартиби судӣ, ба қайд гирифтани шартномаҳои қарзӣ дар идораҳои нотариалии давлатӣ ва дигар масъалаҳо пайдо шудааст.

Ассотсиатсия минбаъд низ бо Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъалаҳои зерин ҳамкории зич хоҳад кард:

- муайян ва дарёфти роҳҳои такмил додани сиёсати сармоягузорӣ дар бахши маблағгузории хурд;
- доир ба масъалаҳои такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ барои фароҳам овардани муҳити мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ;
- оид ба иҷрои хизматрасонии молиявии муосир, аз ҷумла, хизматрасониҳои молиявии исломӣ бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкдории исломӣ», ки дар моҳи августи соли 2014 тасдиқ карда шудааст ва нисбат ба ташкилотҳои маблағгузории хурд татбиқ карда мешавад, ки дар он метавонад сармоягузориҳо аз Ховари Миёна, Малайзия, Сингапур ва ғайра нақши муҳимро бозад.
- доир ба масъалаҳои таҳияи механизмҳои ҷалб намудани сармоягузорӣ ва ташаккули хизматрасониҳои замонавии молиявӣ, ба монанди бонкдории мобилӣ ва хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ.

Дар ҳамаи равандҳо Ассотсиатсия омода аст ва мақсад дорад дар гурӯҳҳои гуногуни корӣ дар назди шӯрои мазкур иштирок намояд - ҳам дар доираи Гурӯҳи кории махсус ва ҳам дар Гурӯҳи умумӣ.

**— Дар айни замон АТМХТ кадом намуди хизматрасониҳоро ба ташкилотҳои аъзояш пешниҳод мекунад? Шумо таъсири хизматрасониҳои АТМХТ-ро ба бозори маблағгузории хурд чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

— Ассотсиатсия ба ғайр аз вазифаи асосии фаъолияти худ, ки ҳифзи манфиатҳои бахши маблағгузории хурд дар сохторҳои давлатӣ ба шумор меравад, нақша дорад бастаи хизматрасониҳоро ба аъзои худ васеъ намояд. Дар робита ба ин, Ассотсиатсияи як қатор хизматрасониҳои иловагӣ таҳия кардааст ва ният дорад дар самтҳои зерин кор намояд:

- Таҳлил ва гузаронидани тадқиқотҳо оид ба масъалаҳои рушди бахши молиявӣ ва бонкӣ,
- Таҳлили низоми маблағгузории хурд (ҳар семоҳа),
- Ҳисоботи кишварии МХ таҳлили MixMarket (ҳар семоҳа),
- Промо тренингҳо (тренингҳои якрӯзаи ройгон),
- Тадқиқотҳо (саводнокии молиявӣ, харидори махфӣ,

нишондиҳандаи риояи қонун аз тарафи мизоҷ, ҳимояи хуқуқи истеъмолкунандагон ва ғ.)

- Барномаҳои омӯзишӣ мутобиқи ҷадвали Маркази таълимии маблағгузории хурд барои омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо барои соҳа,

- Пешниҳод намудани тренингҳои махсус (мисол бо дархости бахш тренингҳо дар ҳамкорӣ бо коршиносони Бонки миллии Тоҷикистон ва мушовирони байналмилалӣ оид ба мавзӯъҳои зерин, ба монанди идоракунии корпоративӣ, таҳлили молиявии ташкилотҳои қарзӣ, комплайенс ва ғ. гузаронида мешаванд).

**— Нақши АТМХТ-ро дар такмили касбии кормандони ташкилотҳои қарзӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

— АТМХТ аз соли 2010 фаъолияти Маркази омӯзишии худро ба роҳ мондааст. Айни замон ин марказ хеле фаъол мебошад. Мавзӯъҳои семинару тренингҳои Маркази омӯзишӣ ҳам бо талаботи низоми бонкӣ ва ҳам бо ташаббуси АТМХТ муайян карда мешаванд. Бояд қайд кард, ин марказ бо Бонки миллии Тоҷикистон доимо ҳамкорӣ намуда, барои дар сатҳи баланди ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ намудани донишҳои кормандони соҳа кӯшиш менамояд. Дар дарсҳои маркази мазкур қариб, ки кормандони ҳамаи департаменту идораҳои БМТ баромад намуда, оиди амалияи корӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқукии БМТ маълумоти мушаххас пешниҳод менамоянд. Ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ (Кумитаи андоз, Суди олӣ, Вазорати адлия, Кумитаи сармоягузорӣ ва ғ.) низ дар сатҳи хуб қарор дорад. Обрую эътибори маркази омӯзишӣ дар назди ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ низ хеле калон мебошад. Лоиҳаҳои дуҷониба бо IFC, EBRD, SECO, IDB, ADB, USAID, UNDP, ACTED, Фонди Оғохон, Фонди Сорос ва созмонҳои дигар пайваста амалӣ гашта истодаанд. Шарикони расмии Маркази омӯзишии АТМХТ, ки давраи тӯлонӣ бо мо ҳамкорӣ менамоянд инҳоянд: Мактаби молия ва менеҷменти Франкфурт (Олмон) ва Ширкати бизнес ва консалтингӣ (BFC, Швейцария).

Маркази омӯзишии мо дар давоми соли 2017 барои кормандони ташкилотҳои қарзӣ ва байналхалқӣ, ширкатҳои мобилӣ ва бахши хусусӣ 27 тренинг гузаронидааст.

**— АТМХТ барои беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд чӣ нақшаҳо дорад? Дурнамои АТМХТ ба чӣ нигаронида шудааст?**

— Ассотсиатсия дар оянда фаъолияти худро дар самтҳои асосии зерин ва бо дарназардошти вазъияти мураккаб амалӣ менамояд:

- мустаҳкам намудани муносибатҳо бо иттиҳодияҳои хориҷии минтақа, инчунин дигар иштирокчиёни бозори маблағгузории хурд дар сатҳи байналмилалӣ;

- аз нав дида баромадан ва такмил додани низоми идоракунии корпоративӣ дар Ассотсиатсия;

- иштироки фаъол дар таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии беҳтар намудани саводнокии молиявӣ дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ;

- мусоидат дар густариши рақобати одилона дар соҳаи маблағгузории хурд, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорон, истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи воқифии аҳолӣ дар бораи хизматрасонии бахши молиявӣ;

- фаъолгардонии кори Ассотсиатсия дар робита бо институтҳои байналхалқии молиявӣ (GIZ, EBRD, SECO, IFC, EU ва ғайра).

Татбиқи нақшаи пешбинишуда барои ҳал намудани мушкилоти мавҷуда дар бахши молиявӣ ва иҷрои тадбирҳои дар Стратегияи миллии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 нишондодашуда оид ба таҷдиди инфрасохтори кишвар ва рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, афзоиши гардиши мол дар дохили кишвару минтақа ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

**Мусоҳиб:**
**А. Мӯминов,**
**БТҶ**

# Оё Русияро зарур аст ба беқурбшавии рубл омодагӣ бубинад?

Бухронҳои иқтисодию молиявие, ки чанд соли охир дар мамолики гуногуни дунё ба миён омада истодаанд, бозиҳои геосиёсӣ ва таҳримҳои иқтисодии давлатҳои пуриқтидор нисбати кишварҳои дигар рушди иқтисодиётро дар сатҳи ҷаҳонӣ паст ва қурби пули миллии аксари давлатҳоро ба андозаи назаррас коҳиш додааст. Дар робита ба ин, вазоратҳои марбута ва Бонкҳои марказии аксари кишварҳои рушдкардаю рӯ ба инкишофи дунё барои ислоҳ ва ё беҳтар кардани вазъи иқтисодиёти то андозае коҳишёфтаи хеш ба андешидани чораҳои таъсиррасон даст мезананд, ки то чӣ андоза саманок анҷом ёфтани онҳоро гузашти вақт нишон хоҳад дод.

Масалан, Бонки марказии Русия дар давоми се соли охир аввалин бор меъёри бозтамвилро то 7,5 фоиз баланд бардошт ва ҳатто ба имконияти дар оянда баланд бардоштани он ишора кард. Ин амал барои рубл чӣ пешомаде хоҳад дошт? Оё дар Русия дарояндаи наздик ба амал омадани дефолти нав имкон дорад?

### ▲СЕНТЯБРИ СОЛИ 2018 АЗ АВГУСТИ СОЛИ 1998 ЧӢ ФАРҚ ДОРАД?

Моҳи августи соли равон дар Русия 20-солагии сар задани дефолтро дар кишвар қайд намуданд. Моҳҳои август ва сентябри соли ҷорӣ бо яку якбора паст шудани қурби рубли русӣ машҳур шуданд ва шаҳрвандонро маҷбур карданд, ки ҳодисаҳои он давраро ба ёд биёранд. Аҳолӣ бидуни ихтиёр ба изҳороти мақомот оид ба мавҷуд набудани сабаб барои озурда шудан, бовар накарда, ба вазъи бадтар омодагӣ мебинад.

Тавре сардори Идораи амалиёт дар бозори фондии русиягии Ширкати сармоягузории "Фридом Финанс" Георгий Вашенко дар мақолаи худ иброз медорад, сармоягузорони хориҷӣ маблағҳои худро аз коғазҳои қиматноки рублӣ берун макашанд ва асъори хориҷӣ механд, ки аз ин қурби рубл боз ҳам поин меравад. Ба имкониятҳои Бонки марказӣ ва Вазорати молия дар мавриди анҷом додани коре барои таҳкими рубл, касе умед надошт. Вале қарори ногаҳонии Бонки марказӣ оид ба баланд бардоштани меъёри бозтамвил (қариб ҳамаи таҳлилгарон барои нигоҳ доштани он якдилона ибрози назар карда буданд) бозорро ором кард. Рубл, ки то ин замон, рости гапро гӯем, баъди дар муддати якуним моҳ 12% коҳиш ёфтанаш алаккай каме тақвият ёфта буд, боз каме дар муқобили доллари ИМА устувортар гардид. Оё дар ин кор хидмати Бонки марказӣ ҳаст ва ин устуворӣ чӣ қадар идома хоҳад ёфт?

Коршиносон бар ин назаранд, ки вазъияти феълии иқтисодиёт аз оне, ки 20 сол пеш вуҷуд дошт, ба куллагӣ фарқ мекунад. Ва сабабҳо барои коҳишёбии рубл низ тамоман дигаранд. Он замон пулҳои давлат барои пардохти қарзҳо тамом шуда буданд. Умедворӣ ба зиёд шудани даромад аз содирот, ки аз ҳисоби он қарор буд қарзҳо пӯшонида шаванд, амалӣ нагаштанд, захираҳо тамом шуда буданд. Аз ноилоҷӣ барои дастгирии аҳромҳои ӯҳдадориҳои хазинадории давлатӣ ҳатто қарзи аз ХБА гирифтаро равона карданд, вале хомӯш кардани сӯхтори аллакай дар бозори молиявӣ оғозёфта муяссар нагардид. Дере нагузашта бӯҳрон бахши воқеии иқтисодиётро фаро гирифт. Таварруме, ки гӯё пахш шуда буд, ҷон гирифт.



Рубл ногаҳон фурӯ рафт ва бо ин кор ҳаҷми бе ин ҳам варамшудаи пулро бо мол баробар кард. Бо вуҷуди он ки гӯё заминаҳо барои буҳрон аён буданд, вале боз ҳам қариб барои ҳама ин кор ногаҳонӣ падид омад.

### ▲ЭҲТИМОЛИ ТАКОНҲОИ НОГАҲОНӢ ВУҶУД ДОРАНД

Георгий Вашенко бо боварӣ мегӯяд, муқоиса бо соли 1998 бо вуҷуди он ки ба фоидаи рубл мебошад, аммо тамоман кафолати ҳимоя аз таконҳои ногаҳониро намедиҳад. Барои мисол, дар иқтисодиёти Туркия наметавон гуфт, ки ҳама хуб буд, вале нишонаи беқурбшавии якбораи пули миллӣ низ вуҷуд надошт. Қарзи давлатӣ нисбатан паст - 28% ММД-ро ташкил медод, устувор ҳам набошад, иқтисодиёт рушд мекард, ба ҳисоби миёна дар як сол 7% (суръати рушди ММД Русия дар соли 2018 бо беҳтарин пешгӯиҳо қариб 2%-ро ташкил хоҳад дод). Сатҳи таваррум баланд буд, 10-12%, вале частухез намекард ва ин то андозае пардохт барои рушди баланд мебошад. Вале танҳо як хабар дар бораи боҷ барои филизҳои туркӣ, ки камтар аз 10%-и тамоми содиротро (қайд кардан зарур аст, ки ИМА ва Туркия умуман шарикони калидӣ ба ҳисоб намераванд: ба ИМА 5% содироти Туркия рост меояд) ташкил медиҳад, лираи туркӣ дар як замон зиёда аз 20% арзишашро аз даст дод. Ҳамааш ба иллати он шуд, ки ҳаҷми пул ё ба ибораи илмӣ гӯем, индикатори макроиқтисодӣ М2 бо суръати хеле баланд зиёд мешуд. Танҳо дар давоми як сол ҳаҷми пул дар иқтисодиёт ба андозаи 26% зиёд шуд, шумораи молҳо бошад – ҳамагӣ 7%. Хубоб кафид, лира беқурб шуда истодааст, хатари гузариши буҳрон ба бахши воқеии иқтисодиёт ба миён омадааст.

> **»** Коршиносон бар ин назаранд, ки вазъияти феълии иқтисодиёт аз оне, ки 20 сол пеш вуҷуд дошт ба куллагӣ фарқ мекунад. Ва сабабҳо барои коҳишёбии рубл низ тамоман дигаранд.

Таъкид карда мешавад, он чизе, ки имрӯз дар Русия рух дода истодааст, такрори ҳодисаҳои соли 1998 нест. Ҳоло қотеона гуфтан мумкин аст, ки хатари бевоситаи дефолт вуҷуд надорад. Русия барои фоизҳои заёмҳои дохилӣ ва берунӣ маблағҳои аз ҳад зиёд пардохт намекунад. Қарзи берунӣ ҳамагӣ 13%-и ММД-ро ташкил медиҳад. Дар сурати зарурӣ ҳаҷми онро метавон зиёд кард. Дар як соли охир нарх барои ашёи содиротӣ ба таври назаррас баланд шуд. Нархи нафт зиёда аз 75 доллари ИМА барои як баррелро ташкил медиҳад, ҳол он ки буҷети давлат бо назардошти 50 доллар ташаккул дода шудааст (содиркунандагон бошанд, бо 30 доллар барои як баррел ҳам фаъолияташонро пеш бурда метавонанд). Таваррум бо вуҷуди он ки нишонаҳои бедоршавиро нишон медиҳад, вале ҳанӯз ҳам дар наздикии ҳадди ақали таърихӣ қарор дорад. Албатта, дар ин самт сабабҳоеро номбар кардан мумкин аст, ки аз рӯи онҳо дар ҳоли ҳозир якбора беқурбшавии рубл имкон надорад. Вале, тавре дар чунин ҳолатҳо мегӯянд, нозукиҳо вуҷуд доранд.

Дар баробари ин, мегӯяд Георгий Вашенко, қайд кардан зарур аст, ки дар иқтисодиёти Русия хавфҳои

воқеии беқурбшавӣ вуҷуд доранд. Рушди иқтисодиёт дар як сол тақрибан 2%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми пул дар айни замон 44 трлн. рубл ё қариб 43%-и ММД-ро ташкил медиҳад ва дар як сол ба ҳисоби миёна 10-12% зиёд мешавад (маълумоти Бонки Русия). Давлат бошад, ҳаҷми қарзро зиёд хоҳад кард (ин раванд бо номи "чоп кардани пул" машҳур аст), зеро зарур аст, ки барномаҳои нави иҷтимоӣ маблағгузорӣ карда шаванд. Бадбахтӣ дар он аст, ки 8 трлн. рубле, ки давлат дар асоси фармони президент мехоҳад дар бахши иҷтимоӣ сарф кунад, ҷойҳои зиёди кории маоши баланддор ташкил намекунад. Ба ибораи дигар агар гӯем, иқтисодиёти Русия ақаллан ба дараҷаи суръати иқтисоди туркӣ афзоиш намеёбад. Ҳатто бе назардошти омилҳои берунӣ дар давоми якчанд сол хавфҳои беқурбшавӣ пухта расида истодаанд.

## ▲ МЕЪЁРИ КАЛИДӢ АЗ ДЕФОЛТ ХАЛОС НАМЕКУНАД

Чораҳои андешидаи Бонки Русия, аз қабили баланд кардани меъёри калидӣ ва то охири сол даст кашидан аз харидории асъори хориҷӣ дар бозори озод маълум аст, ки хавфҳои дарозмуддати беқурбшавиро аз байн намебаранд. Ин умуман, агар ҳақиқати гапро гӯем, ин вазифаи Бонки марказӣ не, балки ҳукумат ва мушаххасан вазифаи Вазорати рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Бонки марказӣ фақат сиёсати пулию қарзӣ ва асъориро дар асоси вазъият дар бозор мутобиқ намуд. Сармоягузорон маблағҳоро аз бозорҳои тараққикунанда, аз ҷумла аз Русия берун мебаранд. Бинобар сабаби он ки ҳиссаи ғайрирезидентҳо дар Облигатсияи заёми давлатии Русия бисёр калон буд – зиёда аз 30%-ро ташкил медод ва имкон дошт аз 20% ҳам пасттар шавад ва фурӯхта шудани онҳо аз ҷониби ғайрирезидентҳо метавонист ба рубл фишори назаррас расонад. Ҳатто бешомади бузурги тавозуни савдо, ки дар нимсолаи аввал 90 млрд. долларро ташкил дод, кумак карда наметавонад: содиркунандагон вақтҳои охир фурӯшро кам карда, асъорро нигоҳ медоранд, ба ғайр аз ин, Вазорати молия баробари баланд шудани нархҳои байналмилалӣ ба нефт, асъори хориҷии аз ҷонибии содиркунандагон ба фурӯш баровардаро харидорӣ мекунад. Ҳаҷми харид ба манфиати Вазорати молия то замони аз ҷониби Бонки марказӣ қатъ кардани харидории доллар, қариб 9%-и гардиши савдоро ташкил медод.

> Қарзи берунӣ ҳамагӣ 13%-и ММД-ро ташкил медиҳад. Дар сурати зарурӣ ҳаҷми онро метавон зиёд кард. Дар як соли охир нарх барои ашёи содиротӣ ба таври назаррас баланд шуд. Нархи нафт зиёда аз 75 доллари ИМА барои як баррелро ташкил медиҳад,

Коршиносон тахмин мекунанд, ки эҳтимолияти минбаъд баланд намудани меъёри калидӣ дар Русия вуҷуд дорад. Сабаби асосиро онҳо дар мубориза бо хориҷ шудани сармоя аз кишвар мебинанд. Бубинед, Низоми захираҳои федералӣ меъёри калидиро баланд мекунад, ислоҳот дар соҳаи андози Трамп бошад, бозгардонидани маблағҳоро ба ИМА ҳавасманд мегардонад. Дар айни замон даромаднокии коғазҳои қиматноки давлатии Амрико қариб 3%-ро ташкил медиҳад ва баробари баланд шудани меъёри калидӣ афзоиш меёбад. Рушди бозории фондии америкоӣ, аз он ҷумла ба фоиданокии баланди соҳа вобастагӣ дорад – маржаи фоидаи 20 ширкатҳои пешрафтаи америкоӣ зиёда аз 10%-ро ташкил медиҳад. Барои он ки пулҳо дар Русия нигоҳ дошта шаванд, бояд ба сармоягузорон даромаднокии баландро дар бахши воқеии иқтисодиёт ё дар бозори пулӣ пешниҳод кардан зарур аст. Мутаассифона, дар айни замон иқтисодиёти Русия на ин ва на онро пешниҳод карда наметавонад. Бо назардошти суръати рушди ММД, ки 1,9%-ро ташкил менамояд, теъдоди зиёди хоҳишмандоне, ки хоҳиш доранд ширкати худро васеъ кунанд, дида намешавад. Тавре аз дурнамои Вазорати рушди иқтисодии Русия бармеояд, сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ҳамагӣ 2,9 % зиёд мешавад. Дар бозорҳои қарзӣ ва пулӣ ягон чизи ҷолиб ба назар намерасад. Даромаднокии коғазҳои қиматноки давлатӣ тобистон то 6,5% баробар шуда буд. Дар пасманзари то 20% коҳиш ёфтани рубл аз аввали сол танҳо ҳамонҳое кор карданд, ки коғазҳоро 2 – 2,5 сол пеш харида буданд. Ҳозир бошад, онҳо маблағҳои пулӣ ва фоидаҳои худро бозпас мегиранд.

Дар шароити феълӣ, афсӯс, ки ба онҳо чизе ҷолибе пешниҳод карда наметавонем. Ворид шудани даҳҳо миллиард маблағҳои хориҷӣ ба Облигатсияҳои заёмҳои давлатӣ ҳаёҳуи сармоягузориро дар бахши воқеӣ ба миён наовард. Ду соли устувории қурби рубл ва ҳатто таҳкими асъори русӣ натиҷаҳои назаррас наоварданд. ММД назар ба ҳаҷми пул се маротиба сустар афзоиш меёбад, ки ин танҳо

хавфҳои беқурбшавии ба таъхир мондаро пурзур менамояд. Таваҷҷуҳ намоед, болоравии нархи нефт, боздоштани тарифҳои монополия, эмбаргои хӯрокворӣ таваррумро то ҳадди ақали таърихӣ поин фуроварданд. Дар ин ҳолат ҳам рушди хуби иқтисодиёт ба даст намеояд. Гоҳо омилҳои геосиёсӣ мудохила мекунанд, гоҳе ҷангҳои тиҷоратӣ. Танҳо бозори ипотекӣ ва талабот ба молҳои истифодаи дурудароз асосан аз ҳисоби минтақаҳое, ки даромади аҳолии дар бахши хусусӣ машғулбуда аз таваррум дида тезтар зиёд мешаванд, ба таври назаррас афзуданд.

Сардори Идораи амалиёт дар бозори фондии русиягии Ширкати сармоягузории "Фридом Финанс" Георгий Вашенко мегӯяд, ки дар айни замон Вазорати молия ва Бонки марказӣ дар рӯ ба рӯи интихоби ҷиддӣ қарор доранд. Баланд бардоштани даромаднокии воситаҳои бозори пулӣ ва қарзӣ метавонад аз сари нав ҳавасмандии сармоягузоронро эҳё намояд. Дар ин сурат рубл ҳам ба тамоюли таҳкимшавӣ бармегардад. Вале ин дафъа, ба андешаи ман, сармоягузорон талабгори даромаднокии 10% ва зиёдтар аз он хоҳанд буд. Ба сармоягузорони хориҷӣ ҷолиб нест, бо назардошти он ки дар бозорҳои Туркияю мамолики дигар чӣ ҳодисаҳо рух дода истодаанд, ҳамчунин бад шудани вазъияти геосиёсӣ ва баланд шудани нархи нефтро (ин маънои онро дорад, ки хавфи ба танзим даровардани он зиёд аст), ба инобат гирифта, рублро бо фоизи паст сармоягузорӣ намоянд. Вале гап дар сари он аст, ки дар сурати баланд кардани меъёри калидӣ дар бозори дохилӣ Вазорати молия ва Бонки марказӣ имкон доранд боз ба ҳамон хатогиҳои собиқ роҳ диҳанд: маблағҳо ба бозори молия ворид мешаванд, рубл устувор мешавад, вале рушди иқтисодӣ чун пештара паст, 1,5-2,5% дар як солро ташкил хоҳад дод. Ҳол он ки дар ин вақт ҳаҷми пул ва қарзи давлатӣ бо суръати баланд зиёд хоҳанд шуд. Ва рӯзе, аниқтараш, вақте арзиши нефт ба танзим даровarда мешавад, вақти баробар кардани ҳисоб барои қарзҳои гарон фаро мерасад. Аҷоиб аст, оё он чун анъана дар моҳи август ба амал меояд? – савол медиҳад ӯ.

Коршиносон мутмаинанд, ки Бонки марказӣ, бешубҳа ин хавфҳоро, ки сарчашмаҳои онҳо аз тахти назораташ берун мебошанд, мебинад. Алҳол мақоми танзимгар сиёсати таъсири мулоимро интихоб кардааст. Яқин аст, ки баланд бардоштани меъёри калидӣ ба андозаи 0,25 банди фоизӣ ҳавасмандии ғайрирезидентҳоро ба коғазҳои қиматноки давлатӣ барнамегардонад. Вазорати молия бошад, дар навбати худ алҳол барои баланд кардани даромаднокӣ дар музоядаҳо шитоб намекунад. Пурсида мешавад, агар сармояи ҳаннотӣ вазъиятро дар иқтисодиёт ислоҳ накунад, он ба кӣ даркор аст? Бинобар ин, яқин аст, ки Бонки марказӣ минбаъд ҳам дар ин самт амал карда, баробари баланд шудани таваррум ва коҳишёбии рубл, меъёри калидиро кам-кам баланд мекунад. Рубл бошад, аз ин ҳисоб ҳамасола 5-10% арзон мешавад. Рушди иқтисодиёт то 1,5% суст мегардад. Бешубҳа, ба ин омилҳои берунӣ, аз ҷумла нархи нефт таъсири назарас хоҳанд расонид. Идома ёфтани рушди он иқтисодиётро тезтар боло мебарад ва зарурат ба баланд кардани меъёри калидӣ намемонад. Ислоҳ ё ба танзим даровардани нархи нефт баръакс Бонки марказиро маҷбур мекунад, ки меъёри калидиро баланд бардорад, Вазорати молия бошад, баъди ин барои паст кардани фишор ба рубл, қарзи гаронарзиш бигирад.

## БОНКҲОИ МАРКАЗӢ ЧӢ ГУНА АРЗИШИ ПУЛРО ДАР ИҚТИСОДИЁТ БА ТАНЗИМ МЕДАРОРАНД?



Чанде пеш Низоми захираҳои федералии Амрико ҳаҷми меъёри калидиро аз 1,75–2 % то ба 2–2,25 %-и солона боло бурд.

Дар иттилои сомонаҳои мухталиф гуфта мешавад, ки болоравии ҳаҷми фоизҳо ба рушди иқтисоди Амрико ва коҳиши сатҳи бекорӣ дар ин кишвар рабт дорад.

Ба назари коршиносони соҳаи иқтисоду молия, афзоиши нишондиҳандаи мазкур метавонад ба поинравии қурби рубл сабаб шуда, ба даромади дигар кишварҳои содиркунандаҳои ашёи хом таъсири манфӣ расонад.

Имрӯз тамоми мақомоти танзимкунандаи соҳаи бонкиро вобастагии амиқи сиёсати онҳо аз омилҳои берунӣ ва ҳатто на ҳамеша дорои хосияти иқтисодӣ дошта, ки додани баҳои ҳуқуқӣ ба онҳо мушкил мебошад, муттаҳид месозад. Масалан, омили калидие, ки барои қабул кардани қарори Бонки Англия таъсири калон мерасонад, хориҷ қарибулвуқуи Британияи кабир аз ҳайати Иттиҳоди Аврупо (Brexit) мебошад.

Сиёсати Бонки марказии Аврупо дар навбати худ аз оқибатҳои минбаъдаи бухрони Туркия ва андозаи ворид шудани он ба тавозуни

ташкилотҳои молиявии аврупоӣ вобастагӣ хоҳад дошт.

Дарди сари Бонки марказии Русия хавфҳои геосиёсие боқӣ хоҳанд монд, ки бо таҳримҳои нав ва эҳтимолӣ алайҳи соҳибкорони Русия, бонкҳо ва низоми молиявӣ алоқаманд мебошанд.

Низоми захираҳои федералии ИМА зимни татбиқи сиёсати баланд кардани меъёри калидӣ маҷбур аст хавфҳои эҳтимолии иқтисодии "Ҷангҳои тиҷоратӣ"-и Доналд Трампро ба назар гирад.

## БОНКИ АНГЛИЯ: ДАР БАЙНИ ТАВАРРУМ ВА BREXIT




Сомонаи Bankir.ru хабар дод, ки дар яке аз ҷаласаҳои охир, 2 августи соли равон, Бонки Англия меъёри фоизиро то 0,75% солона баланд бардошт. Танзимгар натавонист хавфҳои ҷории таваррумӣ ва барқарор сохтани рушди иқтисодиро сарфи назар намояд. Ба ҳамин тартиб, таваррум дар Британияи кабир аллакай зиёда аз якуним сол дар сатҳи мақсадноки Бонки Англия нигоҳ дошта мешавад. Дар моҳи июл баъди он ки дар муддати се моҳ пай дар пай суръати афзоиши нархҳо дар сатҳи 2,4% боқӣ монданд, таваррум то 2,5%-и ифодаи солона афзуд. Аммо баланд кардани меъёри фоизиро дар ҷаласаи охир метавон танҳо ҳамчун расмият ба сифати қатъӣ кардани сиёсат баррасӣ намуд. Бояд гуфт, ки амал ва шарҳи танзимгари британиягӣ ниҳоят эҳтиёткорона боқӣ мемонанд ва аз шарту шароити хавфҳои эҳтимолии иқтисодии хориҷ шудани Британия кабир аз Иттиҳоди Аврупо сарчашма мегиранд. Дар ҷамъбасти ҷаласаи қаблӣ роҳбарияти Бонки Англия қайд намуда буд, ки фақат як баландкунии меъёри фоизиро дар соли оянда ва яктои дигарро дар 2020 имконпазир меҳисобад. Қаблан мақоми танзимгари британиягӣ танҳо моҳи ноябри соли 2017 меъёри фоизиро баланд карда буд.

Нашрияи зикршуда менависад, ки агар дар бозори Русия сармоягузорон коғазҳои қиматноки давлатиро аз тарси ҷорӣ гаштани таҳримҳои иқтисодӣ ба фурӯш гузоранд, дар Британия кабир бошад, айнан ҳамин амали сармоягузорони хориҷӣ ба хотири хавфҳои Brexit ба мушоҳида мерасад. Масалан, тибқи маълумоти Бонки Англия, дар моҳи июли соли равон сармоягузорони хориҷӣ ҳаҷми ниҳоят калони коғазҳои киматноки давлатӣ – 17,2 млрд. фунт стерлинг ё 22,2 млрд. доллари ИМА-ро фурӯхтанд. Барои муқоиса: як моҳ пеш фурӯши ин коғазҳо аз ҷониби сармоягузорони ғайрирезидент 1,4 млрд. фунт стерлингро ташкил дода буд.

Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки асъори британиёӣ гаравгони вобасташавии хавфҳои иқтисодии хориҷ шудан аз Иттиҳоди Аврупо ва эҳтиёткории танзимгари ин кишвар зимни қабули қарорҳо, ҳамчунин таҳкимёбии глобалии доллар дар майдончаҳои молиявии хориҷӣ боқӣ мемонад. Аз миёнаҳои моҳи апрел, вақте фунт дар ҷуфт бо доллар аз 1,43 баланд шуд, қурби он 10%-и арзиши худро аз даст дод. Дар миёнаҳои моҳи август ба баланд шудани меъёр дар аввали моҳ нигоҳ накарда, фунти британиёгӣ ҳадди ақали соли 2017-ро таҷдид намуда, дар ҷуфт бо доллари ИМА аз нуқтаи 1,27 поин шуд.

Бо вуҷуди ин, дида мешавад, ки тавозун дар байни хавфҳои таваррумӣ ва хатари иқтисодии Brexit аз масъалаи калидии ҷаласаҳои танзимгари британиёгӣ боқӣ мемонад.

13 сентябри соли равон дар ҷаласаи навбатӣ Кумита оид ба сиёсати пулии Бонки Англия зимни овоздиҳӣ якдилона меъёри фоизиро дар сатҳи пешина – 0,75% нигоҳ дошт. Дар изҳороти Бонки Англия омадааст, ки қатъию сахт кардани сиёсати минбаъдаи пулӣ пай дар пай вобаста ба рафти музокирот оид ба шартҳои Brexit байни Британиёи кабир ва Иттиҳоди Аврупо амалӣ карда мешавад. Вале боз ҳам таҳлилгарон бар ин назаранд, ки эҳтиёткории танзимгари бонкҳо метавонад ба мавҷи навбатии арзон фурӯхта шудани фунти британиёӣ оварда расонад.

## БМА: АЗ ЭҲТИЁТ КАСЕ ЗАРАР НАДИДААСТ



Сармоягузорон муҳлати тӯлонӣ аз Бонки марказии Аврупо чун аз Бонки Англия гузариш ба сиёсати боз ҳам қатъии пулиро интизор ҳастанд, вале танзимгари аврупоӣ эҳтиёткориро пешаи кори худ кардааст. Ҳанӯз моҳи июни соли равон Бонки марказии Аврупо дар бораи аз моҳи октябр кам кардани ҳаҷми бозхариди ҳармоҳаи коғазҳои қиматнок (ду баробар – то 15 млрд. евро)-ро дар доираи барномаи нармкунии шумораи QE ва анҷом

додани барнома дар моҳи декабр қарор қабул кард. Ҳамзамон бонк ваъда дода буд, ки меъёри фоизиро дар сатҳи ниҳоят паст ҳадди ақал то тирамоҳи соли 2019 нигоҳ хоҳад дошт. Дар натиҷа, дар ҷаласаи охир, 26 июли соли равон Бонки марказии Аврупо тамоми меъёрҳои калидиро бе тағйир боқӣ гузошт, аз он ҷумла меъёр оид ба қарзҳоро дар сатҳи сифр монд, ки аз моҳи марти 2016 амал мекунад.

Дар ҷаласаи моҳи июлӣ роҳбари Бонки марказии Аврупо ба ҳайси яке аз хавфҳои калидӣ барои иқтисоди минтақаи евро "ҷангҳои тиҷоратӣ"-ро номбар карда буд. Аз афташ рӯйхати хавфҳо аз ҳисоби бӯҳрони молиявии Туркия ва таъсири эҳтимолии он ба иқтисодиёт ва низоми бонкии минтақаи евро зиёд хоҳад шуд. Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки коҳиш ёфтани таваррум дар моҳи август ва ҳамзамон суст шудани суръати рушди ММД дар семоҳаи дуюм то ҳадди ақали ду соли охир эътимоди танзимгари Аврупоро зиёд намекунад.

Баъди пастшавии қурби асъори Аврупо дар миёнаи моҳи август (он вақт қурби евро/доллар аз моҳи июли соли 2017 аввалин бор аз 1,13 поин рафт) дар пасманзари бӯҳрони бааммаломадаи Туркия ва беқурбшавии лираи туркӣ дар ҳафтаҳои минбаъда вазъият каме беҳтар шуд. Баъдтар асъори аврупоӣ бо арзиши 1,16 ва 1,17 фурӯхта мешуд. Агар танзимгари аврупоӣ мавқеи анъанавии консервативиро ишғол намояду нияти ба муддати тӯлонӣ нигоҳ доштани меъёри фоизиро тасдиқ намояд, ин амал метавонад ба мавҷи нави коҳишёбии евро оварда расонад.

## БОНКИ РУСИЯ: АЗ КОҲИШ ТО БОЛОРАВИИ МЕЪЁРҲО

Агар ба танзимгарони британиёӣ ва аврупоӣ хавфҳои берунӣ монеаи гузаштан ба сиёсати фаъол ва сахту қатъӣ шаванд, барои Бонки марказии Русия баръакс,хавфҳои хосияти берунӣ дошта, бо гузашти ҳар рӯз эҳтимолияти баланд кардани меъёрҳоро зиёд менамоянд. Қурби биржавии доллар дар охири моҳи июл ва аввали август сатҳи 70 рублро убур кард ва бо ҳамин тартиб ба андозаи зиёда аз 10% тақвият ёфт. Дар ин давра таҳкимёбии евро низ қариб 10% -ро ташкил дод. Бо ҳар як мавҷҳои нави хавфҳои геосиёсӣ ва сарусадоҳо оид ба таҳримҳои нав коҳиш ёфтани рубл зиёд мешавад ва он беихтиёр ба рушди фишорҳои таваррумӣ оварда мерасонад.

Тавре хадамоти матбуоти Бонки Русия хабар дод, Шӯрои Мудирони бонк 14 сентябри соли равон дар бораи баланд кардани меъёри калидӣ ба андозаи 0,25% ва расонидани он то 7,50% қарор қабул кард. Гуфта мешавад, ки тағйир ёфтани шарту шароити берунӣ хавфҳои таваррумиро зиёд намуданд. Бонки Русия сатҳи таваррумро баъди ҷамъбасти соли 2019 ба андозаи 5 - 5,5% ва бозгашти он ба 4% дар соли 2020 пешгӯӣ мекунад. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки бонк зарурати минбаъд баланд намудани меъёри калидиро бо ба назар гирифтани динамикаи таваррум ва иқтисодиёт нисбати пешгӯӣ, ҳамчунин бо назардошти хавфҳо аз ҷониби шароити берунӣ ва аксуламали бозорҳои молиявӣ баҳо хоҳад дод.

Коршиносони соҳаи бонкӣ чунин мепиндоранд, ки тавре таҷрибаи моҳи декабрии соли 2014 нишон дод, дар сурати бад шудани вазъият Бонки Русия барои ба таври таъҷилӣ баланд бардоштани меъёри калидӣ вақт меёбад. Вале, дар ҳама ҳолат танзимгарро зарур аст, ки ниҳоят эҳтиёткор бошад. Зеро нияти қатъӣ намудани сиёсати фоизӣ метавонад аз ҷониби иштирокдорони бозор ҳамчун эътирофи вазъияти бӯҳронӣ баҳо дода шавад, ки ин танҳо фирор аз рублро метезонад.

## НЗФ МЕЪЁРҲОИ ФОИЗИРО БАЛАНД МЕКУНАД

Бо вуҷуди он ки барои бозори Русия муносибатҳои геосиёсӣ бо шариконӣ ғарбӣ дар мадди аввал меистанд, сармоягузорон наметавонанд боз як раванди муҳим дар бозорҳои молиявии ҷаҳон – баландшавии меъёрҳои фоизӣ дар ИМА-ро сарфи назар кунанд. Бояд қайд кард, менависад сомонаи Bankir.ru, сиёсати пулию қарзии Низоми захираҳои федералӣ ба динамикаи асъори дигар мамлакатҳо назар ба амалҳои танзимгарони миллии давлатҳо таъсири ниҳоят калон мерасонад. Дар ҳоли ҳозир НЗФ-и Амрико аз ҳамкасбони худ дида, бо боварии қатъӣ амал менамояд, дар соли ҷорӣ аллакай се маротиба меъёрии фоизии худро баланд кард ва ваъда дод, ки боз баланд мебардорад. Иқтисодиёти Амрико рушди устувор нишон медиҳад, вазъият дар бозори меҳнат мусоид боқӣ мемонад, таваррум ва хароҷоти истеъмолӣ бошад, то сатҳҳои мақсадноки НЗФ баробар шуданд. Ҳамаи ин дар якҷояґӣ ба танзимгар имконият медиҳад, ки самти фаъолиятро барои минбаъд ҳам баланд намудани меъёри фоизӣ нигоҳ дорад. Бо вуҷуди ин, ҳатто НЗФ маҷбур аст ба чунин омилҳои берунӣ, аз қабили "ҷангҳои тиҷоратӣ"-и ИМА бо шариконии асосиаш, аҳамият диҳад. Зеро шиддат гирифтани ихтилофҳои тиҷоратӣ барои иқтисодиёти амрикоӣ хавфҳо ба миён меорад ва онҳо метавонанд барои дар оянда баланд бардоштани меъёрҳои фоизӣ халал расонанд.

**Таҳияи Абдуғаффор Қурбонов, "БТҶ".**



# АРЗАНДА ҲАСТАНД БОНУВОНИ НИЗОМИ БОНКӢ

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи иқдомҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе - 2018 таҳти унвони «Рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ» оид ба ҷалби бештари бонувон ба муассисаҳои низоми бонкӣ, бахусус ба вазифаҳои масъулияти моддидошта баён намуда буданд, як қатор тадбирҳоро ба роҳ мондааст.

Қобили қайд аст, ки дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2016 бо назардошти саҳми арзандаи занону духтарон дар таъмин ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд пешниҳод намуданд, ки ҷалби занону духтарон ба кор дар муассисаҳои низоми бонкӣ, хадамоти алоқа, шуғл ва дигар бахшҳои хизматрасонӣ бештар гардонида шавад, то

ки дар ин сохторҳо низому тартиботи кор боз ҳам тақвият ёбад.

Ин пешниҳод ба он хотир манзур гардидааст, ки дар оянда аз неруи созандаи бонувону духтарон боз ҳам бештар истифода шуда, ба амалӣ гардидани ташаббусҳои онҳо мусоидат намоем. Зеро дар мавриди сиёсати гендерӣ Ҳукумати кишвар ҳамеша ҷонибдори ибтикороти занону духтарон аст ва онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд. Ҳоло дар кишвари мо имконият фароҳам оварда шудааст, ки занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа баробари мардон ширкати бевосита ва фаъол дошта бошанд, аз ҷумла дар низоми бонкии кишвар барои рушду нумӯи бонувон мутахассисон диққати ҷиддӣ дода мешавад. Махсусан дар ҷавоб ба дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат шумораи занон дар низоми бонкӣ меафзояд ва ба ҳолати 1 октябри соли 2018 шумораи умумии кормандон аз ҳисоби бонувон дар низоми бонкии мамлакат 5 232 нафарро бонувон ташкил медиҳанд. Ба ибораи дигар, вазни қиёсии бонувон дар ҳайати умумии кормандони бахши бонкӣ дар интиҳои семоҳаи сеюми соли 2018 32,3 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 тамоюли афзоиш дорад (0,4%).

Бо мақсади ҷалби бонувони соҳибтахассус ва соҳибкасб ба вазифаҳои масъулияти моддидошта дар низоми бонкӣ, инчунин муайян кардани теъдоди занҳои фаъол дар вазифаҳои масъул, ки бевосита бо хизматрасонии аҳолӣ машғул ҳастанд, Бонки миллии Тоҷикистон дар омори ҳайати кормандони низоми бонкӣ банди алоҳида барои бурдани ҳисоботи бонувони шуғли масъулияти моддидошта, аз ҷумла хазинадор, ҳисобдор, амалиётчӣ, нозир оид ба қарзҳо, мутахассиси фурӯши хизматрасониҳо ва амсоли ин ворид кардааст.

Ҷиҳати ҳамовозӣ ва иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат дар масъалаи дастгирии занону духтарон имрӯз дар Бонки миллии Тоҷикистон бонувон аз корманди оддӣ, то ба вазифаҳои пурмасъули муовини Раис, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, ҳайати хизматрасон мақому мартаба доранд, ки ин аз фаъолияти самараноки онҳо дар низоми бонкии мамлакат гувоҳӣ медиҳад. Агар амиқтар ба таркиби ҳайати кормандон назар андозем, мебинем, ки ба санаи 1 ноябри соли 2018 занон аз ҳисоби умумии кормандон дар низоми Бонки миллии Тоҷикистон 247 нафар ё 30 фоизро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора 36 нафар (25%) дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият карда, 4 нафар дорои унвони илмӣ - номзади илм ва 1 нафар доктори илм (PhD) мебошанд.

Илова бар ин, бо мақсади иҷрои супориши Протоколии маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 29 апрели соли 2016 доир ба ҷобаҷогузории кадрҳои болаёқат, поквиҷдон, масъулиятшинос, пеш аз ҳама аз ҳисоби занҳо ба вазифаи сармуҳосиб, хазинадор ва дигар вазифаҳои дорои масъулияти моддидошта бояд қайд намоем, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон Шуъбаи хизматрасонии хазинавӣ чунин хусусияти корӣ дорад ва бевосита ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ хизмат мерасонад. Бо мақсади татбиқи дастури мазкур, як нафар зан ба вазифаи сардори Шуъбаи хизматрасонии хазинавӣ таъин гардида, ҳайати умумии кормандони шуъбаи мазкур аз ҳисоби бонувон (4 нафар) таъин гардиданд, инчунин ба вазифаҳои масъули ҳисобдорӣ ва хоҷагидорӣ чанд нафари дигар аз ҳисоби бонувон ҷалб карда шуданд, ки пурсамар фаъолият намуда истодаанд. Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон ба масъалаи бо кор таъмин намудани занҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, махсусан дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ пайваста таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Дар натиҷа ҷалби бонувон барои кор дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ давра ба давра таъмин гашта, масъалаи мазкур ҳалли худро хоҳад ёфт. Аз ҷумла, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк", ки ҳамчун ягона бонки давлатӣ дар низоми бонкии кишвар дорои шабакаи васеи хизматрасонӣ буда, бо 75 филиал, 545 марказҳои хизматрасонии бонкӣ ба мардум хизмат мерасонад, дар бозори байнибонкии ҷумҳурӣ бо беш аз 1,4 млн. нафар дорандагони кортҳои бонкӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Дар соли ҷорӣ шумораи умумии занҳо дар бонк аз 970 нафар ба 1048 нафар расонида шуд, ки ин натиҷаи ҷалби бештари ҷавондухтарон ба корҳои фаъолияти бонкӣ аст. Аз шумораи мазкур зиёда аз 24 нафар занон дар сатҳи роҳбарикунанда, сардорони воҳидҳои сохтории бонк 65 нафар, аз ҷумла муовини сармуҳосиб 31 нафар, мудири хазина 15 нафар, дар дигар вазифаҳои масъулияти моддидошта 19 нафар кор карда истодаанд. Қобили қайд аст, ки шумораи занони дар марказҳои хизматрасонии бонкии БДА ҶТ "Амонатбонк" дар вазифаҳои гуногун фаъолиятдошта, ба ҳолати 1 ноябри соли ҷорӣ 241 нафарро ташкил медиҳанд. Роҳбарияти бонк дар робита ба супоришҳои Пешвои муаззами миллат имрӯз таваҷҷуҳро барои бо кори доимӣ таъмин намудани ҷавондухтарони лаёқатманд ва бонувони соҳибтаҷриба дар риштаи бонкдорӣ ва молия равона намуда, барои ишғоли вазифаҳои холӣ ва ҷалби бештари занон эълони вазифаҳои мазкурро тариқи сомонаи расмӣ ва ВАО ташкил намудааст. Ҳамзамон, аз рӯи маълумотҳои оморӣ соли ҷорӣ теъдоди бонувон дар ҶСП "Спитамен Бонк" , ҶСП "Бонки Осиё", ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСП "Казкоммерсбонк Тоҷикистон" аз 2 то 5 фоиз тамоюли зиёдшавӣ дорад.

## ҚАДРДОНӢ МЕШАВАНД БОНУВОНИ БМТ

Айёми соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва рӯзгори пурфайзи давлатдории миллӣ ба зиммаи занону духтарон масъулияти боз ҳам бештар вогузор менамояд. Ба ибораи дигар, занону духтарон дар баробари ободонии мамлакат ва таъмини дастовардҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии он бояд бо кору амали шоиста ва ахлоқи ҳамидаи худ дар амри боло бурдани сатҳи маънавии аҳли ҷомеа саҳмгузор бошанд. Аз ин рӯ, роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ҳамеша фаъолияти пурсамари кормандон, аз ҷумла бонувонро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, мунтазам дар ҷашну идҳо меҳнати онҳоро қадрдонӣ мекунад. Аз ҷумла, бахшида ба 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 39 нафар кормандони Бонки миллии Тоҷикистон барои хизмати шоиста ва саҳми арзанда дар фаъолияти низоми бонкӣ бо Ифтихорномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон сарфароз гардиданд, ки аз онҳо 19 нафарашон занҳо мебошанд. Ин гуна қадрдонӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ба таври доимӣ сурат мегирад.

Ба ғайр аз ин, бояд изҳор намоем, ки барои фаъолияти содиқонаю босамар, собиқаи бардавоми корӣ, саҳми арзанда дар рушди низоми бонкӣ тайи солҳои охир 7 нафар бонувон бо нишони сарисинагии "Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон" сарфароз гардонида шуданд.

## ЛИБОСИ ЯГОНА НИШОНЕ АЗ ФАРҲАНГ ВА АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Бо мақсади боз ҳам фаъол намудани нақши бонувон дар соҳаи бонкӣ, пешбурди корҳои таблиғотӣ оид ба ривоҷ додани фарҳангу арзишҳои миллӣ, аз ҷумла тарзи пӯшидани либос дар ҷойи кор, одоби муошират ва ғайра Шӯрои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи либоси ягона, Комиссия оид ба таҳияи либоси ягона барои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар ҳайати Комиссияи махсус роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва мутахассисон шомил гардида, роҳбарии он ба дӯши муовини Раиси Бонки миллӣ вогузор карда шуд. Бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода аз 1 сентябри соли 2018 барои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон либоси ягона ҷорӣ карда шуд.

Инчунин, роҳбарияти бонк ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон аз ҳисоби занон, таълим ва такмили ихтисоси онҳо дар семинару курсҳое, ки дар дохил ва хориҷи кишвар баргузор мегарданд, таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Бо ин мақсад ҳамасола барномаи мақсадноки таълим ва такмили ихтисоси кормандон таҳия ва амалӣ карда мешавад. Барои мисол, дар 10 моҳи соли равон 66 нафар занҳо-мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон ба таълим ва такмили ихтисос фаро гирифта шудаанд. Аз ин шумора 23 нафар дар хориҷи кишвар ва 43 нафар дар курсҳои назди Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд.

## БОНУВОНИ СОҲИБКОР ДАСТГИРӢ МЕЁБАНД

Мо, имрӯз ифтихор аз он дорем, ки дар кишварамон занон дар баробари мардон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба фаъолияти пурсамар машғуланд ва барои таҳкими дастовардҳои Истиқлолият ва бунёди давлатдории миллӣ саҳми сазовор мегузоранд. Бонувони Бонки миллии Тоҷикистон дар баробари бонувони вазорату идораҳо дар аксари чорабиниҳои ҳукуматӣ фаъолона ширкат меварзанд. Масалан, бо дастгирии роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори "Кадбону" дар мавзӯи "Нақши бонкҳо дар беҳтар намудани маблағгузории соҳибкории занон" бо иштироки бештар аз 70 бонувони соҳибкор чорабинии сатҳи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид. Мақсад аз ҷамъ овардани бонувони соҳибкор ва ташкилотҳои қарзӣ дар паси мизи гирд аз он иборат буд, ки занони соҳибкор масоили маблағгузорӣ ба соҳибкории хурду миёнаро бо намояндагони ташкилотҳои қарзӣ баррасӣ намоянд ва ҳамкориро дар оянда боз ҳам таҳким бахшанд.

Бешубҳа, соҳибкорӣ яке аз омилҳои рушди бахши воқеии иқтисодиёт, таҳкими иқтидори содиротии кишвар, паст намудани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ба ҳисоб меравад. Қарздиҳии хурд бошад, яке аз самтҳои асосии дастгирии соҳибкории хурду миёна ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ ба шумор меравад ва маҳз ба хотири инкишоф додани он низоми бонкии кишвар тамоми имкониятҳои мавҷудаи худро равона месозад.

Барои мисол, қарзҳои хурди додашуда дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 3 488,6 млн. сомониро ташкил доданд. Аз ин ҳисоб, ҳиссаи қарзҳои хурди ба занони соҳибкори кишвар додашуда, ба 20,3 фоиз баробар шуда, 707,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 64,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Афзоиши қарзҳои хурди ба занони соҳибкор додашуда асосан ба вилояти Суғд 428,4 млн, ш.Душанбе 229,4 млн. сомонӣ, вилояти Хатлон 21,2 млн. сомонӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 12,3 млн. сомонӣ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 13,5 млн. сомонӣ ва водии Рашт 2,3 млн. сомонӣ рост меояд.

Боиси хурсандист аст, ки имрӯз теъдоди зиёди бонувон бо рушди ҳунарҳои мардумӣ машғул буда, қарзҳои хурд аксаран ба рушди ҳамин бахш равона карда шудаст, ки ин як иқдоми хубест дар "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", ки аз ҷониби Пешвои миллат, Пре-

зиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидааст. Дар маҷмӯъ, дар 9 моҳи соли 2018 қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаи сайёҳӣ додашуда 8 млн. 140 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (2 млн. 680 ҳазор сомонӣ) 3 маротиба зиёд мебошад. Барои рушди ҳунарҳои мардумӣ бошад, дар 9 моҳи соли ҷорӣ 27 млн. 290 ҳаз. сомонӣ маблағҳои қарзӣ равона шудааст ва ин нишондиҳанда дар муқоиса ба соли 2017, ки маблағи 6 млн. 630 ҳазор сомониро ташкил медод, 4,5 маротиба афзоиш ёфтааст.

Бонки миллии Тоҷикистон бахри таъмини рушди босуботи соҳаи соҳибкории иқтисодиёти кишвар дар доираи салоҳияти худ тамоми имкониятҳои мавҷударо истифода бурда истодааст.

## САҲМИ НАЗАРРАСИ БОНУВОН ДАР ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТӢ

Бонувони Бонки миллии Тоҷикистон ба ғайр аз фаъолияти хуб дар низоми бонкӣ, дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъолона ширкат меварзанд. Онҳо ҳамасола дар мусобиқаҳои варзишӣ, аз қабили тенниси рӯйи миз, шашка ва шоҳмот, мусобиқаҳои волейбол, ки байни вазорату идораҳо доир мегардад, мунтазам иштирок ва ғолиб меоянд. Инчунин бонувони бонк ҳар сол дар чорабинии ҷумҳуриявии “Дави миллӣ” ширкат варзида, ба натиҷаҳои назаррас ноил мешаванд. Тайи ду соли охир тими волейболи Бонки миллии Тоҷикистон аз ҳисоби бонувон дар мусобиқаҳои варзишии “Ҷоми Раиси шаҳр” фаъолона ширкат варзида, соҳиби ҷойҳои намоён гардиданд. Дастаҳои варзишии бонувони БМТ ният доранд, ки дар ҳаёти варзишии кишвар ширкати фаъол дошта, бахри оммавӣ гардидани варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим саҳмгузор бошанд.

## ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ТАЪМИН МЕГАРДАД

Бо иқдоми роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам мулоқоту вохӯриҳои намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бонувони бонк дар мавзӯъҳои муҳими рӯз баргузор карда мешавад. Аз ҷумла, зимни баррасии Қонуни ЧТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни ЧТ “Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд” дар бораи саҳми занону модарон дар таълиму тарбияи фарзандон, роҳ надодан ба тақлидкории бонувон ба фарҳангу либоспӯшиҳои бегона ва пешгирии майли ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи муносибати хубу ҳамдигарфаҳмӣ, ватандӯстӣ ва зоҳир намудани ғамхорӣ нисбати аъзои оила таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

## БОНУВОН – ҲАМҚАДАМИ ҲАЁТ

Имрӯз зарур аст, ки занони мо ҳамқадами ҳаёт ва замон бошанд. Аз навигариҳои олам ва кашфиётҳои нави илму техника бехабар намонанд. Дар баробари забони модарӣ барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои англисӣ ва русӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд. Зарур аст, ки занону духтарони мо ҳуқуқи конститутсионии худро донанд ва барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ саъю кӯшиш намуда, арзишҳои аслию асили маънавию миллӣ ва фарҳангии худро пос доранд ва ба онҳо эҳтиром гузоранд.

Бояд гуфт, ки имрӯз роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон барои кормандон, аз ҷумла барои фаъолияти пурсамари бонувон тамоми шароитҳоро муҳайё намудааст. Барои фаъолияти бонувон шароити мусоид ва имтиёзҳои иҷтимоӣ фароҳам оварда шудааст.

## САҲМГУЗОРИИ БОНУВОН БАРОИ ОЯНДАИ ДУРАХШОН

Имрӯз Ҳукумати ҷумҳурӣ бо дастуру ҳидоятҳои хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи таҳкими мақом ва таъмини ҳуқуқи конститутсионии занон пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад ва ин тадбирҳо зина ба зина мутобиқ ба меъёрҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ амалӣ мегарданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки саҳми занону духтарон дар фаъолияти бонкдории мамлакат имрӯз шоиста арзёбӣ мешавад. Меҳнати софдилонаи занону духтарони мо дар Бонки миллии Тоҷикистон ҳамеша дар мадди назари роҳбарият қарор дорад ва дастовардҳои назарраси онҳо қадршиносӣ карда мешавад. Итминони комил дорем, ки занони мо минбаъд низ дар баробари тарбияи фарзанд, тарғиби одобу ахлоқи ҳамида, арзишҳо ва дигар муқаддасоти миллӣ, ҳамчунин дар пешбурди низоми бонкдории мамлакат, боло бурдани эътимоду боварии мардуми кишвар ба низоми бонкӣ, муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ ва эҳтирому арзишҳои миллӣ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

**М. Ҳасанова,**
**сардори Шуъбаи матбуоти БМТ.**



# ИҚТИСОДИЁТИ ҒАЙРИНАҚДӢ РОҲЕСТ ДУРУСТУ СУДМАНД

Масъалаҳои муҳими танзими бозори электронӣ ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, омӯзиш ва табодули таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар таҳия ва татбиқи хизматрасониҳои бонкӣ тавассути технологияҳои муосири инноватсионӣ ҷиҳати зиёд



намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рушди инфрасохтори низоми пардохтӣ, таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, ҳамчунин барои баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон 6 -7 декабри соли равон дар ҳамкорӣ бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) Форуми байналмилалӣ "Роҳ ба сӯи иқтисодиёти ғайринақдӣ: инноватсия – инфрасохтор – дастрасии фарогир" баргузор гардид.

Зимни суханронии худ дар оғози Форум Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода чунин изҳор дошт: "Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ аз он далолат медиҳад, ки воридшавӣ ва татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ дар бахши молиявию бонкӣ нисбатан зудтар амалӣ мегардад ва дигар бахшҳоро ба ин кор ҳавасманд ва ҷалб менамояд. Бонки миллии Тоҷикистон рушди низоми пардохтро яке аз самтҳои афзалиятнок арзёбӣ намуда, ҷиҳати рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути амалӣ намудани хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, пардохти молу хизматрасониҳо бо истифода аз воситаҳои пардохти электронӣ, афзоиши ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ, рушди технологияҳои нав дар бахши пардохт, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба хизматрасониҳои муосири пардохтӣ мусоидат менамояд. Таъмини фаъолияти самарабахши низоми пардохти кишвар яке аз омилҳои калидии фаъолияти босубот ва босуръати низоми бонкӣ ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад". Дар робита ба ин, Ҷамшед Нурмаҳмадзода баргузор гардидани Форуми байналмилалиро барои Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии кишвар рӯйдоди муҳим арзёбӣ кард.

Сипас, Намояндаи минтақавии Корпоратсияи байналмилалии молиявии (IFC) дар Осиёи Марказӣ хонум Кассандра Колберт дар бораи нақши ҷамъомади имрӯза, саҳми ширкатҳои телекоммуникатсионӣ ва техникӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, ҳамкории муштараки онҳо ҷиҳати пешниҳоди маҳсулоти арзони тахассусӣ андешаҳои худро иброз намуд.

Дар ҷараёни Форум иштирокдорони он оид ба ҷанбаҳои муосири рушди хизматрасониҳои молиявии рақамию электронӣ, инфрасохтори низоми пардохтӣ ва татбиқи технологияҳои ҷадиди инноватсионӣ зимни пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ фикру андешаҳои худро баён намуда, дар якчанд панелҳои мубоҳисавӣ дар бораи танзими бозори хизматрасониҳои электронӣ ва рақамӣ, рушди низомҳои пардохтию ҳисоббаробаркунӣ, маҳсулотҳои инноватсионии JCB, MacterCard, "UnionPay Internatonal" бо рунамоҳои ҷолиб баромад намуданд. .

Ҳамоиши байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ оид ба хизматрасониҳои электронӣ ва рақамӣ, ки дар айни замон дар Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Озарбойҷон, Қирғизистон мавриди татбиқ қарор дорад, созмон дода шуд.

Қобили қайд аст, ки дар кори Форуми дурӯза намояндагони бонкҳои марказии кишварҳои ИДМ, аз қабили Узбекистон, Гурҷистон, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Русия ва низомҳои пардохтии байналмилалии "UnionPay Internatonal", "Master card", "JCB" , коршиносони байналмилалӣ ва маҳаллӣ, намояндагони институтҳои молиявии байналмилалӣ, масъулини вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои қарзӣ, операторони алоқаи мобилӣ ширкат доштанд.

**Маҷаллаи "БТҶ"**

# 2018: “Соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост”

Соли 2018 бо рӯйдодҳои муҳими иқтисодии худ дар хотираи сокинони ҷумҳурӣ солиёни зиёд хоҳад монд. Оғози даҳсолаи “Об барои рушди устувор, 2018-2028”бо ташаббуси Тоҷикистон, ба тавлиди барқ оғоз намудани аввалин чархаи неругоҳи “Роғун”, ки мардуми тоҷик дер боз интизораш буданд, беҳтар шудани равобити Тоҷикистону Ӯзбекистон ва афзоиши чандкаратаи гардиши мол байни ду кишвари ҳамҷавор, соли садорати Тоҷикистон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, нишасти сарварони кишварҳои ин созмон дар ш. Душанбе ва чанде дигар воқеҳои муҳим аз ҳодисаҳои хотирмони соли 2018 ҳастанд.

## РӮШАНИИ НАХУСТИН КИЛОВАТҲОИ БАРҚИ НБО-И “РОҒУН”



Соли 2018 чун соли ба кор даромадани аввалин чархаи неругоҳи “Роғун” дар хотираи мардуми Тоҷикистон хоҳад монд. Ба кор даромадани ин неругоҳ солҳо боз орзуи тамоми мардуми Тоҷикистон буд. Мардум ҳама мехостанд, ки ин неругоҳ ба кор оғоз кунад ва мушкили норасоии барқ, ки ба вазъи иҷтимоиёту иқтисодиёти кишвар таъсири худро мегузошт, рафъ шавад ва зиндагӣ беҳтар гардад. Тоҷикистон сохтмони неругоҳи “Роғун”-ро масъалаи маргу зиндагӣ номида буд. Инак, ин орзу дар рӯзи 16 ноябри соли 2018 ҷомаи амал пӯшид. Нахустин киловатҳои барқи неругоҳи “Роғун” ба хонаҳои мардуми тоҷик ворид шуда, сардиҳоро гарм ва торикиҳоро рӯшан намуд!

Ба кор даромадани аввалин чархаи неругоҳи “Роғун” эҳсоси ифтихорро дар қалби мардуми тоҷик бедор кард. Барқи тавлидотии ин неругоҳ на танҳо мушкили норасоии барқро дар Тоҷикистон ҳал мекунад, балки иқтидори иқтисодии Тоҷикистонро афзуда, ин кишварро ба яке аз мамолики калидии содиркунандаи барқ дар минтақа табдил медиҳад.

## ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР, 2018-2028”

Соли 2018 дар тамоми сайёраи замин Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” оғоз шуд. Давлатҳои ҷаҳон ин даҳсоларо бо пешниҳоди Тоҷикистон ба Созмони Милали Мутаҳид пазируфтанд ва дар кишварҳои худ барномаҳоеро вобаста ба он оғоз карданд. Рӯзи 21 декабри соли 2016 буд, ки Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қатъномаи худро оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028” қабул намуда, дар лоиҳаи ин Қатънома ташаббускории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мавриди эълон шудани “Соли 2003 - соли байналмилалии оби тоза”, Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015”, “Соли 2013 - соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” махсус таъкид кард.

Қабули ин пешниҳоди Тоҷикистон ва оғози як даҳсола, ки барои ҳали мушкилоти умумибашарии об дар рӯи ҷаҳон равона шудааст, бозгӯкунандаи саҳмгузории тоҷикон дар ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ аст. Чунин иқдомҳои шоиста Тоҷикистонро дар пеши назари оламиён ҳамчун кишвари ташаббускор ва дорои таваҷҷуҳи хос дар ҳалли мушкилоти сайёра муаррифӣ менамояд.

Таҳия ва иҷро намудани барномаҳо дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028” барои рушди устувор ва аз байн бурдани камбизоатӣ ва гуруснагӣ бо истифода аз манобеъи обӣ дар тамоми сайёраи Замин мусоидат намуда, расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ва мақсадҳои дигари марбут ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар сатҳи байналмилалиро осон менамояд.

## ТАҚВИЯТИ РИШТАҲОИ ДӮСТИИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН



Яке аз ҳодисаҳои хотирмони соли 2018 беҳтар шудани равобити Тоҷикистон бо Ӯзбекистон буд. Мардуми Тоҷикистону Ӯзбекистон сафарҳои роҳбарони ду кишвар ба пойтахтҳои ҳамдигарро фаромӯш нахоҳанд кард. Имсол дар паи сафарҳои роҳбарони Ӯзбекистону Тоҷикистон ба кишварҳои ҳамдигар муносибатҳои иқтисодии ду кишвар бамаротиб беҳтар шуда, барои ҳамкории тарафайн имкониятҳои зиёд фароҳам оварда шуд. Гардиши мол байни ду кишвар чанд баробар афзуд. Бино ба иттилои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳашт моҳи аввали соли 2018 ҳаҷми гардиши мол 192,6 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пеш 2,3 баробар бештар аст. Дар ин давра Тоҷикистон ба Ӯзбекистон ба маблағи 111,8 миллион доллар маҳсулот фурӯхта аз Ӯзбекистон ба маблағи 80,8 миллион доллар маҳсулот ворид кардааст.

Байни Тоҷикистону Ӯзбекистон даҳҳо созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои коркарди

нафту газ, металлургия, мошинсозӣ, электротехника, кимиё, сохтмон, дорусозӣ, озуқаворӣ, молиявӣ ва соҳаҳои дигар ба имзо расиданд. Танҳо дар форуми соҳибкорони Тоҷикистону Ӯзбекистон дар Тошканд, ки дар моҳи август баргузор шуд, 58 созишнома байни соҳибкорони ду кишвар ба имзо расид.

Беҳтар шудани равобит байни ду кишвар барои беҳтар шудани вазъи иқтисодӣ ва некӯаҳволии аҳолии ду кишвар мусоидат мекунад.

## ДАВРАИ РАЁСАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИДМ




Соли 2018 аз он ҷиҳат ҳам муҳим буд, ки дар ин сол Тоҷикистон раёсати Иттиҳоди давлатҳои мустақилро ба дӯш дошт. Тамоми сол Тоҷикистон ИДМ-ро роҳбарӣ мекард. Тоҷикистон барномаи раёсат дар ИДМ ва нақшаи иҷрои онро таҳия карда, барои татбиқи ҳадафмандонаи он ҳамаҷониба саҳм гузошт. Дар замони раёсати Тоҷикистон тақвияти ҳамкориҳои кишварҳо дар баробари мубориза бо терроризму ҳамкориҳои низомию амниятиву дифоъӣ дар заминаҳои иқтисоду энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, иҷтимоӣ, муҳоҷират, масоили башарӣ ва навоварӣ аз самтҳои бартари ҳамгироии дуҷониба ва чандҷонибаи кишварҳои узви ИДМ буданд. Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи Барномаи рушди иқтисодии ИДМ барои давраи то соли 2022 ва Аҳдномаи минтақаҳои озоди тиҷоратӣ тамоми ҷидду ҷаҳд ва талошашро равона кард.

Ҷумҳурии мо дар давраи раёсати худ дар ИДМ ба рушди ҳамгироӣ дар минтақаи ИДМ мусоидат намуд. Дар охири моҳи сентябри соли 2018 дар Душанбе роҳбарони давлатҳои аъзои ИДМ ҷамъ омада, ҷаласаи навбатии ин созмонро баргузор намуданд. Душанбе мизбони роҳбарони Русия, Белорус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Молдова, Қирғизистон, Арманистон ва Озарбойҷон буд. Роҳбарони кишварҳои аъзои ИДМ дар ҷаласаи худ ба давраи раёсати Тоҷикистон баҳои баланд доданд ва таъкид доштанд, ки тамоми вазифаҳои созмон дар ин давра дар сатҳи хуб ба иҷро расидаанд.

## БОНКИ МИЛЛӢ ДАР IMF/WB SPRING MEETINGS 2018




Дар низоми бонкии Тоҷикистон низ имсол чандин ҳодисаҳои хотирмону муҳим ба вуқӯъ пайвастанд. ,

Сафари роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молия ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва иштироки онҳо дар Ҷаласаҳои баҳории Хазинаи байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ (IMF/WB SPRING MEETINGS 2018) яке аз ҳодисаҳои муҳим ва пурсамари соли 2018 дар низоми бонкии кишвар буд. Намояндагони расмии Тоҷикистон дар ҳайати Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, Вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, Намояндаи Тоҷикистон дар Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор Илҳом Раҷабов ва роҳбарони воҳидҳои сохтории калидии БМТ дар Ҷаласаҳои баҳории Хазинаи байналмилалии



асъор ва Бонки ҷаҳонӣ, ки дар шаҳри Вашингтони ИМА рӯзҳои 16 - 22 апрели соли 2018 баргузор гардид, иштирок намуданд. Дар ҳошияи ин ҷаласаҳо намояндагони расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарияти созмонҳои байналмилалии бонуфузе чун Бонки ҷаҳонӣ ва ХБА мулоқот намуда, масоили ҳамкории Тоҷикистон ва ин созмонҳоро баррасӣ карданд. Аз ҷумла, дар мулоқот бо Ноиби Президенти Бонки ҷаҳонӣ, Сирил Муллер масоили ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ дар самтҳои гуногуни иқтисодиёт баррасӣ шуданд. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, Вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода ва Муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев дар бораи тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, эълон намудани моратория барои санҷишҳо ҷиҳати рушди соҳибкорӣ, шароит ва имкониятҳои мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла гидроэнергетика, туризм, низоми бонкӣ, дастрасӣ дар бозорҳои коғазҳои қиматноки ҷаҳонӣ ва дар бораи барқарор намудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ бо бонкҳои ИМА сухаронӣ намуданд.

Ноиби Президенти Бонки ҷаҳонӣ Сирил Муллер дар ин мулоқот барои тавсиа бахшидани ҳамкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои алоҳида дар соҳаи гидроэнергетика, кишоварзӣ, бахши хусусӣ дар минтақаҳо, дастрасии аҳолии ноҳияҳои дурдаст ба хизматрасониҳои молиявӣ, рушди омилҳои инсонӣ изҳори омодагӣ намуд. Ӯ барои татбиқи лоиҳаҳои Бонки ҷаҳонӣ дар асоси стратегияи миёнамуҳлат ҷиҳати дастгирии рушди устувори низоми молиявию бонкӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда изҳори ҳавасмандӣ кард.

Дар Вашингтон инчунин роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарияти ширкати консалтингии "NAVIGANT" доир ба масъалаҳои нақши муносибатҳои муросилатӣ ва имконияти барқарор намудани онҳо, бо роҳбарияти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба масоили густариши ҳамкориҳо дар заминаи сармоягузорӣ, бо намояндагони Департаменти хазинадории Вазорати молияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар масъалаи ҳамкорӣ дар самти ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотии бонкӣ бо бонкҳои ИМА мулоқот намуданд.

## БАРРАСИИ ҲАМКОРИҲО БО ХБА



Дар ҳошияи ҷаласаҳои баҳории Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор (IMF/WB Spring meetings 2018) раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо муовини Директори

Хазинаи байналмилалии асъор Тао Чжан низ мулоқоти корӣ анҷом дод. Дар мулоқот мавзӯи вусъат бахшидани ҳамкориҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт, низоми молиявию бонкӣ ва мусоидат дар фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вобаста ба ин таҳияи барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ХБА муҳокима шуд.

Зимни мулоқот Раиси Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки аз ҷониби ХБА дар минтақа Маркази такмили ихтисос барои омода намудани мутахассисон бо истифода аз таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ таъсис дода шавад. Тао Чжан изҳор дошт, ки барои вусъат бахшидани ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон монеа вуҷуд надорад ва барои густариши ҳамкориҳои судманд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ХБА саъй хоҳад кард. Дар мулоқот изҳори умед шуд, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ХБА таҳким ёфта, дарояндаи наздик барномаҳои нав мавриди татбиқ қарор мегиранд.

Ин мавзӯъ дар мулоқоти Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо Директори Департаменти ХБА оид ба кишварҳои Шарқи наздик ва Осиёи марказӣ Ҷиҳад Азур низ баррасӣ шуд. Дар ин вохӯрӣ низ Раиси Бонки миллии Тоҷикистон барои тавсеа додани ҳамкорӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои нав дар самти расонидани кӯмакҳои техникӣ ба низоми бонкии мамлакат, зарурати барномаи нав ва ҳамзамон ҷалби захираҳо дар доираи он, мусоидат дар барқарор намудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ дар минтақа таъкид карда, гуфт, ки барномаи интизории ХБА ба таҳкими суботи иқтисодӣ ва мусоидат ба ислоҳоти сохтории васеъ, бахусус дар бахши молия ва низоми бонкӣ ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони молиявӣ ва таъсири манфии он ба иқтисодиёти кишвар равона хоҳад шуд.

Маҳз баъди ин вохӯриҳо рӯзи 14 майи соли 2018 ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор таҳти сарварии хонум Падамжа Ханделвал - роҳбари ҳайати ХБА оид ба Тоҷикистон бо сафари корӣ ба Душанбе омада, раванди музокирот доир ба барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ оид ба Тоҷикистонро оғоз намуд. Ҳайати ХБА дар ибтидо бо Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода мулоқоти корӣ намуда, оид ба омӯзиши вазъи иқтисодӣ ва эҳтимолияти тарҳрезии барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ муҳокимаронӣ намуданд ва баъдан бо Гурӯҳи иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон машварат доир карданд.

Дар мулоқот зикр шуд, ки дар ҳамкории зич бо вазорату идораҳои дахлдор ҷонибҳо барои қабули барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ ба мувофиқа хоҳанд расид.

## МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ КОРПОРАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛИЯВӢ



Ҳайати Тоҷикистон дар ИМА дар ҳошияи ҷаласаҳои баҳории Бонки Ҷаҳонӣ ва ХБА инчунин бо ҳайати Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) мавзӯи ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои CASA-1000, НБО "Роғун" ва ҳамкорӣ бахри рушди бахши хусусиро баррасӣ намуданд. Дар ин мулоқот Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар бораи таҷдид ва таҳким бахшидани қонунгузории соҳаи бонкӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ суханронӣ намуда, таъкид дошт, ки ислоҳоти мазкур дар соҳаи қонунгузории бонкӣ ба таъмини шаффофият ва рушди соҳа мусоидат хоҳад кард. Дар мулоқот Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ барои идома додани ҳамкорӣ дар бахши хусусӣ изҳори омодагӣ карда, барои тавсиа бахшидани ин ҳамкориҳо изҳори ҳавасмандӣ намуд.

## НАМОЯНДАГОНИ "STANDARD & POOR'S" ДАР ТОҶИКИСТОН



Мулоқоти Ҷамолиддин Нуралиев бо таҳлилгарони Агентии байналмилалии рейтингии "Standard & Poor's" низ яке аз рӯйдодҳои муҳими соҳа буд. 19 июли соли 2018 Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо таҳлилгарони Агентии байналмилалии рейтингии "Standard & Poor's" Тревор Куллинан ва Шоҳрух Темуров, ки барои оғози раванди интишори навбатии рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафари корӣ ба Душанбе омада буданд, мулоқоти корӣ анҷом дод.

Дар мулоқот меҳмонон бо вазъи макроиқтисодии мамлакат, тамоюли рушд дар самтҳои муҳими он дар се соли охир (2015-2018), раванди пешбурди сиёсати иқтисодии мамлакат, идоракунии захираҳои байналмилалӣ, татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ, сиёсати фискалӣ ва қарзи берунаи давлатӣ, бозори коғазҳои қиматнок, барориши евробондҳо бо ҷалби сармояи хориҷӣ, рушди бахши воқеии иқтисодиёт, таъмини суботи молиявӣ, вазъи низоми бонкии кишвар, татбиқи ислоҳот дар ин самт ошно шуданд.

Таҳлилгарони Агентии байналмилалии рейтингии "Standard & Poor's" ҳадафи асосии гузаронидани рейтингҳоро таҳлил намудани нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ аз рӯи маълумотҳои оморӣ ва иттилоотӣ номиданд. Дар мулоқот, изҳори боварӣ шуд, ки агентии мазкур бо такя ба маълумотҳои асоснок бо назардошти тамоюли рушд, вазъи иқтисодии Тоҷикистонро ба таври шаффоф баҳогузорӣ мекунанд.

Бояд гуфт, ки Агентии байналмилалии рейтингии "Standard & Poor's"яке аз созмонҳои бонуфузест, ки ҳамасола рейтинги кредитии кишварҳои оламро мегузаронад ва сармоягузорон бо такя ба маълумоти онҳо барои сармоягузорӣ тасмим мегиранд. Дар соли пеш ин агентӣ ба Тоҷикистон баҳои мусбат дода буд.

## САРМОЯГУЗОРОНИ БОНУФУЗИ ДУНЁ ДАР БМТ



Яке аз ҳодисаҳои хотирмон дар соли 2018 ташрифи сармоягузорони институтсионалӣ ба монанди бонки амрикоии "Меррил Линч" ва фондҳои бонуфузи сармоягузории Fidelity, Metlife, BNP Paribas, T.Rowe Price, Barings, Eaton

Vance ва Danske ба Бонки миллии Тоҷикистон буд. 9 апрели соли 2018 Сармоягузорони институтсионалӣ дар ҳайати Бонки амрикоии "Меррил Линч" ва фондҳои сармоягузории Fidelity, Metlife, BNP Paribas, T.Rowe Price, Barings, Eaton Vance ва Danske бо мақсади шиносоӣ бо вазъи макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла низоми бонкии кишвар ба Бонки миллии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Дар баробари шиносоӣ бо вазъи макроиқтисодии кишвар, ҳайати бонуфузи сармоягузорон ба ҶСК "НБО Роғун" барои ошноӣ бо корҳои сохтмонӣ сафар карданд. Ҳайати бонуфузи сармоягузоронро Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ба ҳузур пазируфта, онҳоро бо вазъи макроиқтисодӣ ва низоми бонкии мамлакат, самтҳои асосии барои сармоягузорӣ ҷолиб, мавҷудияти захира ва имкониятҳои зиёд дар соҳаи гидроэнергетика, сайёҳӣ ва кишоварзӣ ошно намуд. Дар вохӯрӣ масъалаҳои мусоидат ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла ба низоми бонкӣ барои рушди иқтисоди миллӣ, таъмини дастрасии соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна барои рушди истеҳсолот ва таъмини ҷойҳои нави корӣ баррасӣ гардиданд.

## ХАДДИ АҚАЛЛИ САРМОЯИ ОИННОМАВӢ БАРОИ БОНКҲОИ НАВТАЪСИС КАМ ШУД

Дар ибтидои моҳи январи соли 2018 ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис 50 миллион сомонӣ муқаррар карда шуд. Ин иқдом ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид барои таъсиси бонкҳои ҷадид рӯйи даст гирифта шуд.

Бояд гуфт, ки ин яке аз вазифаҳое ба шумор мерафт, ки дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Бонки миллии Тоҷикистон гузошта шуда буд. Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои саривақтии ин масъала барои таъмини рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ, инчунин, ҷалби бештари сармоя ба низоми бонкӣ 4 январи соли 2018 ба Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ" тағйирот ворид намуда, ҳадди ақалли сармояи оинномавиро барои бонкҳои навтаъсис 50 миллион сомонӣ муқаррар намуд.

Ин амал таъсиси бонкҳоро бо сармояи нисбатан камтар имконпазир намуд.

## ҶАЛАСАИ ШӮРОИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ АВРОСИЁ ДАР ТОҶИКИСТОН



Рӯзҳои 4-5 июли соли 2018 дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон Ҷаласаи 38-уми Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) АврОсиё баргузор гардид. Дар кори ҷаласа роҳбарон ва намояндагони бонкҳои марказии ҷумҳуриҳои Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Русия, Бонки байнидавлатӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Ин ҷаласаро муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ роҳбарӣ намуда, иштирокдоронро бо вазъи макроиқтисодии Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини рушди иқтисодиёт ошно намуд. Дар ҷаласа масъалаҳои самтҳои фаъолият ва рушди низоми бонкӣ, вазъ ва тамоюли бозори асъор, маҷмӯи маълумот оид ба пардохтҳои асъории марбут ба гардиши молу хизматрасонӣ, низоми ҳисоббаробаркунӣ тавассути пулҳои электронӣ, вазъи тавозуни пардохт ва тамоюли захираҳои байналмилалӣ, самтҳои асосии сиёсати макропруденсиалӣ ва таъмини суботи молиявӣ баррасӣ шуданд.

Дар ҷаласа таъкид карда шуд, ки дар шароити феълӣ барои тобовар шудан ба мушкилиҳои иқтисодӣ ва фишорҳои берунӣ, бонкҳои марказии АврОсиёро зарур аст, дар баробари тақвият бахшидани низоми бонкӣ, ислоҳоти сохторио идома дода, муносибатҳоро дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монанд.

## ДУШАНБЕ - МИЗБОНИ САРВАРОНИ ҲУКУМАТҲОИ СҲШ

Баргузории ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар Душанбе низ аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳими соли 2018 ба шумор меравад. Дар ин



ҷаласа, ки таҳти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода баргузор шуд, муҳимтарин масъалаҳои ҳамкории кишварҳои узви ин созмон баррасӣ шуданд. Шаҳри Душанбе мизбони меҳмононе, чун Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Бахитжан Сагинтаев, Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Муҳаммедкали Абилгазиев, Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ли Кетсян, Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия Дмитрий Медведев, Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулло Орипов, Вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Сушма Сварақ, Вазири корҳои хориҷии Покистон Мақдум Шоҳ Маҳмуд Курайшӣ ва инчунин роҳбарони ҳайатҳои давлатҳои нозири СҲШ (Афғонистон, Белорус, Эрон ва Муғулистон) буд.

Ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои давлатҳои аъзои СҲШ масъалаҳои татбиқи Барномаи ҳамкории бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ, кори Шӯрои соҳибкорӣ ва Иттиҳоди байнибонкии СҲШ-ро баҳс намуда, барои фаъолияти оядаи созмони мазкур дар бахшҳои гуногун қарорҳо қабул намуданд. Аз ҷумла, онҳо буҷети созмонро барои соли 2019 тасдиқ намуда, роҷеъ ба натоиҷи ин ҷаласа изҳороти муштарак қабул карданд.

Ба ин тартиб, соли 2018 бо ҳодисаҳои муҳиму хотирмони худ, ки заминаҳои мусоидро барои беҳтар шудани вазъи иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар муҳайё кардааст, чун як соли бобарору пурсамар дар ҳаёти мардуми кишвар ва низоми бонкӣ дар хотираҳо боқӣ хоҳад монд.

**Таҳияи**
**А. Мӯминов,**
**"БТҶ".**

# НАҚШИ ВАРЗИШ ДАР АФЗОИШИ ИФТИХОРИ МИЛЛӢ



Бо мақсади ҷонибдорӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҷиҳати рушди ҷомеаи солиму адолатпарвар, тарбияи тафаккури созандаю бунёдкорона ва бедорию афзоиши ифтихори миллӣ ва худогоҳию худшиносӣ равона карда шудааст, 12 ноябри соли равон аз ҷониби Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода варзишгари ҷавону боистеъдод Шаҳриёр Даминов барои дастовардҳояш дар соли 2018 дар мусобиқаҳои байналмилалӣ, ки соҳиби ду метали тилло ва як медали нуқра гаштааст, дар фазои тантанавӣ бо Ифтихорномаи Бонки миллии Тоҷикистон ва кумакпулии якдафъаина сазовор гардонида шуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дастовардҳои назарраси варзишгари ҷавон Шаҳриёр Даминовро махсус қайд намуда, барои ноил шудан ба зинаҳои баландтар дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ба ӯ комёбӣ орзу намуд. Аз ҷумла, мавсуф таъкид кард, ки иқдомҳои зикршуда бо мақсади оммавӣ гардонидани варзиш, ҳавасмандии ҷавонони ҷасуру чолок, варзишгарони соҳибифтихори Ватан, таҳким бахшидани тарзи ҳаёти солим, тарбияи мутахассисони варзида ва рушду нумӯи соҳаи варзиш амалӣ карда мешаванд.

Қобили қайд аст, ки Шаҳриёр Даминов аз синни 14 солагӣ дар Варзишгоҳи Борбади назди Бонки миллии Тоҷикистон бо ин намуди варзиш тамрин менамояд ва чор соли охир Чемпиони мутлақи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қаиқронӣ мебошад.

Ҳамчунин боиси ифтихор аст, ки варзишгари ҷавони тоҷик - Шаҳриёр Даминов дар Чемпионати Осиё оид ба қаиқронӣ ва каноэ, ки 20-25 октябри соли 2018 дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, дар масофаи 1000 метр соҳиби мақоми аввал ва сазовори медали тилло гардид.




Айни замон қаиқрони ҷавон Шаҳриёр Даминов барои гирифтани роҳхат ба Бозиҳои тобистонаи олимпӣ “Токио-2020” бо саъю кӯшиши дучанд омодагӣ дида истодааст.

Барои соҳиби роҳхат шудан Шаҳриёр Даминовро зарур аст, ки дар Чемпионати ҷаҳон (Венгрия) мақоми аз 1 то 6, дар Чемпионати Осиё (Таиланд) ва ё Ҷоми ҷаҳон мақоми аввалро сазовор гардад. Варзишгари ҷавонро ҳоло дар мавзеи қаиқронии Варзишгоҳи Борбади БМТ мурабии ӯ, Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ оид ба қаиқронӣ Нодир Сафаров ба мусобиқаҳои муҳим ва ҳалкунандаи байналмилалӣ ҳаматарафа омода карда истодааст.

Хушбахтона, барои дар сатҳи зарурӣ тайёр кардани ҷавонон ба мусобиқаҳои минбаъдаи байналмилалӣ оид ба қаиқронӣ дар Варзишгоҳи Борбад тамоми шароитҳо муҳайё карда шудааст.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# Соли наватон муборак бошад!

## Посуххҳои дуруст ба саволҳои кроссворди иқтисодӣ-молиявӣ




**АЗ БОЛО БА ПОЁН:**

**1.** Раванди баромадани Британияи Кабир аз Иттиҳоди Аврупо чӣ ном дорад?

**5.** Яке аз асосгузорони ширкати "Apple" - Стив ...?

**6.** Маблағе, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супорида шудааст, чӣ ном дорад?

**7.** Яке аз баробариҳои асосии муҳосибӣ: Дороиҳо – ухдадориҳо = ?

**8.** Порт ба забони тоҷикӣ?

**13.** ҶСП ба забони русӣ?

**14.** Маблағе, ки бо шартҳои бозгардонӣ ба мӯҳлати муайян дода шудааст.

17. Шакли ихтисоршудаи номи яке аз Ташкилотҳои молиявии байналмилалие, ки асосан дар давлатҳои қитъаи Осиё фаъолият менамояд ва санаи 19 декабри соли 1966 таъсис дода шудааст (ба забони тоҷикӣ)?

**18.** Истилоҳи хавф ва таваккал ба забонҳои русӣ-англисӣ?

**АЗ ЧАП БА РОСТ:**

**2.** Иқтисодчии машҳури амрикой, барандаи ҷоизаи Нобелӣ, асосгузори назария ва мактаби монетаристӣ – Милтон ... ?

**3.** Қарзе, ки барои хариди манзил аз бонк гирифта мешавад, чӣ ном дорад?

**4.** Ташкилоте, ки асоси фаъолияти онро миёнаравии молиявӣ (яъне ҷалби амонат ва додани қарз) ташкил медиҳад, чӣ ном дорад?

**8.** Ташкилот ва гурӯҳи давлатҳои рӯ ба инкишофе, ки аз Бразилия, Русия, Ҳиндустон, Чин ва Африқои Ҷанубӣ иборат аст, чӣ ном дорад?

**9.** Шакли кӯтоҳи бозори байналмилалии асъор (аз забони англисӣ)?

**11.** Нақшаи солонаи молиявии даромаду хароҷоти бонк?

**12.** Муродифи (синоними) суғурта?

**15.** Яке аз захираҳои табиие, ки асоси бойгарии давлатҳои Араб мебошад?

**16.** Номи дарё дар Федератсияи Русия?

**Файзалии Сафаралӣ,**
сардори Шуъбаи таҳлили хавфҳои захираҳои байналмилалии Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори БМТ.

**"БТҶ" иттилоъ медиҳад, ки ягона хонандаи зираку доное, ки ҷавобҳои саҳеҳи кроссворди иқтисодӣ-молиявиро пайдо карда ба мо фиристод, коршиноси пешбари қарзии филиали ҶСК "Бонки Эсхата" дар ш. Душанбе, Сайдалӣ Раҷабов мебошад. Мо ӯро табрик мегӯем.**

# ХОНАНДАГОНИ ГИРОМӢ!

## Обуна шудан ба маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" - нашрияи Бонки миллии Тоҷикистонро фаромӯш накунед!




- Маҷаллаи "БТҶ" дар фазои иттилоотии кишвар ҳамчун нашрияи иттилоотию таҳлилӣ, ҳисоботиву бонкӣ ва инъикосгари пешрафту дастовардҳои низоми бонкии кишвар мақоми худро пайдо кардааст.

- Маҷаллаи "БТҶ" вазъи низоми бонкии кишварро инъикос намуда, матолиби ҷолиби иқтисодию бонкиро нашр мекунад ва барои дар амал татбиқ шудани сиёсати пулию қарзӣ саҳми арзанда мегузорад.

- Маҷаллаи "БТҶ" ба минбари озоди олимони соҳаи иқтисоду бонкӣ, мутахассисон ва коршиносони бонкӣ табдил ёфта, мақолаҳои илмӣ ва амалии онҳо дар саҳифаҳои нашрия чоп мешаванд.

- Нашри пайвастаи ҳисоботи омории бонкҳои ҷумҳурӣ маҷаллаи "БТҶ"-ро ба манбаи муътамади омори бонкии кишвар табдил додааст.